**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

**ВБД: 332+339.7(075.8)**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**РАҲМАТОВ УМЕД РАҶАБОВИЧ**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ МОЛИЯВИИ ТАЪМИНИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ

**(ДАР МИСОЛИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН)**

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ

аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**

доктори илмҳои иқтисодӣ,

профессор Файзулло М.Қ.

**Кӯлоб-2024**

**Мундарича**


| | |
|---|---|
| **НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО……………………………........................** | **3** |
| **МУҚАДДИМА.........................................................................................** | **4** |
| **БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ УСЛУБИИ ТАҲҚИҚИ МЕХАНИЗМИ МОЛИЯВИИ ТАЪМИНИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ.....................................................................................** | **15** |
| 1.1.Ҷанбаҳои назариявию услубии механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ........................................................... | **15** |
| 1.2. Қоидаҳо ва хусусиятҳою омилҳои ба сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ таъсирбахш............................................................................... | **30** |
| 1.3. Таҷрибаи хориҷии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ ва имконоти истифодабарии онҳо дар ҶТ.................................................... | **46** |
| **БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МЕХАНИЗМИ МОЛИЯВИИ ТАЪМИНИ САРМОЯГУЗОРИИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН..............................................................................** | **64** |
| 2.1. Таҳлили вазъи муосири сармоягузориҳо дар иқтисодиёти миллӣ ва буриши минтақаҳои он.......................................................................... | **64** |
| 2.2. Арзёбии самаранокии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ дар вилояти Хатлон.......................................................................... | **76** |
| 2.3. Баҳодиҳии механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо дар иқтисодиёти вилояти Хатлон................................................................... | **94** |
| **БОБИ 3. САМТҲОИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ МОЛИЯВИИ ТАЪМИНИ САРМОЯГУЗОРИИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН..............................................................................** | **108** |
| 3.1. Рушди ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ дар таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон............................ | **108** |
| 3.2. Роҳҳои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба иқтисодиёти вилояти Хатлон.................................................................................................. | **121** |
| 3.3. Тарҳрезии модули дурнамои механизми таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон...................................................... | **140** |
| **ХУЛОСА...................................................................................................** | **157** |
| **Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот...................** | **160** |
| **РӮЙХАТИ АДАБИЁТ...........................................................................** | **162** |
| **Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия..............................................** | **177** |

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

**ҶТ** - Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ММД** - Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**МММ** - Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ

**ААИ**-Андоз аз арзиши иловашуда

**КАС** - Комплекси агросаноатӣ

**КОА** - Комиссияи олии аттестатсионӣ

**БОР** - Бонки Осиёгии Рушд

**БАТР** - Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд

**ВМКБ** - Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

**ИДМ** - Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИМА** - Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ИА**- Иттиҳоди Аврупо

**МММ 1 коргар**-Музди меҳнати моҳона ба ҳар як нафар коргар

**МОИ** - Минтақаи озоди иқтисодӣ

**НТМ** - Ноҳияҳои тобеи марказ

**НБО** - Неругоҳи барқии обӣ

**ПИТ** - Пешрафти илму техника

**СҲИ**Р - Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва Рушд

**СММ** - Созмони миллали муттаҳид

**СМР** - Стратегияи миллии рушд то давраи соли 2030

**ҶДММ** - Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд

**ҶСП** - Ҷамъияти саҳомии пӯшида

**ҶМЧ** - Ҷумҳурии Мардумии Чин

**ШДБХ** - Шарикии давлат ва бахши хусусӣ

**БМТ** - Базаи моддию техникӣ

**ФАИ** - Фондҳои асосии истеҳсолӣ

**МУК**- маҳсулоти умумии кишоварзӣ

**МУС**- маҳсулоти умумии саноатӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрами мавзуи таҳқиқот.** Ташаккул ва рушди иқтисодиёти аксари кишварҳо аз сатҳу дараҷаи тараққиёти иқтисодиёти минтақаҳои ҳудудӣ ва маъмурии онҳо вобастагии мустақим дорад. Дар шароити муносибатҳои рақобатноки иқтисодӣ ҳар як минтақаи ин ва ё он кишвар мехоҳад, ки сатҳу дараҷаи зарурии тараққиётро доро бошад. Зеро рушди иқтисодиёти минтақаҳои ҳудудӣ ва маъмурӣ ин дар навбати худ беҳбудӣ ва некуаҳволии зиндагии аҳолии он маҳсуб меёбад. Маълум аст, ки барои фаъолияти самараноки иқтисодиёти минтақаҳои ҳудудӣ ва маъмурӣ сармоягузориҳо нақши калидӣ доранд, аз ҷумла фаъолияти босуботи субъектҳои хоҷагидорӣ ба мавҷудияти сармоягузориҳо ва иҷрои лоиҳаҳои сармоягузорӣ вобаста мебошад. Таҳдидҳои замони нав таҷдиди назар кардани низоми мавҷудаи таъмини сармоягузориҳо, аз он ҷумла истифодаи усулҳои муосири молиякунонии лоиҳаҳои сармоягузориро дар асоси менеҷменти сармоягузорӣ ба миён гузоштааст. Яъне, низоми мукаммал ва илман асоснокшудаи идоракунии сармоягузориҳо дар ҳама сатҳу дараҷаҳо ба таъмини сармоягузории рушди иқтисодиёти вилоят ё минтақа ва афзоиши самаранокии истеҳсолоти он мусбат арзёбӣ мегардад.

Ҳамзамон барои иҷрои яке аз вазифаи стратегии давлат - таъмини бехатарии озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маводи ғизои босифат имконият фароҳам меояд. Бо ибораи дигар, таъмини сармоягузории рушди иқтисодиёти вилоят ё минтақаи маъмурию ҳудудӣ ба табдили истеҳсолоти хусусияти агросаноатидошта ба истеҳсолоти саноатию аграрӣ мусоидат менамояд. Дар ин замина таъмини сармоягузории ҳар як вилоят бо хусусиятҳои хоси худ, омилҳо ва захираҳою нерӯи мавҷудаи сармоягузорӣ фарқ мекунад, ки онҳо дар ниҳояти кор ба рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар дилхоҳ минтақаҳои ҳудудӣ ва маъмурӣ таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва омӯзиши механизм, хусусиятҳою омилҳои ба таъмини сармоягузориҳои ба тараққиёти иқтисоди кишвари мо ва манотиқи он таъсирбахш аз зумраи масоили илмии ба таҳқиқ ниёздошта мебошанд. Зеро норасоии сармоягузориҳо дар ҳама паҳлуҳои ҳаёти

иқтисодӣ- иҷтимоии иқтисодиёти вилоятҳои ҷумҳурӣ, аз он ҷумла дар минтақаи Хатлон эҳсос мешаванд. Албатта, камчинии сармоя ба ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ, рушди истеҳсолоти рақобатпазир, афзоиши маҳсулоти кишоварзию озуқаворӣ, бунёд ва нигоҳдошти ҷойҳои корӣ, таъмини амнияти хӯроквbooрӣ ва дар умум ба дараҷа ва вазъи иқтисодӣ иҷтимоии зисту зиндагии аҳолии минтақаи Хатлон нақши мустақиму таъсирбахш гузоштааст.

Мувофиқи Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 ва барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ барои солҳои 2021-2025 заминаи тараққиёти иқтисодии кишварро бояд афзоиши назарраси сармоягузориҳо ба сектори воқеӣ ва соҳаҳои инфрасохторӣ ташкил диҳад.[1] Зеро ҳаҷми ками андӯхти дохилӣ ва камчинии сармоягузориҳо ба таҷдиду саноатикунонии иқтисодиёти кишвар ва манотиқи алоҳидаи он халал ворид месозад. Аз ин лиҳоз, давраи имрӯзаи тараққии фаъолияти хоҷагидорӣ нақш ва аҳамияти гузариши соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва иқтисодиёти вилоятҳо ба модели сармоягузории рушд афзун мегардад. Иҷрои ин амал ба такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои ҳудудӣ ва маъмурии он, ки ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ, кишоварзӣ ва саноати коркарди ашёи хоми ватанӣ равона шудаанд, алоқаманд буда, ҳамчун самти муҳими тактика ва стратегияи рушди иқтисодиёти манотиқи кишвар баромад мекунад.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур ба мақсад ва вазифаҳои тараққиёти иқтисодию иҷтимоии кишвар ва вилоятҳои он дар солҳои оянда мувофиқат мекунад ва муҳиммияту аҳамияти амалии мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Таҳқиқи масоили сармоягузорӣ ва категорияҳои ба он алоқаманд ҳамеша дар маркази диққати олимон-иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ буд. Дар рушди масъалаҳои назарияи сармоя ва сармоягузорӣ донишмандони зерин саҳм гузоштанд: С.Б. Барнес, Г. Бирман, Т.

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.- Душанбе, ООО «Контраст». – С.23.

Веблен, Л.Д. Гитман, С. Денисон, М.Д. Ҷонк, Ҷ.М. Кейнс, А. Маршалл, Г. Мюрдал, Д. Нейман, П. Самуэлсон, Ҷ. Тобин, М. Фридман, Д. Хикс, Р.Н. Холт, П.М. Хавранек, У. Шарп, С. Шмидт, С.А. Филин ва диг.

Дар мавриди масоили равандҳои сармоягузорӣ саҳми олимони зерини русро қайд кардан арзанда аст: Бочаров В.В., Бунич П., Валинурова Л.С., Воробев Н.В., Ваганян О.Г., Веретникова О.Б., Головчанская Е.Э., Губанова Е.С., Гускова Н.Д., Денисова Т.П., Иванов В.В., Илинская Е.М., Ишенко Е.О., Казакова О.Б., Матвеев К.Ю., Матвеев Ю.В., Орлова В Ф., Склярова Ю.М., Хачатуров Т. ва диг.

Муносибатҳои сармоягузорӣ дар иқтисоди ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар субъектҳо ва минтақаҳои алоҳидаи он тарафи муҳаққиқони зерин баррасӣ гаштаанд: Р.К. Раҳимов, Т.Н. Назаров, Н.Қ. Қаюмов, Ҳ.У. Умаров, С.Ҷ. Комилов, Л.Ҳ. Саидмуродзода, Ҳ.Р. Раҳимзода, Қ.Қ. Давлатзода, М.Қ. Файзулло, З.С. Султонов, Х.Р. Улуғхоҷаева, Р.Б. Бердиев, Б.М. Шарифзода, Ш.Қ.Хайрзода, В.А. Розиқов ва дигарон.

Ҳамчунин, олимони зерин дар ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти сармоягузорӣ саҳмгузор мебошанд: Т.Д. Низомова, У.С. Ҳикматов, М.Т. Каримова, Ҳ.Н.Фақеров, Ф.М. Муминова, А.А. Солеҳзода, Ҷ.Ҳ. Тағоев, Ф.К. Убайдуллоев , А.А. Бобоев, Б.С. Музаффарзода, А.К. Сафоев, У. Шарифов, Ф. Арабов, Ш.М. Баротзода, Т.Т. Файзуллоев, Ш.С. Бақоев, Р.З. Хидиралиев, Т.А. Холов, Ф.Б. Саидаҳмадов ва дигарон.

Саҳми назарраси олимони мазкур ва асарҳои онҳоро дар назария ва амалияи фаъолияти сармоягузорӣ дар доираи мамлакат, субъектҳо ва соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ таъкид карда, бояд қайд намоем, ки мушкилоти таъмини сармоягузорҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва субъектҳои он ҳоло ҳам ҷой дошта, ба таври нокифоя таҳқиқ шудааст. Аз он ҷумла мушкилоти зеринро зикр кардан мумкин аст: омӯзиши хусусиятҳои сармоягузориҳои вилоят, сарчашмаҳо ва методҳои сармоягузориҳо, усулҳои таъмини ташкилии равандҳои таҳия ва иҷрои лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи вилоятҳо,

истифодаи нисбатан самараноки таҷрибаи давлатҳои пешрафта оид ба таъмини сармоягузорҳои рушди иқтисодиёти минтақаҳои маъмурию ҳудудӣ. Инчунин, дар асарҳои илмии олимони ватанӣ масъалаҳои дахлдор ба таҳлилу арзёбӣ ва самту роҳҳои муосири такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти вилоятҳою минтақаҳо бо назардошти махсусиятҳои онҳо хеле кам вомехӯранд. Муҳиммият ва саривақтӣ будани мушкилоти зикршуда, зарурати ҳалли онҳо дар сатҳи назариявию усулӣ ва амалӣ интихоби мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқотро муайян карда, гузориши мақсад ва вазифаҳои диссертатсияро асоснок кардааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти илмии номбурда ба барномаҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024, бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то солҳои 2030 ва дигар консепсияҳою барномаҳои рушди соҳавию байнисоҳавию минтақавии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда алоқамандӣ дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Ҳадафи таҳқиқот аз тақвияти асосҳои назариявию методологии сармоягузориҳо, таҳия ва асосноккунии маҷмуи дастурамалҳои назариявӣ, усулӣ ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Расидан ба мақсади мазкур гузориш ва ҳалли **вазифаҳои зерини** таҳқиқотро талаб менамояд:

- муайянкунии мафҳум, моҳият ва махсусиятҳои категорияи сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ ва унсурҳои он, механизми моливии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва субъектҳои он;

•омӯзиш ва ошкорсозии махсусиятҳо, қойидаҳо ва омилҳои ба механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва субъектҳои маъмурию территориявии он таъсиррасон;

•таҳқиқи вазъи кунунӣ ва баҳодиҳии натоиҷи пиёдасозии тарзу услубҳо ва олоту афзорҳои идораи равандҳо, кору фаъолиятҳо ва фишангу механизмҳои молиякунонии инвеститсияҳои ба тараққиёти иқтисоди ҷумҳурӣ ва субъектҳои маъмурию ҳудудии он мусоидат- кунанда;

•дар робита бо корбариҳои мақомоти давлатӣ ва сектори хусусӣ дар заминаи ҷустуҷӯй ва дарёфти роҳҳои ҷалбкунии инвесторҳои хориҷӣ асоснок намудани самтҳои калидии мукаммалгардонии механизми таъмини молиякунонии инвеститсияҳои ба тараққиёти иқтисоди ҷумҳурӣ ва субъектҳои маъмурию ҳудудии он мувофиқаткунанда;

•бо назардошти корбариҳои ҳамҷояи сектори хусусӣ ва мақомоти давлатӣ пешбинӣ намудани ҳаҷми сармоягузориҳое, ки барои тараққиёти вилояти Хатлон минбаъд дар фосилаҳои гуногуни вақт зарур мегарданд;

•дар заминаи таҳқиқоту таҳлилҳои анҷомпазируфта коркард намудани тавсияҳои исбот ва санҷидашуда, ки ба мукаммалгардонии механизми таъмини молиякунонии инвеститсияҳои ба тараққиёти иқтисоди ҷумҳурӣ ва субъектҳои маъмурию ҳудудии он, аз ҷумла вилояти Хатлон мусоидат мекунанд.

**Объекти таҳқиқот** ин ҷараёнҳо ва таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва манотиқи маъмурию ҳудудии он, аз ҷумла фаъолият ва таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти корхонаҳо ва хоҷагиҳои вилояти Хатлон маҳсуб меёбад.

**Мавзуи таҳқиқот** шомили муносибатҳои ташкилию иқтисодие мебошад, ки дар раванди ташкилу такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди корхонаҳо ва хоҷагиҳои ҷумҳурӣ, минтақаҳои маъмурию ҳудудии он, аз ҷумла вилояти Хатлон зуҳур мекунанд.

**Фарзияи таҳқиқот** аз он бармеояд, ки таҳқиқот ва таквияти асосҳои назариявию методологии сармоягузориҳо, таҳия ва асосноккунии маҷмуи

дастурамалҳои назариявӣ, усулӣ ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва вилоятҳои он ба рушди бахши воқеии иқтисодиёти кишвар, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, ғанӣ гардидани бозорҳои миллӣ, пайдоиши ҷойҳои нави корӣ ва дар маҷмуъ ба беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи кишвар мусоидат мекунад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** таҳқиқотҳои бунёдии илмии муҳаққиқони классикии илми иқтисодиёт, таҳқиқотҳои донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ, аз он ҷумла олимони рус дар бахши таҳқиқоти макроиқтисодӣ, ҳамчунин таҳқиқотҳо дар соҳаи молия, муомилоти пулӣ ва қарз ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ҳамчун олоти таҳқиқ ҳангоми коркард ва таҳлили рақамҳо **усулҳои** мафҳумию мантиқӣ, монографӣ, ҳисобию конструктивӣ, иҷтимоӣ, иқтисодию оморӣ истифода шуданд.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати иттилооти аввалия маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин барномаҳои дигари давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ оид ба ташаккул ва рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти вилояти Хатлон истифода бурда шуданд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. Кори таҳқиқотӣ дар кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ солҳои 2016-2024 анҷом дода шудааст.

**Навовариҳои илмии таҳқиқот** аз рушди дастурҳои назариявӣ, усулӣ, амалӣ ва таҷрибавӣ оид ба ташкилу такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди корхонаҳои ҷумҳурӣ, минтақаҳои маъмурию ҳудудии он, аз ҷумла вилояти Хатлон иборат буда, муҳимтарини онҳо нуктаҳои зер мебошанд, ки онҳоро диссертант ҳамчун навгониҳои кори илмию таҳқиқотии

хеш муаррифӣ намудааст:

•ҷанбаҳои назариявӣ, бахусус мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои сармоягузорӣ ҳамчун категорияи мураккаби иқтисодӣ, ҳамчунин унсурҳои фаъолияти сармоягузорӣ таҳқиқ ва мавқеи онҳо дар шаклгирӣ ва тараққии иқтисодиёти кишвар ва субъектҳои маъмурию ҳудудии он муайяну муқаррар ва тақвият бахшида шуданд ;

•хусусиятҳои хоси механизми молиякунонии таъмини сармоягузориҳо ва қойидаҳою омилҳои объективию субъективии ба равнақи иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва субъектҳои маъмурию ҳудудии он таъсиррасон ошкор ва натиҷагирӣ шуд, ки баҳисобгирии онҳо имконият медиҳад дар мавриди таҳия ва амалигардонии барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо қарорҳои идоракунии асоснок қабул карда шаванд;

•дар асоси таҳлили ҳолати имрӯза, арзёбии ҷамъбастӣ ва оқибатҳои амалигардонии усулҳо ва фишангҳои идоракунии ҷараёнҳо, фаъолиятҳо ва фишангу механизмҳои молиякунонии инвеститсияҳои ба тараққиёти иқтисоди ҷумҳурӣ ва субъектҳои маъмурию ҳудудии он мусоидаткунанда натиҷагирӣ шуд, ки ҳолат, тараққӣ ва истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳо ва хоҷагиҳои ҳар як минтақа, аз ҷумла вилояти Хатлон аз вазъи молиявии онҳо ва мавҷудияту истифодаи самаранокии сармоягузориҳо дар вобастагӣ мустақим қарор дорад;

•самтҳои асосии такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он, аз ҷумла вилояти Хатлон бо назардошти рушди ҳамкориҳои давлату бахши хусусӣ, роҳҳои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва дурнамои таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти минтақаи мавриди таҳқиқ асоснок карда шуданд;

•сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти минтақаи мавриди таҳқиқ бо назардошти истифодаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар заминаи такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он ва тарҳрезии рушди равандҳои иқтисодӣ дар

ҳудудҳои маъмурию ҳудудӣ, бахусус вилояти Хатлон баҳисобгирӣ ва дурнамо шудааст;

•пешниҳодҳо оид ба такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудҳои он, аз ҷумла вилояти Хатлон дар базаи истифодаи таҷрибаи хориҷӣ таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст ва ин имкон медиҳад, ки низомҳои мавҷудаи сармоягузории минтақаҳо дар асоси истифодаи равишҳои муосир, баландбардории нуфуз ва фаъолии сармоягузории корхонаҳо ва хоҷагиҳои минтақаи мавриди таҳқиқ такмил дода шаванд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1.Тақвияти муқаррарот оид ба мафҳум, моҳият ва махсусиятҳои категорияи сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ ва унсурҳои он, нақши онҳо дар таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он;

2.Ошкорсозии махсусиятҳо, қоидаҳо ва омилҳои объективию субъективии ба механизми таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он таъсирбахш;

3.Таҳлил, ҳолат ва арзёбии ҷамъбастии натиҷаҳои амалигардонии усулҳою фишангҳои идоракунии ҷараёнҳо, фаъолиятҳо ва механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон;

4.Самтҳои асосии такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он бо назардошти рушди ҳамкориҳои давлату бахши хусусӣ ва роҳҳои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ;

5.Пешбинии ҳаҷми сармоягузориҳо (бо назардошти истифодаи лоиҳаҳои муосири сармоягузорӣ), ки дар заминаи мукаммалгардонии механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо ба тараққиёти устувори иқтисодиёти ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон мусоидат мекунанд.

6.Пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба роҳҳои беҳтаргардонии механизми

молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он, аз ҷумла вилояти Хатлон дар заминаи истифодаи таҷрибаи хориҷӣ.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ. Аҳаммияти назариявии** таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои дар кори диссертатсионӣ бадастомада барои беҳтаргадонии кори механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он, аз ҷумла вилояти Хатлон ҳамчун асосҳои усулӣ ва амалӣ хизмат карда метавонанд. Хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф имконият медиҳанд, ки муқаррароти илмӣ оид ба беҳтаргадонии кори механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он тақвият дода шаванд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқотро дар субъектҳои хоҷагидорӣ ва мақомоти минтақавию маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ ҳангоми асосноккунии механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо, ҷалб ва ҷойгиркунонии сармоягузориҳо, ҳамчунин мавриди мониторинги фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он, аз ҷумла вилояти Хатлон метавонанд истифода намоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи аниқ ва мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, ҳаҷми калони иттиллооти истифодашудаи аввалия тасдиқ карда шудааст ва ин ба унвонҷӯ имконият додаст, ки таҳлили амиқи коркард ва баҳодиҳии механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди корхонаҳои ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он, аз ҷумла вилояти Хатлонро доир намояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад: 2.14.

Маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; 3.25. Молияи равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, афзорҳои молиявии сармоягузорӣ; 4.7. Механизми стратегияи инвеститсионии пасандозҳои аҳолӣ; 4.8. Рушди муносибатҳои молиявӣ ва қабули қарорҳои молиявии сармоягузорӣ дар ҳоҷагии хонаводагӣ; 5.2. Асосноккунии назариявӣ ва методологии равишҳои арзёбии амвол, сармоя ва сарчашмаҳои ҷалбгардида.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Тадқиқоти диссертатсионӣ мустақиман аз тарафи муаллиф сурат гирифтааст. Муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда шахсан аз ҷониби муаллиф таҳия гаштааст. Нақши механизми таъмини сармоягузорӣ дар афзоиши рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он, аз ҷумла вилояти Хатлонро муайян карда шудааст. Самтҳои асосии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва  вилоятҳои он, аз ҷумла вилояти Хатлонро муқаррар карда шудаанд. Таҳияҳои илмии диссертант дар раванди омӯзиш дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ ҳангоми омӯзиши курсҳои таълимии «Таҳлили лоиҳаҳои инвеститсионӣ», «Асосҳои молия» ва «Молия, муомилоти пул ва қарз» истифода бурда шуданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муҳтавои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ ва илмию амалии аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар солҳои 2016-2024 баррасӣ гардидаанд. Муқаррароти алоҳидаи кори диссертатсионӣ дар конференсияҳои байналмилалии илмию амалӣ низ қироат ва мавриди қабул гардиданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** дар 23 кори илмии муаллиф, аз он ҷумла дар 5 мақолаи дар маҷалла ва нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Ҳаҷми умумии маводи чопшудаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 9,6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Матни кори илмӣ дар 181 саҳифаи компютерӣ чоп карда шуда, дорои 31 ҷадвал ва 7 расм ва 14 диаграмма мебошад.

# БОБИ 1.
# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ УСЛУБИИ ТАҲҚИҚИ МЕХАНИЗМИ МОЛИЯВИИ ТАЪМИНИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ

## 1.1.Ҷанбаҳои назариявию услубии механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ

Аз соҳибистиқлол гардидани кишвар то ҳол фаъолияти сармоягузорӣ дар рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт нақши назаррас дорад. Ҳангоми соҳибистиқлол гардидани ҳар як давлат барои пешравии иқтисодиёт санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатии сатратегӣ қабул менамояд, ки онҳо фазо, қоидаҳо ва манфиатҳои рушди иқтисодиёти кишварро муаррифӣ менамоянд. Махсусан, дар замони гузариш аз як низом ба низоми дигар ислоҳотҳои гуногун гузаронидан лозим меояд.Умуман, дар марҳилаи гузариш ҳар як давлат дар ҳолати нокифоя будани маблағҳои худӣ кӯшиш менамояд, ки бо мақсади рушди иқтисоди давлат таваҷҷуҳи сармоягузориҳои ватанӣ ва хориҷиро ҳарчи зиёдтар ба риштаҳои ҷудогонаи кишоварзӣ равона созад.

Давлатро зарур аст, ки дар ҷалби сармоягузориҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба сифати замонатдиҳандаи асосӣ баромад кунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳайё намудани шароити мусоид оиди ҷалби сармоягузории хориҷӣ соли 1992 қонунро“Дар бораи сармоягузории хориҷӣ”қабул кард. Бояд ёдовар шуд, ки баъди истиқлолият ба даст овардани кишварамон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” аз 25.04.2007, № 545 дар таҳрири нав қабул гардид. Пас аз гузашти чанд соли рушди ин соҳаи зарурии ҷумҳурӣ бо тағйироту иловаҳо дар ин қонун боз қонуни нав «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, таҳти №1299 қабул карда шуд.

Ба воситаи ин қонуни қабулгардида амали намудани фаъолияти сармоягузорон танзим карда шуда, ҳавасмандгардониҳои сармоягузорӣ, ҳимояи

ҳуқуқу манфиятҳои сармоягузорон баробар дар ин қонуни қабулгардида кафолат дода мешавад.[2]

Дар адабиёти иқтисодӣ дар мавриди мафҳуми «сармоягузорӣ» чун дигар категорияҳои иқтисодӣ маъноҳои амиқ, шарҳҳои мухталифи зиёд ва гоҳҳо зидди ҳамдигар пайдо гардидааст. Андешаҳо ва хулосаҳои иқтисодшиносон дар муддати солҳои тӯлонӣ вобаста ба сармоягузорӣ тағйир ёфтааст, ки ин ҳамарӯза ба чашм мерасад. Сармоягузориро дар бисёр тафсирҳо ба гузоштани воситаҳои пулӣ медонанд.

Ба шарҳи болозикр пурра розӣ шудан лозим нест, зеро сармоягузорӣ на танҳо воситаҳои пулӣ фаҳмида мешавад, балки дигар дороиҳо ба монанди моликиятҳои манкул ва ғайриманкул, коғазҳои қиматнок ва дигар арзишҳои қиматнок баромад карда метавонанд, фаҳмида мешавад.

Дар ин маврид ақидаи А. А. Дынкин ҷолиби диққат аст. Номбурда қайд мекунад, сармоягузорӣ ин усули ҷойнамоии сармоя маҳсуб меёбад, ки барои нигоҳ доштани сармоя ё арзиши сармояро афзоиш дода, меъёри зиёди даромадро ба вуҷуд меорад. Маълум мегардад, ки пул ин як фишанг ё ченаки нигоҳдоранда баҳисоб меравад. Номбурда қайд менамояд, ки дар сармоягузорӣ маблағҳои озод сармоягузорӣ шуда наметавонад, зеро мумкин аст пулҳои накд арзишашон кам гардида, ягон намуд даромадро ба вуҷуд наоранд. Ин маблағҳои озод агар дар суратҳисоби амонатии бонк гузошта шавад инро сармоягузорӣ гуфтан мумкин аст, зеро суратҳисоби амонатии бонк додани кафолати пурраи даромадро медиҳад.[3] Ба фикри инҷониб, қисмати аввали таъриф хеле хуб баромадааст, аммо дар қисматҳои баъдинаи он муаллиф мафҳуми сармоягузориро бо гузориши пул ва даромад аз он маҳдуд месозад. Яке аз муҳаққиқони муваффақи ин мавзуъ Ҷон Мейнард Кейнс мебошад. Ӯ дар асараш “Назарияи умумии шуғл, дарсадӣ ва пул” иброз намудааст, ки ҳама

---

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузориҳо», Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1299 аз 15 марти соли 2016.

[3] Дынкин А. А. Инвестиционная политика России: состояние, зарубежный опыт, перспективы. - М.: ИМЭМО, 2007. - С. 56.

намуди афзоиши молу мулки сармоявӣ сармоягузорӣ ҳисобида шуда, новобаста аз он ки сармояи асосӣ ё гардон ва пурхаридор мебошад.[4]

Шарҳи зиёди васеи сармоягузорӣ дар луғати калони энсиклопедӣ бо номи "Investor Words"қайд гардида аст,ки сармоягузорӣ гузоштани пул бо мақсади фоидаи иқтисодӣ ба даст овардан мебошад.[5] Бояд тазаккур дод, ки ин шарҳи болозикр мазмуни хеле васеъ дошта, дар инҷо нуқтаҳои муайяншудаи асосӣ гузоштани пул ва мақсади гирифтани фоидаи иқтисодӣ муайян шуда аст. Чунин шарҳи додашуда дар сармоягузорӣ дуруст ва мувофиқ мебошад, аммо ҳама паҳлӯҳои ин шарҳро пурра кушоду равшан намекунад.

Муҳаққиқи дигари рус Склярова Ю.М. дар китоби худ "Инвестиции" ақидаи олимони фаронсавиро овардааст. Номбурда аз ҷумла менигорад, ки олими фаронсавӣ Э. Класс сармоягузориҳоро захираҳои иқтисодӣ барои баланд бардоштани сармояи воқеии ҷомеа, яъне васеъ ва навсозии таҷҳизоти истеҳсолӣ равонашуда тавсиф намудааст, ки сипас қисман ё пурра барои азнавкунии сармояи асосӣ низ равона карда мешаванд. Ба назари дигар олимони фаронсавӣ Дерек Стоун ва Клод Хитчинг сармоягузорӣ маънои хароҷоти пулӣ ё ба ҳамин монандро дорад, ки дар оянда маблағи зиёд аз маблағҳои хароҷотшуда гирифта шавад. Инчунин, олими дигари фаронсавӣ Р. Массе сармоягузориро як амали дастгирӣ барои манфиатҳо ва мубодилаи қаноатбахши талаботи имрӯзу оянда шарҳ додааст.[6]

Андешаҳои иқтисодшиносон муваффақ Макконнелл К.Р. ва С.Л. Брю оиди сармоягузорӣ хароҷотҳое медонанд, ки барои истеҳсолот, ҷамъоварии воситаҳо дар истеҳсолот, инчунин афзоиш додани захираҳои моддӣ равона карда мешаванд.[7] Яъне олимони номбурда сармоягузориҳоро ҳамчун хароҷот тавсиф намуданд, ки ба афзун намудани захираҳои моддӣ нигаронида шудаанд. Яъне

---

[4] Коробейников М.М. Экономический механизм АПК: Стратегия совершенствования. М.: Колос С, -2002. – С.45 (269с ).
[5] Вопросы увеличения инвестиционных ресурсов для развития промышленности Таджикистана. / Материалы форума промышленников Таджикистана. Душанбе, 2007.- С.59.
[6] Склярова Ю.М. и др.Инвестиции: учебник Ростов н/Д: Феникс, 2015г. –С.12. (349 с).
[7]Макконнелл, К. Р. Принципы, проблемы и политика [Текст] / К. Р. Макконнелл, С. Л. Брю //Экономикс. — М.: Республика, 1992. - Т.1. – С.98.

дар ин таърифи сармоягузориҳо муносибати хароҷотию захиравӣ ба назар мерасад.

Вобаста ба сармоягузорӣ олимони дигари хориҷӣ Бендҷамин Грэм ва Ц. Джейсон чунин андешаҳо доранд, ки сармоягузориро ҳамчун амалиёте мефаҳманд, ки барои бо диққат таҳлил намудани далелҳо,ояндабинӣ намудан, таъмин намудани бехатарии воситаҳои гузошташуда ва барои даромади басанда равона карда мешавад. Ин иқтисодшиносон ҳамаи боқимонда амалиётро савдогарӣ, қаллобӣ меҳисобанд.[8] Нуқтаи ҷолиби ин мафҳум ин аст, олимони мазкур сармоягузориро ҳамчун амалиёт баҳо додаанд.

Дар китоби «Большой экономический словарь», ки зери таҳрири Н. А. Александр аз чоп баромадааст, оид ба мафҳуми сармоягузориҳо ақидаи олимони зерин оварда шудааст: Перейти К. чунин андеша дорад, ки зери мафҳуми сармоягузорӣ ҳамаи коғазҳои қиматнок, сармояи асосӣ ва сармояи гардон, ҳамаи он обйектҳои амали соҳибкорӣ ва ҳуқуқҳои дигар, ки дар онҳо арзиши пулӣ мавҷуд буда, инчунин мақсади асосии он бадастории фоида ва дигар мақсадҳои манфиатовар мебошад, фаҳмида мешавад. Иқтисодшиносони хориҷӣ Долан Эдвин Ҷ., Линдсей Девид қайд намудаанд, ки сармоягузорӣ дар низоми иқтисодӣ ҳаҷми сармояро афзоиш медиҳад ва ҳамаи он воситаҳои истеҳсолоте мебошанд, ки одамон ба вуҷуд овардаанд.[9]

Дар иқтисодиёти солҳои охири давлати Иттиҳоди Шуравӣ олимон ба ин падида мароқ зоҳир намуда буданд. Масалан, дар луғати “ Финансово-кредитный словар” ки зери таҳрири В.Ф. Губанов чоп шудааст, инвеститсияҳо ҳамчун гузориши дарозмуддати сармоя ба соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ маънидод карда шудааст.[10] Ҳамчунин, дар асари дигари ҳамон давра бо номи “Политическая экономия: словарь”, ки зери таҳрири О.И. Ожерельева чоп шудааст, инвеститсияҳо ҳамчун хароҷотҳо барои такрористеҳсол, афзоиш ва мукаммалгардонии фондҳои асосӣ шарҳ дода

---

8 Бенджамин, Г. Разумный инвестор - М., 2006. - С.112 (672с.).
9 Александр Н. А. Большой экономический словарь. - М., 1994. –С.2 (525 с.).
10 Финансово-кредитный словарь/ Под ред. В.Ф. Губанов.-М.: Финансы и статистика, 1984.

шудааст.[11] Ба фикри мо дар ҳарду шарҳи охирин мафҳуми инвеститсияҳо бо мафҳуми маблағгузориҳои асосӣ (капитальные вложения), ки дар ҳамон давра дар иқтисодиёти ин мамлакат истифода бурда мешуд, баробар дониста шудааст.

Ба назари муҳаққиқи дигари ин мавзуъ - Е. Р. Орлова зери мафҳуми сармоягузорӣ тамоми дороиҳое фаҳмида мешавад, ки дар фаъолияти хоҷагидорӣ истифода бурда мешавад,. Орлова шарҳи сармоягузориро чунин муайян месозад, ки ин хароҷот намудан барои ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ, васеъ намудани истеҳсолот, азнавсозӣ истеҳсолот, таҷҳизонидани сармояи асосӣ, ҳамчунин тағйирдиҳӣ ва мувофиқ сохтани он ба сармояи гардон фаҳмида мешавад.[12] Ба назари мо дар ин шарҳи сармоягузорӣ муҳаққиқ асосан ба маблағгузориҳои асосӣ ё худ сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Муҳаққиқони рус О.Б Веретеникова ва Е.С. Рыбиной оид ба сармоягузорӣ чунин ақида доранд, ки сармоягузорӣ дар рушд дурнамои соҳаи саноат, афзоиш ёфтани қисми даромади буҷети мамлакат, зиёд гардидани фоидаи ширкатҳо, баромадан ба бозорҳои ҷаҳонӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва афзоиши захираҳои молиявӣ ва дигар манфиатҳо, муайян намуданд. Ҳамчунин, дар ин равиш ба ақидаи А. Крутик, Е. Г. Никольская сармоягузорӣ ҳамаи он арзишҳоест, ки барои объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар шаклҳои фаъолият равона карда шуда, дар натиҷа даромад ё дигар натиҷаҳои зарурии иҷтимоӣ ба даст оварда мешавад, фаҳмида мешавад.[13] Ба фикри диссертант дар ҳолати аввал муҳаққиқон ҳадафҳои ниҳоии сармоягузориро шарҳ додаанд ва шарҳи дуввум нисбатан мукаммал маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, назари якчанд олимон дигари русро, ки да ин мавзуъ таҳқиқот анҷом доданд, пешниҳод менамоем. Ба андешаи Ваганян О. Г. ва Н. Д. Гускова сармоягузорӣ – ин, яъне масрафи маблағ барои ворид намудани маблағҳои зиёдтар, ҳамчунин бо мақсади даромад гирифтан ва ғанӣ сохтани сармоя ва ё ҳардуи он ҳисобида

[11] Политическая экономия: словарь / Под ред. О.И. Ожерельева.- М., 1990.-С.189.
[12] Орлова Е. Р. Инвестиции: Курс лекций. - М.: Омега-Л, 2003. - С. 8(76 стр).
[13] Крутик А.Б. Инвестиции и экономический рост предпринимательства- СПб., 2000. - С.36.

мешавад.[14] Андешаҳои В. Клавденко чунин мебошад, ки сармоягузорӣ таъмини талаботи имрӯзаро иваз намудан ба неъматҳо аз онҳо зиёдтар дар оянда мебошад ( ин аз арзиши гузошташуда зиёдтарро дар назар дошта мешавад).[15] Андешаи В. Н.Дегтяренко ин аст, ки сармоягузорӣ дар фаъолияти истеҳсолӣ афзоиш ёфтани арзиши амвол дар давраи зикрёфта ба ҳисоб рафта, он алҳол дар истеъмолот истифода бурда нашудааст.[16] Оид ба аҳамияти сармоягузориҳо дар рушди корхонаву ташкилотҳо С. Губанов шарҳ додааст, ки инвеститсия ин ҷойгиркунии воситаҳои пулӣ ба ин ё он лоиҳаҳои дарозмуҳлати корхона, ташкилот мебошад.[17] Муҳаққиқи дигар Филин С. А.чунин қайд намуда аст, ки «Истилоҳи сармоягузорӣ аз калимаи лотинии invest гирифта шуда, маънои гузоштанро дорад». Номбурда дар назар дорад, ки сармоягузорӣ ҳамчун манқула дар иқтисодиёт дар баробари дигар категорияҳои иқтисодӣ ба мисли истеъмолот, пасандоз, даромад васеъ истифода карда мешаванд.[18]

Олимони ватанӣ низ дар мавриди шарҳи мафҳуми сармоягузориҳо назари худро доранд. Муҳаққиқон Розиқов В.А., Раҳимов Ш.М., Сафаров С.Г. мафҳуми инвеститсияро шарҳ дода, қайд мекунанд, ки “инвеститсияҳо ин гузориши дарозмуддати сармоя дар шакли моддӣ, пулӣ ва ғайримоддӣ мебошад, мақсад аз он гирифтани фоида ё самараи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад”.[19] Нуқтаи ҷолиби диққати таъриф ин аст, ки муҳаққиқон инвеститсияҳоро гузориши дарозмуддати сармоя ном мебаранд. Албатта, таҳлилҳои баъдина нишон доданд, ки инвеститсияҳо метавонанд, кутоҳмуддат ва миёнамуҳлат низ бошанд. Муҳаққиқи дигари ватанӣ Шукуров К.И. дар мавриди

---

[14] Ваганян О. Г. Управление формированием и развитием интеллектуального капитала коммерческих организаций: автореф. дис...канд. экон. наук. - М., 2008. – С.35.

[15] Клавденко В. Инвестиции и экономический рост // Инвестиции в России. -2002.- № 7. - С. 40 - 46.

[16] Дегтяренко В.Н. Оценка эффективности инвестиционных проектов. - М.: Экспертное бюро, 1997. -С. 144.

[17]Губанов С.Глубинные проблемы инвестиционных процессов// Экономист. - 2001г.- № 8. - С.60-61.

[18]Филин, С. А. Инновационно-инвестиционное управления венчурном бизнесе. - М.: ИНИЦ Роспатента, 2004. — С.37

[19]Розиқов В.А., Раҳимов Ш.М.,Сафаров С.Г. Инвестиционная политика РТ и основные направления её активизации.-Душанбе.: “ Сарпараст”, 2001.-С.21 (175с.).

ивеститсияҳо қайд мекунад, ки табиати инвеститсия ба қонунияти ҷамъиятии такрористеҳсоли васеъ алоқаманд буда, моҳияти он барои он асос ёфтааст, ки як қисми маҳсулоти иловагии ҷамъиятӣ барои афзоиши микдорӣ ва сифатии кулли унсурҳои низоми қуввахои истеҳсолкунандаи ҷамъиятӣ истифода мешавад.[20] Дар ин шарҳ муҳаққиқи номбурда сармоягузориҳоро ҳамчун як қисми маҳсулоти иловагии ҷамъиятӣ маънидод намудааст, ки хусусияти фарқкунандаи ин таъриф маҳсуб меёбад. Таҳқиқотчии дигари ин мавзуъ Исмоилов А.А. мафҳуми сармоягузориҳоро шарҳ дода иброз медорад, ки инвеститсияҳо ин тарзи ҷойгиркунии сармоя мебошад, ки ба нигоҳдорӣ ва афзоиши сармоя мусоидат намуда, ягон бузургии мусбии даромад меоварад.[21] Хусусияти фарқкунандаи ин таъриф дар он мебошад, ки муҳаққиқ инвеститсияро тарзи ҷойгиркунонии сармоя тавсиф намудааст. Тағоев Ҷ.Ҳ. ба мафҳуми сармоягузорӣ таърифи зеринро пешниҳод мекунад: “Сармоягузорӣ - ин сармоя гузоштан бо ҳама гуна шакли зуҳур карданаш дар амали соҳибкорӣ ва ё шакли дигари фаъолият барои фоида ба даст овардани фоида, ё ин ки ягон самари иҷтимоӣ, зистшиносӣ мебошад”.[22]Дар таърифи мазкур мафҳуми инвеститсия нисбатан пурра шарҳ дода шуда, мақсади гузориш низ дақиқан муайян гардидааст. Муҳаққиқи дигари ватанӣ Музаффаров Б.С. сармоягузориҳоро ҳамчун ҷараёни табдили захираҳо ба хараҷотҳо (бо назардошти ҳодисаҳои сармоягузорӣ) барои фоида ба даст овардан маънидод кардааст[23]. Қобили қайд аст, ки дар таърифи зикршуда ҳадафи сармоягузорӣ танҳо гирифтани фоида маънидод шудааст, ки ба назари инҷониб, ин тавсиф мақсади сармоягузориҳоро маҳдуд мекунад. Ба андешаи дигари иқтисодшиносони ватанӣ С. Маъдиев, А. У. Ҳомидов, У. А. Шарипов “сармоягузорӣ барои афзоиши коркарди махсулоти соҳаи хоҷагии қишлоқ ва

---

[20]Шукуров К.И. Экономическая эффективность инвестиции привлеченые в дехканских (фермерских) хозяйств. Автореф. на соис. уч. степени к.э.н. – Душанбе, 2004. – С .8 (21 с).
[21]Исмоилов А.А. Особенности использования инвестиции в АПК в условиях остоновления рыночных отношений. Автореф. на соис. уч. степени к.э.н. – Душанбе, 2004. – С.7 (23 с).
[22]Тағоев Ҷ.Ҳ. Пути активизаци инвестиционной деятельности предприятий. -Душанбе.: «Ирфон», 2009. -С.25(140с.).
[23]Музаффаров Б.С. Пути повышения инвестиционной активности предприятий аграрного сектора региона. Автореф. на соис. уч. степени к.э.и. – Душанбе, 2013. -С.9 (25 с).

истеҳсолоти саноат имконияти бештар фароҳам меоварад”.[24] Ба андешаи мо, пажӯҳишгарони мазкур ба ҷойи ташреҳи мафҳуми сармоягузорӣ имконоти онро дар пайдо намудани усулҳои коркарди маҳсулоти риштаи кишоварзӣ ва истеҳсолоти саноатӣ тафсир кардаанд. Ҳамчунин, муҳаққиқи дигар Ф.П. Арабов қайд мекунад, ки сармоягузории замин ин ҷараёни табдили ҳама намудҳои арзишҳои моликиятӣ ва зеҳнӣ барои истифодабарии оқилона ва муташаккилона ва ҳифзи захираҳои замин бо ҳадафи даромад ба даст овардан ва нигаҳдошти аҳамияти иҷтимоӣ – иқтисодии замин мебошад.[25] Ба ақидаи мо дар ин таъриф, на шарҳи мафҳуми сармоягузориҳо, балки тавсифи сармоягузориҳо ба замин анҷом пазируфтааст, ки яке аз самтҳои гузориши сармоягузориҳо маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, андешаю фикри олимони хориҷӣ ва ватаниро таҳқиқ намуда, хулоса намудем, ки мафҳуми сармоягузориро олимони ватанию хориҷӣ ба таври гуногун шарҳ додаанд. Дар маҷмуъ, бисёр таърифҳо чунин фаҳмиши ин мафҳумро ифода менамоянд: сармоягузорӣ, яъне ба васоити асосӣ ва гардон гузоштани сармоя дар вақт ва замони мушаххас барои ҳама гуна шаклҳои амали соҳибкорист, ки ҳадаф аз он фоида гирифтан мебошад. Ба ақидаи мо, зери маънои сармоягузорӣ ин барои ташаккул ва рушд додани фондҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ва рушди соҳаи иҷтимоиёт мебошад, фаҳмида мешавад.

Ҳадафи сармоягузори намудани дар истеҳсолот аз он иборат мебошад, ки дастгоҳу таҷҳизотҳо таҷдид гардида, истеҳсоли маҳсулоти баландсифатро бо нархи дастрас дар бозор таъмин менамояд. Ҳамчунин, афзоиши таъмини ҷойҳои кориро ба вуҷуд оварда, ба вуҷуд омадани рақобат байни молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва содироти молҳои баландсифатро ба хориҷи кишвар таъмин менамояд. Дар ҳамаи ин гуфтаҳои болозикр мо бо бовари гуфта

[24] Шарипов У.А. Привлечение иностранных инвестиций в экономику РТ / У.А. Шарипов, С. Мадиев, А.У. Хомидов // - Успехи современной науки. - Белгород, 2016. - №3, Т.2. - С. 6-11.
[25]Арабов Ф.П. Механизм управления инвестициями в эколого – экономическом использование земельно – водных ресурсов. Автореф. на соис. уч. степени к.э.и. – Душанбе, 2020. – С.10 (30 с).

метавонем, ки сатҳи зиндаги аҳолӣ аз ин ҳам хубтар мегардад. Бо ибораи дигар, ҳадафи асосии соҳибкорон ба даст овардани фоида ва гузоштани маблағҳои озоди худ дар бахшҳои муҳимми иқтисодиёт буда, моҳияти иқтисодии сармоягузориро ташкил медиҳад. Таъсири мусбат расонидани сармоягузориҳо барои таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, пардохти андозсупорандагон ба буҷет, коҳишёби касри буҷети мамлакат, афзоиш ёфтани пасандозҳо дар бонкҳо, ва афзоишёбии истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ кумак мекунад. Зикр кардан муҳим аст, ки мафҳуми сармоягузориро дар адабиётҳои иқтисодии ватанӣ бо мафҳуми маблағгузорӣ як меҳисобиданд. Бояд ёдовар шуд, ки тибқи таҳқиқотҳо ин нофаҳмӣ бартараф шуд ва имрӯзҳо аксаран бар он ақидаанд, ки маблағгузории асосӣ як навъи сармоягузориҳо мебошанд, ки фақат ба фондҳои асосии корхонаҳо равона мешаванд. Оид ба моҳияти инвеститсияҳо мо шарҳи олимони зерини ватани (Мирсаидов М.Н., Тағоев Ҷ.Ҳ., Сафаров А.А.)- ро қабул дорем, ки навиштаанд: “Дар варианти классикӣ моҳияти иқтисодии сармоягузориҳо аз он иборат аст, ки бо мақсади гирифтани фоида шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ маблағҳои аз гардиш озодмондаро дар ягон шакли фаъолият мегузоштанд. Ба ин васила эҳтиёҷоти соҳибкорони соҳаҳои мухталифи фаъолиятро бо маблағ таъмин менамояд ва худи онҳо ҳам фоида ба даст меоранд. Онҳо чунин қайд намуданд, ки маблағҳои озодмонда худ фоидаро ба вуҷуд намеоранд ва илова ба ин онҳо метавонанд беқурб гарданд. Вобаста ба рушди ҳам иқтисодиёт ва ҳам муносибатҳои молиявию пулӣ моҳияти сармоягузориҳо ва мақсади шарҳи онҳо нисбатан васеъ гардидааст”.[26] Тавре, ки мо дар сархатҳои боло вобаста ба мафҳум ва моҳияти сармоягӯзориҳо, таъмини сармоягӯзориҳо назарияҳо ва ақидаҳои мухталифи олимони хориҷи кишвар ва ватаниро оварда таҳқиқ кардем. Ҳамзамон, мо аз олимони хориҷии дигар гуногунии бархӯрдҳо ва ақидаҳо оид ба моҳият, мазмун ва таркиби механизми молиявиро мавриди таҳқиқот қарор медиҳем. Зеро сармоягузориҳо ба механизми молиявӣ алоқамандии мустақим доранд. Масалан, муҳаққиқони рус

[26]Мирсаидов М.Н., Тағоев Ҷ.Ҳ., Сафаров А.А. Фаъолияти сармоягузорӣ. -Душанбе.: «ПРОМЭКСПО», 2016. -С.20(111с.).

Н.С. Лукянцева-Януш ва П.В. Акинин ба он назаранд, ки механизми молиявӣ системаи воситаҳои молиявие мебошад, ки дар асоси он пирисипҳо ва методҳои молиявӣ муайян карда мешавад ва ба таъмини лоиҳаҳои инноватсионӣ тавассути табдил додан ва тақсимоти захираҳои молиявии зарурӣ, нигаронида шудаанд».[27] Ба ақидаи гурӯҳи дигари олимон механизми молиявии идоракунии субъекти хоҷагидорӣ ин системаи унсурҳои ба ҳам алоқаманд мебошад, ки бо ёрии онҳо менеҷерони молиявӣ оид ба ҷузъҳои алоҳидаи зерсистемаи идорашаванда таъсири мақсаднокро амалӣ менамоянд. Ба андешаи муҳаққиқони номбурда ба механизми молиявии идоракунии субъекти хоҷагидорӣ унсурҳои зерин дохил карда мешавад: усулҳои молиявию техникӣ, фишангҳои молиявӣ, ҳавасмандкунӣ, таҳримҳо, меъёрҳо ва қоидаҳо, консепсияҳо ва моделҳои идоракунӣ"[28]. Аз нигоҳи иқтисодчии дигар рус, А.Б. Борисов механизми молиявӣ маҷмуи воситаҳои молиявӣ, фишангҳо, шаклҳо ва усулҳои танзими равандҳои иқтисодӣ мебошад[29].

Дар кори илмӣ механизми молиявии танзими ҳавасмандиҳои фаъолияти сармоягузориҳо дар вилоят таҳқиқ гардидааст. Таҳқиқ гардидааст, ки ин механизм аз аносир, роҳҳо ва навъҳои васоити идоракунии захоири молиявӣ, усулҳо, воситаҳо, фишангҳо, ҳавасмандкуниҳо ва таҳримҳои молиявӣ, дастгирии иттилоотӣ, ки дар расми 1.1. тасвир кардем, иборат аст.

[27] Лукьянцева-Януш Н.С. Концептуальные аспекты развития финансовых моделей, механизмов и инструментов инновационной деятельности [Текст] / Н.С. Лукьянцева-Януш, П.В. Акинин // Вестн. СевероКавказского федер. ун-та. – 2015. – №1. – С. 125-134.
[28] Финансовый менеджмент в сфере бизнеса [Текст]. Монография / Ю.Н. Воробьев, Е.И. Воробьева, Л.М. Борщ и др./ Под ред. д.э.н., проф. Ю.Н. Воробьева. – г.Симферополь: Антиква, 2017. – 632 с.
[29] Борисов А.Б. Большой экономический словарь [Текст] / А.Б. Борисов. – 2-е изд., перераб. и доп. – М. : Книж-ный мир, 2007. – 860 с.

**Механизми молиявии танзими ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузориҳо дар вилоят**

| | |
|---|---|
| **Усулхои молиявӣ** | худмаблағгузорӣ, корпоратсиякунонӣ, маблағгузории коғазҳои қимматнок, лизинг, қарздиҳии бонкӣ, маблағгузории муштарак,андозбандӣ, субсидияҳо, дотатсия,додани грантҳо. |
| **Модели молиявӣ** | маблағгузории буҷетӣ, қарздиҳии буҷетӣ, маблағгузории қарзӣ, маблағгузории лоиҳа, маблағгузории мақсаднок маблағгузории шарикии давлат ва бахши хусусӣ. |
| **Воситаҳои молиявӣ** | саҳмияҳо, вомбаргҳо, субсидияҳо, субвенсияҳо, ҷудокунии буҷетӣ, сармоягузориҳои буҷетӣ, қарзҳо ва кредити андози сармоягузорӣ. |
| **Фишангҳои молиявӣ** | нарх, даромади фурӯш, фоида,истеҳлок,иҷора, пардохти иҷора, андозҳо, пардохтҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ, мукофотҳои суғуртавӣ, дивидендҳо, фоизҳо. пасандозҳо. |
| **Ҳавасмангардонии молиявӣ** | имтиёзҳои андоз, таътилҳои андоз, батаъхиргузорӣ аз пардохти ӯҳдадориҳо, аз ҳисоб баровардани қарз, пешниҳоди субсидия барои додани пардохтҳои лизинг, кафолатҳои молиявӣ. |
| **Тахримҳои молиявӣ** | дар сурати вайрон кардани қонунгузориҳои андоз, буҷет, сармоягузорӣ, ҷаримаҳо барои иҷро накардани ухдадориҳо, бекор кардани имтиёзҳо. |
| **Бавуҷудоварии тартиботи махсус** | технопаркҳо, бизнес-инкубатор, минтақаи махсуси иқтисодӣ, паркҳои саноатии минтақавӣ. |
| **Маҳдудияти захираҳои молиявӣ** | захираҳои молиявӣ, захираҳои суғурта, захираҳо барои пардохтҳои оянда, меъёрӣ истифодаи маблағҳо, маҳдудиятҳои маблағгузории лоиҳа ва барномаҳои давлатӣ. |
| **Дастгирии иттилооти** | ҳисоботи ташкилотҳо, маълумоти омории оид буҷетӣ, пулӣ, андоз, бозори молиявӣ ва сегментҳои он, дар бораи иқтисоди беруна, фазои сармоягузорӣ дар минтақа, маълумот дар бораи арзиши маблағҳо ва мавҷудияти онҳо |

**Расми 1.1. -Мундариҷаи механизми молиявии танзим ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи вилоят**

**Сарчашма: Таҳия муаллиф**

Дар низоми иқтисодиёт механизми молиявӣ ба сатҳои зерин ҷудо мешавад: сатҳи макроиқтисодӣ, мезоиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ.

**Механизми молиявии сатҳи макроиқтисодӣ** бо зарурати ҳалли ҳадафҳо ва вазифаҳои тамоми иҷтимоию иқтисодӣ алоқаманд буда, ин аз рӯйи миқёси

иқтисодиёт ва мақсаду вазифаҳои он фарқ мекунанд. Механизми молиявии сатҳи макроиқтисодӣ ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад: асосҳои шаклгирӣ ва фаъолияту вазифаҳои механизми молиявӣ, ҳадаф ва вазифаҳои стратегию тактикӣ, методҳои молиявӣ, моделҳо ва ашколи молиявӣ, васоити молиявӣ барои амалисозии имконоти механизми молиявӣ, субйект ва обйектҳои муносиботи молиявӣ, фишангҳо ва ҳавасмандгардониҳо, таҳримҳо, захоир, замонатҳо, таъмини ҳуқуқии меъёрӣ ва иттилоотӣ, мароҳили стратегия ва тактикаи амалигардонии системаи муносиботи молиявӣ. Механизми молиявии сатҳи мезоиқтисодӣ бо зарурати ҳалли ҳадафҳо ва вазифаҳои системаи иҷтимоию иқтисодии як минтақа ё соҳаи иқтисод алоқаманд аст. Ин механизми молиявӣ асосан ба механизми молиявии сатҳи макроиқтисодӣ асос ёфтааст, аммо танҳо барои ҳалли мушкилоти молиявии як минтақа ё соҳаи иқтисод равона шудааст. Механизми молиявии сатҳи мезоиқтисодӣ ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад: принсипҳои ташаккул ва фаъолияти механизми молиявии минтақавӣ, вазифаҳои механизми молиявии вилоятӣ, мақсад ва вазифаҳои стратегӣ ва тактикии механизми молиявии вилоятҳо, усулҳо ва амсилаҳои молиявӣ дараҷаи вилоятҳо ва субъекту объектҳои муносиботи молиявии ҳамин сатҳ, фишангҳо ва ҳавасмандгардониҳо, таҳримҳо, захоир, замонатҳо, меъёрҳои дар ҳудуди як минтақа корбурдшаванда, васоити молиявӣ барои амалисозии имконоти механизми молиявии минтақавӣ, таъмини ҳуқуқии меъёрӣ ва иттилоотӣ дар сатҳи минтақавӣ ва муассисаҳои рушди минтақавӣ. Механизми молиявии сатҳи микроиқтисодӣ бо зарурати ҳалли ҳадафҳо ва вазифаҳои соҳаҳо, корпоратсияҳо ва субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ алоқаманд аст. Мазмуни дохилии ин механизми молиявӣ нисбат ба механизмҳои молиявии сатҳҳои макроиқтисодӣ ва мезоиқтисодӣ хеле соддатар аст. Механизми молиявии сатҳи микроиқтисодӣ ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад: принсипҳои ташаккул ва фаъолияти механизми молиявӣ дар сатҳи микро, вазифаҳои механизми молиявӣ дар сатҳи микро, мақсад ва вазифаҳои стратегӣ ва тактикии субъектҳои соҳибкорӣ; усулҳои молиявӣ ва моделҳои муносибатҳои молиявӣ

дар сатҳи микроиқтисодиёт, воситаҳои молиявӣ барои татбиқи имкониятҳо механизми молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодиётро дар бар мегирад. Аз тарафи дигар таҳқиқот ба мо имкон дод, ки вазифаҳои макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ, нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи фаъолияти сармоягузориҳоро муайян намоем. Сармоягузориҳо вазифаҳои зеринро дар сатҳи макроиқтисодӣ анҷом медиҳанд:

•татбиқи сиёсати такрористеҳсоли тавсеаёфта;

• ба рушди илму техника (РИТ) суръат бахшидан;

•рақобатпазир гардонидани маҳсулоти ватанӣ;

• ислоҳотҳои сохтории иқтисоди миллӣ;

•мусоидат ба тараққии соҳаҳои тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва ғ.;

•ҳалли проблемаҳои бекорӣ;

•ҳифзи муҳити зист;

•арзишҳои моддӣ;

•ҳифзи арзишҳои маънавии кишвар ва бартараф кардани проблемаҳои дигари иқтисодӣ, иҷтимоӣ, зистшиносӣ.

Сармоягузориҳо дар сатҳи микроиқтисодиёт чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

-васеънамоӣ ва рушд додани истеҳсолот;

- нигоҳ доштан ва роҳ надодан ба фарсудашавии аз меъёр зиёди фондҳои асосӣ;

- сатҳи техникии истеҳсолотро баланд бардоштан;

- сифати маҳсулотро баланд бардоштан ва ба рақобат тобоварии корхона мусоидат намудан;

- чорабиниҳои мелиоративиро амалӣ намудан;

-қоғазҳои қимматнокро харидорӣ менамояд ва ба дороии дигар корхонаҳо сармоягузорӣ мекунад;

-таъсири мусбати худро ба баланд будани таваррум, фоизи қарзҳо ва сатҳи даромаднокии корхонаҳо мерасонад;




**Расми 1.2.- Сохтори механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Раванди рушди нишондиҳандаҳои зер вазъи фаъолияти сармоягузориро дар иқтисоди мамлакат чунин тақсимбандӣ мекунад:

-теъдоди сармоягузориҳои умумӣ;

- ҳиссаи сармоягузориҳо дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД);

- саҳми сармоягузориҳои воқеӣ дар ҷамъи умумии онҳо;

- параметрҳои умумии сармоягузориҳои воқеӣ;

- саҳми сармоягузориҳои воқеии ба сармояи асосӣ равонагардида.

Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии зайл низ вазъи фаъолияти сармоягузориро то дараҷае воқеъбинона ташреҳ медиҳанд: зиёд шудани даромади миллӣ, андозаи истеҳсолоти саноатӣ, ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ. ҳосилнокии ҷамъиятии меҳнат ва ғ.

Ҳаминро бояд зикр кард, ки механизми молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ аз ҷиҳати шакл, метод ва воситаҳои идоракунии захираҳои молиявӣ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешавад: шаклҳои ташкилӣ муносибатҳои молиявӣ, методҳои молиявӣ, воситаҳои молиявии ибтидоӣ, унсурҳои молиявӣ иборат мебошад, ки мо дар намуди нақшаи сохторӣ ба таври зерин онро тасвир кардем.

Ҳамин тариқ, бо назардошти арзёбии мафҳуму моҳияти сармоягузориҳо аз назари олимони ватанию хориҷӣ хулоса намудан мумкин аст:

1. Зиёд шудани андозаи истеҳсоли маҳсулот дар сатҳи иқтисодиёт, соҳаҳо ва корхонаҳои он тақозо менамояд, ки рушдёбии пойгоҳи моддӣ-техникии ба талаботи муосир мувофиқ бошад. Аз ҳисоби маблағгузориҳои иловагӣ фондҳои асосии истеҳсолӣ афзоиш ёфта, дар намуди воситаҳои моддӣ-пулӣ ба вуҷуд омада, барои васеъ кардани қувваи истеҳсолии корхонаҳо равона карда шудаанд.

2. Рушди босуботи иқтисодиёт дар барқарор гардидани муносибатҳои бозорӣ тақозо менамояд, ки бояд фаъолияти сармоягузорӣ самаранок бошад. Сармоягузорӣ ин гузоштани сармоя ба фаъолият мебошад, ки ба қонунгузориҳои амалкунанда мухолифат намекунад ва мақсад аз он гирифтани фоида ё дигар манфиати, экологӣ, иҷтимоӣ мебошад. Сармоягузорӣ ин гузоштани маблағҳои пулӣ, арзишҳои модию маънавӣ аз ҷониби кишвар,

шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо мақсади бунёди корхонаҳои ҷадид, харидани коғазҳои арзишнок, сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул ба хотири гирифтани фоида ва ё ягон натиҷаи муфиди иҷтимоӣ мебошад.

3. Дар фаъолияти сармоягузорӣ мафҳуми сармоягузорӣ аз маблағгузориҳои асосӣ аз ҳамдигар фарқ дорад, зеро мафҳуми сармоягузорӣ нисбат ба маблағгузориҳои асосӣ васеътар фаҳмида мешавад. Маблағгузориҳои асосӣ гузориши дарозмуддати сармоя мебошад, ки ягона ба фондҳои асосӣ истифода мешаванд. Дар шароити имрӯза маблағгузориҳои асосиро сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ меноманд.

4. Сармоягузориҳои воқеӣ ин гузориши бевоситаи маблағҳои пулӣ барои бунёди корхонаҳои нав, азнавбарқароркунӣ ва таҷдиди корхонаҳои амалкунанда мебошад. Ҳангоми сармоягузориҳои воқеӣ (реалӣ) сармоягузор сармояи истеҳсолиашро афзоиш медиҳад. Яъне, сармоягузор дар ин ҳолат фондҳои асосии истеҳсолии худ ва воситаҳои гардонро барои онҳо зарурро такмил медиҳад.

5. Сармоягузории молиявӣ ин, яъне сармоя гузоштан ба заёмҳо, саҳмияҳо ва навъҳои дигари коғазҳои арзишнок маҳсуб мешавад. Дар ин намуди сармоягузорӣ сармоягузор сармояи молиявияш зиёд гардида, аз ҳисоби харидори намудани коғазҳои қимматнок соҳиби даромад (дивиденд) мегардад.

6. Барои оқилонаю самарабахш истифодабарии сармоягузорӣ дар доира ва сатҳҳои гуногуни иқтисодиёт таснифоти аз нигоҳи илмӣ асоснокшудаи сармоягузориҳо лозим аст. Ва ин таснифотҳо аз рӯи аломатҳои таснифотӣ сурат мегиранд, ки метавонанд ба паҳлӯҳои гуногун ва ҷанбаҳои мусбию манфии сармоягузориҳо равшанӣ андозанд.

## 1.2. Қоидаҳо ва хусусиятҳою омилҳои ба сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ таъсирбахш

Сармоягузорӣ кардан дар пешрафти иқтисодиёт ва қаламравҳои маъмурию марзии он, саравval ба омӯзиши принсипҳо, хусусиятҳо ва омилҳои зарурӣ

ниёз дорад, зеро аз рӯйи ин принсипҳо, хусусиятҳо ва омилҳо дар ҳар як минтақа фаъолияти сармоягузорӣ анҷом дода мешавад. Сармоягузорӣ яке аз бахшҳои муҳим дар рушду пешравии иқтисодиёти кишвар ва вилояту минтақаҳои онҳо бисёр муҳим ба ҳисоб меравад. Барои рушду пешравии иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он монеаҳои зиёд вуҷуд дорад. Бояд зикр намуд, ки мо ҳамаи минтақаро минтақаҳои мушкилотдор гуфта наметавонем, зеро минтақаҳои мушкилотдор ҳамон минтақаҳо баҳисоб мераванд, ки аз ҳал намудани мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодии худ мустақилона набаромада, ба дастгириҳои давлатӣ эҳтиёҷ доранд. Ҳамин тавр, минтақаҳои мушкилотдошта боз ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешавад: касодшуда, сустароққикарда, бухронӣ.

Барои сармоягузорӣ намудан дар ҳар вилоят ё минтақа вижагиҳои хоси онро омӯхтан лозим меояд, зеро ҳангоми сармоягузорӣ намудан дар минтақа мушкилотҳои зиёд ба вуҷуд наояд. Пеш аз ҳама, барои баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он аввалан тақсимоти ҷамъиятии меҳнатро муайян намуд. Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат бо ду шакли асоси ҷудо карда мешавад: шакли ҳудудӣ ва шакли соҳавӣ.

Тақсимоти ҳудудии меҳнат онро муайян мекунад, ки соҳаҳои истеҳсолот дар алоҳидагӣ ба минтақаҳои маъмурию ҳудудӣ муайян вобаста карда мешаванд. Ин минтақаҳо аз рӯйи иқлим, шароити табиӣ ва ғайраҳо гуногун мебошанд. Ин аз субъектҳои иқтисодӣ дар минтақа вобастагӣ надорад. Тафовути ин шакли тақсимоти меҳнат аз ин иборат аст, ки мутобиқ ба ҳудудҳо омилҳои истеҳсолот муайян карда мешавад. Яъне дар ҳар як ҳудуд омилҳои истеҳсолот мухталиф мебошад. Тақсимоти соҳавии меҳнат чунин маъно дорад, ки ҳар як соҳаи истеҳсолот дар алоҳидагӣ эҳтиёҷи мухталифи ҷомеаро қонеъ мегардонад. Инкишоф додани соҳа ва истеҳсолоти ҳар як соҳаи алоҳида аз миқдору сифати омилҳои истеҳсолот вобастагии зиёд дорад. Бояд зикр намуд, ки ба ақидаи Нидоев П. Ф. ва Хушбахти Ҷ. тақсимоти ҳудудии меҳнат

хусусиятҳои соҳавии истеҳсолотро такмил медиҳад ва барои рушди ҳар як соҳаи алоҳида мусоидат мекунад.[30]

Дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он, яъне вилоятҳо вобаста ба принсипҳои асосӣ фаъолияти инвеститсияҳо роҳандозӣ шудааст, (Расми 1.3. ).




**Расми 1.3. - Принсипҳои асосии фаъолияти сармоягузориҳои рушди иқтисодиёт**

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф**

Дар расми 1.3 принсипҳои фоидаоварӣ, мутобиқаткунӣ, якҷоянамоӣ, тарзу усули рафтори сармоягузор, интихобнамоӣ, навоварӣ, кам кардани хавфи сармоягузорӣ, ваколат бо мақсади фаъолияти сармоягузорӣ нишон дода шудааст, ки дар пешрафти иқтисодии манотиқ таъсиргузор буда, аз инҳо иборатанд: принсипи фоидаоварӣ - аз принсипҳои калидии фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақаҳо маҳсуб мешавад, ки меъёри миёнаи он дар дурнамои лоиҳаҳои сармоягузории минтақа муайян шуда, бояд аз он кам набошад; принсипи мутобиқаткунӣ чунин принсип фаҳмида мешавад, ки

---

[30] Нидоев П.Ф., Хушбахти Ҷ. Масъалаҳои назариявии ташаккулёбии иқтисодии минтақаҳо //Конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявии «Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», 27 марти соли 2021.-ш.Душанбе,- С.271-272.

лоиҳаи сармоягузорие, ки муайян гардидааст бояд ба дурнамои навоварии сармоягузорӣ, субъектҳои сармоягузорӣ, дигар мақсаду вазифаҳои муайян гардидааст, мутобиқат намояд; принсипи якҷоякунӣ- ин чунин маъно дорад, ки аз қисмҳои ҷории лоиҳаи сармоягузорӣ, қисми амалии лоиҳаи сармоягузорӣ ва идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ иборат аст; Ин принсип коркарди марҳилаи аввали раванди идоракунии дурнамои лоиҳаи сармоягузориро нишон медиҳад; принсипи муайян намудани тарзу усули рафтори сармоягузорӣ- яъне ҷустуҷӯ намудани яке аз роҳҳои муҳимми фаъолияти сармоягузорӣ дар тамоми навъҳои сармоягузорӣ ва соҳаҳо мебошад. Роҳҳо, навъҳо ва методҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар ин шакл бо ба ҳисоб гирифтани воситаҳои дигаргуншавии муҳити сармоягузории хориҷӣ мунтазам тағйир меёбад. Интихобнамоӣ - ин принсипе мебошад, ки дар вақти сармоягузорӣ кардан бояд, пеш аз ҳама, лоиҳаҳои сармоягузорӣ дуруст интихоб гардад, то баъдан фоидаи зиёдтар ба даст оварда шавад. Зери мафҳуми принсипи навоварӣ усуле дар назар дошта шудааст, ки дар он нақшаи ояндаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ тарҳрезӣ шуда, татбиқи фановарии (технологияи) ҷадид дар фаъолияти корхона барои рақобатпазир шудани он мусоидат мекунад; **Принсипи кам кардани хавфи** сармоягузорӣ- чунин принсип мебошад, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи сармоягузорӣ дар ҳама соҳа сатҳи он тағйирёбанда буда, ба назар гирифта мешавад; Принсипи салоҳият- чунин принсип ба ҳисоб меравад, ки татбиқ кардани стратегияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бояд аз ҷониби мутахассисони баландихтисоси малакаву маҳорати баланд доранд, таъмин бошад, зеро ин самараи лоиҳаҳои сармоягузориро баланд мекунад;[31]

[31] Бақоев Ш.С. Такмилдиҳии механизмҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ: дисс.н.и.и.: ихтисоси 08.00.05. – Хуҷанд, 2020. - С.26.




**Расми 1.4.- Хусусиятҳои таъмини сармоягузории рушди иқтисодиёт**

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф**

Ба фикри мо, принсипҳои дар боло номбаршуда барои фаъолияти сармоягузориро дар ҷумҳурӣ ва минтақаи маъмурию ҳудудии он анҷом додан таъсиргузор мебошад. Дар ҳар як минтақа ё вилоят вобаста ба хусусиятҳои он сармоягузорӣ карда мешавад, ки онҳо дар шакли нақшавӣ оварда шудаанд, (Расми 1.4.)

Дар рушди иқтисодиёт ҳар як давлат дар фаъолияти сармоягузорӣ хусусиятҳои зерин мавҷуд аст,ки инҳо баҳисоб меравад: иқтидори захиравии минтақа, аз марказ дур будани минтақа, иқлими минтақа, шумораи аҳолӣ, миқдори мутахассисони баландихтисос дар минтақаи маъмурию ҳудудӣ, истеҳсолоти соҳавии он вобаста ба мавсим баҳисоб меравад. Иқтидори захиравии минтақаи маъмурию ҳудудӣ ин ҳамаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла канданиҳои фоиданок, захираҳои молиявӣ ва дигар захираҳои мавҷудаи он ба ҳисоб меравад.Дур қарор доштани минтақаи маъмурию ҳудудӣ (вилоят) аз марказ - манотиқе маҳсуб меёбад, ки дар кашондани маҳсулоту мол аз марказ дурӣ мекунанд ва ин, албатта, дар кори сармоягузорӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Истеҳсолоти соҳавии минтақаи маъмурию ҳудудӣ, яъне истеҳсолоти соҳавии вилоят аз рӯйи мавсими сол муайян карда мешавад. Бояд зикр намуд, ки истеҳсолоти соҳавии минтақаи маъмурию ҳудудӣ ба иқлими минтақа низ вобастагӣ дорад. Сабаби номуваффақии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои соҳаи кишоварзиро бисёр аз таҳқиқотчиён аз сифати пасти идоракунии равандҳои сармоягузорӣ мефаҳманд. Дар ин самт иқтисодшиноси дигари ватанӣ Тағоев Ҷ.Ҳ. чунин андеша дорад, ки сатҳи фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии он дар корхонаҳои кишоварзӣ ҳам барои амалӣ намудани тадбирҳои давлатӣ роҷеъ ба сармоягузориҳо ва маблағгузориҳои давлатӣ ва ҳам барои корхонаҳои кишоварзӣ дар дараҷаи поин қарор гирифтаанд. Ба ҳамин иллат дар бисёр маврид сармоягузориҳо ғайримақсаднок истифода мешаванд.[32] Албатта, мо ба андешаи иқтисодшинос розӣ ҳастем, зеро дар корхонаҳои кишоварзӣ имрӯз сармоягузориҳо ба чашм кам расида, дар инфрасохтории соҳаи кишоварзӣ мушкилотҳои зиёд вуҷуд дорад.

Саноат яке аз бахшҳои муҳим дар рушди иқтисодиёти минтақаи маъмурию ҳудудӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз ҳадафҳои рушди стратегияи миллии кишвар ин саноатикунонии босуръати кишвар маҳсуб меёбад. Таҳлили сарчашмаҳои адабиёти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки дар аксари ҳолатҳо, вақте ки сухан оид ба стратегияи воридотивазкунӣ меравад, асосан соҳаи саноат ба инобат гирифта мешавад. Он имконоти соҳаҳои кишоварзӣ, андозаи тавоноии истеҳсолии ҷамъшуда, андоза ва таркиби сифатии захоири моддӣ ва меҳнатӣ, илова бар ин, тавоноии соҳаҳоро дар истеҳсоли теъдоди мушаххаси молу хидматрасониҳоро фарогир мебошад.[33]

Ба ақидаи мо дар дар ҳар як вилоят, ки дар он фаъолияти сармоягузорӣ оғоз карда мешавад, хусусиятҳои якхела не, балки гуногуни худро дорост. Лозим ба тазаккур аст, ки ҳама захираҳои иқтисодии вилоят дар муҳлати

---

[32] Тағоев Ҷ.Ҳ.. Аграрный сектор РТ: приоритеты, инвестирования и ожидаемые результаты в рамках госпрограмм// Вестник нац. ун-та ‟ Душанбе: « Сино», 2016.-№2/10(219). -С.157.

[33]Алиҷонов Ҷ.А.,Алиҷонова С.А.,Саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ асоси таъмини воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ - назариявӣ «Робитаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ: ҳолат ва дурнамо», 30-31 майи соли 2019.- ш.Хуҷанд нашриёти «Дабир»,- С.192-194.

муайяни вакт мавриди истифода қарор гирифта намешаванд. Идоракунии таъминоти захиравӣ дар навбати худ барои гирдгардиши захираҳои мавҷудаи иқтисодӣ дар давраи муайяни вакт, ё ин ки барои ҷалби захираҳои иловагӣ ба минтақаи маъмурию ҳудудӣ истифода бурда мешавад. Кулли захоири дар ҷараёни идораи таъминоти захиравӣ  мавриди истфода қарор гирифта (сармояи худӣ, ё воситаҳои ҷалбшуда) бояд ба ҳалли мақсаду вазифаҳои рушди иқтисодии вилоят  мусоидат кунанд ва бояд таҳти назорат бошанд.

Ҳамин тавр, идоракунии таъминоти захиравии минтақаи маъмурию ҳудудӣ барои таъсиррасонии комплексӣ(маҷмуӣ) ба самтҳои тағйирёбии сифатӣ, микдорӣ, таркибӣ ва ба ҳам марбут будани захоири иқтисодии минтақа маҳсуб ёфта, то дараҷае захоири мавриди истеъмол қароргирифта ё нагирифта дар ҷараёни тавлиди маҳсулот накши муассири худро мегузорад.[34]

Яке аз соҳаҳои муҳим имрӯзҳо барои сармоягузорӣ намудан дар рушди иқтисодиёти минтақаи маъмурию ҳудудӣ ин соҳаи кишоварзӣ маҳсуб мешавад. Аммо дар соҳаи кишоварзӣ барои сармоягузорӣ намудан омилҳои зиёд мавҷуд мебошад, ки таъсири худро барои сармоягузорӣ кардан мерасонад. Ҳангоми омӯзиши омилҳои истеҳсолоти кишоварзӣ махсусият ва ҷойгоҳи механизми иқтисодӣ  чунин мавқеъ дорад, ки дар гурӯҳи умумии омилҳои иқтисодӣ на танҳо унсурҳо ва зерсистемаҳои ин механизм амал мекунанд, балки боз ба омилҳое мавҷуданд, ки ба дараҷа ва самаранокии истеҳсолот тавассути механизми танзими давлатӣ ва ҳамчунин дар намуди дастгирии бевоситаи буҷетӣ ва дигар чораҳои барои соҳаи кишоварзӣ судманд, таъсир мерасонанд.

Ба андешаи иқтисодшинос Ф.А. Қодирзода, ки дар рисолаи Холов Т.А. “Накши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа” иқтибос шудааст, «ҷолибияти сармоягузорӣ, ки аз мавҷуд будани иқтидори истеҳсолии кишвар ва минтақа, хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории онҳо, сохтори

[34] Садриддинов М.И., Маҳмадшарифова Г.М. Назарияи раванди идоракунии таъминоти захиравӣ дар сатҳи минтақавӣ// Маводи Конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (covid-19)», 11 декабри соли 2021, шаҳри Кӯлоб. С.330-331 ( 560с.).

соҳавӣ ва такрористеҳсолкунии истеҳсолот вобаста мебошад, фаҳмида мешавад».[35]

Дар иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъияти кунунӣ хатари ҷиддие нисбат ба сармоягузорӣ эҳсос мешавад, ки чун омили пешгирикунанда дар роҳи сармоягузориҳои хатарзо зуҳур мекунад. Чанд соли охир теъдоди ин гуна омилҳо дараҷа ба дараҷа зиёд гардидааст. Ба фазои сармояузорӣ чунин омилҳо таъсир расонида, ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд: омилҳои хусусияти субйективидошта, омилҳои хусусияти обйективидошта дохил мешаванд. Ба омилҳои хусусияти субйективидошта ин ширкатҳо ва корхонаҳои дохилию хориҷӣ, кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналхалқии молиявӣ дохил мешавад.

Омилҳои дорои характери обйективӣ мавҷуд будани захоири энергетикӣ, табиат, иқлим, мавқеияти ҷуғрофӣ, ашёи хом, аломатҳои демографӣ, меҳнатӣ, илмию техникӣ, пешрафти инфрасохтори бозор, рақобатпазирӣ, тавоноии бозорҳои дохилӣ ва берунӣ дар фурӯши маҳсулот, мавҷудияти сармояи хориҷӣ, хуб будани равобит миёни хоҷагиҳо, омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ (дараҷаи зиндагии мардум, омилҳои сиёсӣ, музди кор, хидматгузории тиббӣ, тарзи муносибат бо сармоягузорони хориҷӣ, саривақтӣ ва пурсамар будани қарорҳои қабулшуда, натиҷабахш будани фаъолияти сохторҳои ҳимояи ҳуқуқ), дастрасӣ доштан ба иттилоот, омилҳои молиявӣ ва қарзӣ (дастрасии захираҳои молиявӣ аз буҷет, мавҷудият ва истифодаи фондҳои ғайрибуҷетӣ, меъёри фоизи қарзҳо, дастрасӣ ба қарз, қарзҳои дарозмуддат вазни қиёсии онҳо, ҳаҷми пасандозҳо ба сари аҳолӣ) ва ғайра ба ҳисоб меравад.

Омили ҳуқуқӣ дар ин ҷо яке аз авомили асосӣ маҳсуб мешавад, бавижа, ҳуқуқи сармоягузорони хориҷӣ ва ватаниро баробар намудан, пешниҳод кардани замонати давлатӣ ба сармоягузорони хориҷӣ, ҳифзи сармоягузорони хориҷӣ аз тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ ё низоми қонунгузорӣ, моликияти сармоягузорони хориҷиро давлатӣ накардан ва ғайра. Барои ҷалби

[35] Холов Т.А. Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа: дисс.н.и.и.: ихтисоси 08.00.03. - Душанбе, 2022. - С.29-33.

сармоягузории хориҷӣ яке аз омилҳои таъсиркунанда ин тараќи накардани бозори коғазҳои қимматнок дар кишвар маҳсуб меёбад. Айни замон бозори коғазҳои қимматнок дар ҳолати ташаккулёбӣ қарор дошта, дуруст фаъолият надорад. Дар сатҳи қонунгузорӣ низ инкишоф накардааст. Аз ин хотир, сармоягузорони хориҷӣ барои харидори кардани коғазҳои қиматноки кишвари мо хоҳиш надоранд. Чанд соли охир дар ин самт дигаргуниҳо ба назар мерасад: дар кишвар инфрасохтори бозоргонӣ, бонкҳо, муассисаҳои бимагузор ва консалтингӣ (машваратӣ) фондҳои сармоягузорӣ ва оҷонсиҳои рекламавӣ шакл) гирифта истодаанд.

Ба раванди ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дигар омил - баланд будани бонуси оинномавӣ ё ҳаққи узвият таъсири манфӣ мерасонад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаҳои иқтисодии Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба ин масъалаи муҳим таъкид карда буданд. Ин ҳаққи узвият ба манфиати давлат истифода шавад ҳам, ба кам гардидани сармояи сармоягузорони хориҷӣ оварда мерасонад. Омили мазкур аз авомили муассир дар пешрафти фаъолияти истеҳсолии корхонаҳо маҳсуб меёбад.

Боз як омили дигари таъсиррасон дар ҷараёни сармоягузорӣ - ин рушди технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Дар баробари ин дар ҷумҳуриамон низомҳои моҳворавии телекомуникатсионӣ, почтаи электронӣ низ фаъолият мекунанд, ки ба) шабакаҳои байналмилалӣ ва пойгоҳи маълумотҳо дастрас мебошанд. Ғайр аз ин боз омили дигар метавонад, барои фаъолияти сармоягузориҳо кумак мерасонад ин табақаҳои иҷтимоии муқарраргардидаи мутахассисони тоҷик мебошад. Дар давраи тобуҳронӣ ин мутахассисон чорабиниҳоеро гузаронидаанд, ки хоси муносибатҳои бозорӣ буда, аз қабили, ташкили музоядаҳо, савдо, ки хоси муносибатҳои бозорӣ мебошад, аз қабили ташкили музоядаҳо, тендерҳо, тиҷорат ва озмунҳо дар риштаи сармоягузорӣ. Олими иқтисоддон Хидиралиев Р.З. дар робита ба ин менависад, ки «имрӯзҳо

дар мамлакат як қатор омилҳое мавҷуданд, ки ба рушди раванди истеҳсолот ва фаъолияти сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ таъсир мерасонад»[36].

Ба ақидаи Саидаҳмадов Ф.Б. дар сатҳи минтақавӣ ҳангоми сармоягузорӣ намудан чунин омилҳо таъсир мерасонанд: рушди иҷтимоию иқтисодӣ, суботи сиёсӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда, инфрасохтори минтақа, захоири табиӣ, меҳнатӣ ва ашёи хом, дастгирии молиявӣ; ҳифзи муҳити зист, хатарҳои минтақавӣ[37].

Дар солҳои охир дар фаъолияти сармоягузорӣ равандҳои мусбат ба назар мерасад. Теъдоди сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар панҷ соли баъд чаҳор баробар зиёд гардид. Ба хотири беҳбуд бахшидан ба иқлими сармоягузорӣ Кодекси андоз дар таҳрири нав қабул шуда, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузориҳо", "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ", "Консепсияи сиёсати давлатӣ оид ба ҷалб ва ҳимояи сармоягузориҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 29.12.2012, таҳти №755 ба тасвиб расидааст, қабул гардиданд. Бо мақсади таҳкими фаъолияти сармоягузорӣ Шурои машваратии назди Президенти ҶТ ташкил гардид ва ҳоло самаранок фаъолият намуда истодааст. Ҳар як сармоягузори хориҷию ватанӣ, пеш аз ҳама, барои сармоягузорӣ намудан аввал муҳити сармоягузориро хуб меомӯзад, чунки бе ин фаъолияти сармоягузориро оғоз намудан ғайриимкон мебошад.

Бояд зикр намуд, ки сармоягузорӣ намудан дар рушдёбии иқтисодиёти ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ аз омилҳои дар боло овардашуда вобастагии зиёд дорад.

Барои таҳкими қонунгузорӣ ва ҷиҳати беҳбуди фазои сармоягузорӣ дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016-2020 як қатор чорабиниҳо андешида шудааст: ҷиҳати рушди сектори хусусӣ ва ҷалб кардани сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузории мустақими хориҷӣ, таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунгузории андозу гумрук, баланд

---

[36] Хидиралиев Р.З . Таҳлили вазъи муосири фаъолияти сармоягузорӣ ва накши он дар рушди иқтисоди миллӣ: дисс.н.и.и., ихтисоси 08.00.10. – Душанбе, 2020. – С.101- 103.

[37] Саидаҳмадов Ф.Б. Такмили танзими давлатии сармоягузории кишоварзии минтақа: дисс.н.и.и., ихтисоси 08.00.05. -Душанбе, 2020. - С.16-17.

бардоштани таъсирнокии ҳифзи судии ҳуқуқи сармоягузорон ва соҳибкорон пешбинӣ мегардад; чорабиниҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ дар қисми сармоягузорӣ, ҳуқуқи моликият, консепсия, фароҳам овардани ҳуқуқҳои баробар ба сармоягузорони ватанию хориҷӣ татбиқ хоҳанд гардид.[38] Яке аз роҳҳои асосии суръатбахш ва бе мушкили оғоз намудани фаъолияти сармоягузорӣ бо як низоми муайян ин қонунгузориҳо вобаста ба фаъолияти сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Омили муҳими дигаре, ки ба фаъолияти сармоягузор таъсири худро мерасонад ин низоми андозу андозбандӣ мебошад.[39] Ҳавасмандгардонӣ дар низоми андози мамлакат яке аз тадбирҳои асосӣ барои сармоягузорон маҳсуб мешавад. Дар сатҳи макроиқтисодӣ бошад, сармоягузорӣ аз масоили мубрам ба шумор меравад.Қайд кардан бамаврид аст, ки имтиёзҳои ҷиҳати ҳавасмандии сармоягузорӣ ба иқтисодиёт пешниҳодшаванда сабаби самараи буҷетикунонии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати дигари сабукиҳои андозӣ сабаби кам гардидани даромадҳои буҷет гардида, ки дар натиҷа самаранокии вазифаи фискалии андозро коҳиш медиҳад. Аз тарафи дигар имтиёзҳои андозӣ ба тараққиёти иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбии худро расонида, дар натиҷа омили афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва воридоти андозро низ ба буҷет таъмин мекунад. Омили дигаре, ки ба фаъолияти сармоягузорӣ дар вилоят таъсири мусбӣ мерасонад ин ҳавасмандгардониҳои андозӣ ба ҳисоб меравад. Барои ҷалби сармоягузорони хориҷию дохилӣ барои фароҳам сохтани шароити муносиб бо мақсади истеҳсоли молу маҳсулоти рақобаткунанда, ба вижа истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва ба содирот нигаронидашуда як қатор имтиёзоти андозӣ пешбинӣ карда шудааст.

Тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ибтидо аз с.2013 имтиёзоти андоз муқаррар карда шудааст. Масалан, ба истеҳсоли маҳсулоти саноатие, ки аз ашёи хоми ватанӣ истеҳсол шуда, ба хориҷи кишвар содирот мешаванд,

---

[38]Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016-2020, (Қарори Маҷлиси намояндагони МО ҶТ аз 28 декабри соли 2016, № 678) С.28-29.
[39] Лахметкина Н.И. Инвестиционная стратегия предприятия: учеб. пособие. М.: КноРус, 2010.С.69 (183 с).

имтиёзҳои андоз муқаррар гардидааст: корхонаҳои истеҳсолие, ки аз санаи бақайдгирии давлатӣ дар фонди оинномавии чунин корхонаҳо барои сармоягузорӣ намудан аз 200 ҳазор то 5 млн. доллар мавҷуд аст аз ду то панҷ сол аз андозсупорӣ аз фоидаи бадастомада, андози низоми содакардашуда озоданд барои фаъолияти сайёҳӣ, ки аз даромадҳояшон озод намудани андоз аз фоидаро ба муҳлати 5 сол пешбини мекунад; лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҳисоби созишномаҳои қарзӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва кормандони кирояи онҳо аз пардохти андози иҷтимоӣ озод мебошанд;

Бояд қайд кард, ки аз 1 январи соли 2017 меъёри андозбандӣ аз фоида дар ҳаҷми 13 фоиз - барои фаъолият дар истеҳсоли мол ва 23 фоиз барои дигар намудҳои фаъолият, инчунин меъёри андози низоми содакардашуда барои субъектҳои соҳибкории хурд ба андозаи 5 фоиз - барои истеҳсоли мол ва 6 фоиз барои дигар намудҳои фаъолият муқаррар карда шудааст.

Номгӯйи зерин аз пардохти андоз аз арзиши иловагӣ озоданд: ворид кардани таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти иловагии онҳо, ки маҷмуи воҳидро ташкил медиҳанд, хусусан дар заминаи шароити иҷораи молиявӣ бо мақсади ташаккул ё такмили сармояи оинномавии корхонаҳо ё таҷдиди техникии истеҳсолоти ҷорӣ; ворид кардани доруворӣ, таҷҳизоти тиббӣ, фармасевтӣ ва дастгоҳҳои тиббӣ мувофиқи номгӯйи муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ворид гардидани молҳо барои амалӣ намудани лоиҳаҳои Ҳукумати ҶТ оид ба сармоягузорӣ дар доираи маблағҳои тавофуқномаҳои грантӣ; воридоти молҳо барои сохтмони номгӯйи муайяни объектҳои махсусан муҳим тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; воридот шудани техникаву таҷҳизот ва маводҳои сохтмонӣ барои иншооти сайёҳӣ; воридоти ашёву таҷҳизот барои истеҳсоли дору, инчунин технологияи инноватсионӣ барои корхонаҳои дорусозӣ ва дигар васоити техникии ташхису табобат тибқи номгӯйи тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳамзамон, бо мақсади ҷалб намудани сармоягузорӣ ва афзоиш додани истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда, дар

Кодекси андоз 6 низоми имтиёзноки андозбандӣ пешбинӣ шудааст, ки барои андозсупорандагони соҳаҳои дахлдор, аз ҷумла давраи сохтмони НБО, корхонаҳои коркарди нахи пахта, парандапарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи чорвою паранда, субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок, минтақаҳои озоди иқтисодӣ озодкуниро аз андозҳо пешбинӣ менамояд.[40]

Аз 01.01.2022 дар таҳрири нави Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои андозии амалкунанда нигоҳ дошта шуда, як қатор сабукиҳову имтиёзҳо пешбинӣ шудааст, аз ҷумла зикр намудан бамаврид аст, ки андоз аз истифодакунандагони роҳҳои мошингард аз номгӯйи андозҳо хориҷ карда шуд.Андозҳо аз даромад, фоида ва васоити нақлиёт ба андози молу мулк муттаҳид карда шуданд. Дар таҳрири Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 намуд андоз ба 7 намуд оварда расонида шуда, андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз меъёри 8 ва 13 фоиз ба 12 фоиз иваз шуд. Инчунин, меъёри андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ барои созмонҳои молиявию қарзӣ ва ширкатҳои мобилӣ 20 фоиз ва барои намудҳои дигари фаъолият 18 фоиз муқаррар шуд. Андоз аз арзиши иловашуда бошад, аз 18 фоиз ба 15 фоиз оварда расонида шуд. Меъёри ин намуди андоз аз 1.01.2022 то 1.01.2027 аз 15 фоиз ба 13 фоиз пешбинӣ карда шудааст. Барои бимакунандагон андози иҷтимоӣ (созмонҳои буҷетӣ истисноанд) меъёр аз 25 фоиз ба 20 фоиз бурда шуд. [41]

Ба ақидаи мо, ҳавасмандгардониҳои андозӣ як омили асосии барои ҷалби сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад. Ҳавасмандгардониҳои андозӣ ғайр аз фаъолияти сармоягузорӣ дар дигар бахшҳои рушди иқтисодиёти минтақа хеле зарур мебошад.[42]

Воқеан, муҳайё сохтани фазои созгори сармоягузорӣ дар кишвар барои ояндаи рушди иқтисодии миллӣ замина мегузорад. Дар СМР ҶТ барои давраи то соли 2030” гузариш аз иқтисодиёти аграриву саноатӣ ба иқтисодиёти саноативу аграрӣ  ҳамчун яке аз ҳадафи калидии тараққиёти иқтисодиёти

[40] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо назардошти тағйиру иловаҳо ба санаи 01.01.2017). - Душанбе, 2016. – С.335.
[41] Рӯзномаи Боҷу хироҷ//№3(1307)20-январи соли 2022. - С.3
[42] Инвестиционные стимулы в Таджикистане. Проект методологической записки, IFC группы Всемирного банка в Таджикистане. - Душанбе, 2018г. – С.35 .

ҷумҳурӣ тарҳрезӣ шудааст. Дар ин раванд, такмили қонунгузории кишвар оид ба дастгирӣ кардани фаъолияти соҳибкорон ва беҳсозии фазои сармоягузорӣ вобаста ба вазъ ва рушди муносибатҳои бозорӣ идома дода мешавад. Зеро ҳарчанд ки аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар ин самт корҳои зиёд амалӣ гардидаанд, вале ҳоло ҳам як қатор масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мондаанд. Ақидаи иқтисодшиноси ҷавони ватанӣ Саидмуродов Ш.М. чунин мебошад, ки хатарҳои воқеии сармояузорӣ дар минтақа аз чунин омилҳо вобаста аст: мавод ва таҷҳизоти заруриро таъмин кардан, арзиши молҳои сармоягузориро боло бурдан, паймонкори ғайрирасмӣ ё ғайриодиро интихоб кардан, дигар авомиле, ки таъйиноти иншоот ё даромадро дар раванди амалиёт коҳиш медиҳанд.[43] Ба ақидаи мо барои сармоягузорон бояд дар вилоят мушкилотҳои инфрасохтори вуҷуд надошта бошад, зеро тараққӣ ёфтани фаъолияти сармоягузорӣ аз ин вобастагии калон дорад Бояд ёдовар шуд,ки беҳтару хубтар будани фазои сармоягузорӣ дар вилоят ба раванди сармоягузорӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Лекин сармоягузор дар ҳама фазои сармоягузорӣ бояд мутобиқ бошад.Барои сармоягузори хориҷӣ вижагии хоси дурнамои фаъолият - ин фазои сармоягузории минтақаи маъмурию ҳудудӣ аст. Бинобар ин, мафҳуми сармоягузории минтақаи маъмурию ҳудудӣ ҷойгоҳи махсусеро дорост. Омилҳои зиёде мавҷуд мебошанд, ки ба механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ таъсир мерасонанд, (Ҷадвали 1.1.). Иқтисоддонҳои ватанӣ Қаюмов Н.К., Умаров Х. чунин ақида доранд, ки фазои ҷалби сармоягузорӣ аз ду нукта иборат аст: тавоноии сармоягузории минтақа ва хатарҳои сармоягузорӣ.[44] Ба андешаҳои иқтисодшиносони ватанӣ мо низ розӣ ҳастем, зеро сармоягузорӣ намудан дар минтақаи маъмурию ҳудудӣ аввалан аз иқтидори сармоягузорӣ ва баъдан бо хавфҳои сармоягузорӣ муайян карда мешавад.

---

[43]Саидмуродов Ш.М. Такмили методҳои паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ. Дисс.… н.и.и., 05.02.22.-Душанбе, 2018.- С.41 (176).

[44] Тошматов М.Н. Повышение инвестиционной привлекательности - стратегическая задача государства [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.mts.tj/index. php ?option = com_content&view= article&id=479%3A2013-12-09-05-19-27 &catid = 106% 3A2013 -05-27-06-16-28&Itemid=139&lang=ru

**Ҷадвали 1.1- Омилҳои таъсирбахш ба механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ**

| ОМИЛҲОИ ТАЪСИРБАХШ БА МЕХАНИЗМИ МОЛИЯВИИ ТАЪМИНИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ | | | |
|---|---|---|---|
| **Молиявию қарзӣ** | **Иқтисодӣ** | **Инфрасохтори бозорӣ** | **Иҷтимоию сиёсӣ** |
| • дастрасии захираҳои молиявӣ аз буҷет;<br>• таъминнокии фондҳои ғайрибуҷетӣ бо воситаҳо ба ҳар сари аҳолӣ;<br>• вазни қиёсии қарзҳои дарозмуддат;<br>• суғуратакунонии пасандозҳои сармоягузор;<br>• меъёри фоизи бонкҳо<br>• беқурбшавии асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ. | • муносибатт ба сармоягузорони хориҷӣ;<br>• коркардҳои барномавӣ барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ;<br>• ҳавасмандгардонии андозӣ;<br>• рушд накардани коғазҳои қимматнок;<br>• бонуси оинномавӣ ё аъзоҳаққӣ. | • муҳити рақобатпазирӣ дар бозор;<br>• иқтидори бозорҳои беруна ва дохилаи фурӯши маҳсулот;<br>• робитаҳои байни хоҷагиҳо;<br>• нарасидан и мутахассисони маркетолог ва логистик. | • дараҷаи боварии ҷамъият ба ҳукумат;<br>• суботи иҷтимоӣ;<br>• муносибатҳои миллӣ ва динӣ;<br>• самаранокии фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ;<br>• самаранокии қабули қарорҳо, дастрасии иттилоот<br>• сатҳи зиндагии аҳолӣ. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Барои шуруъи фаъолияти сармоягузорӣ, ба андешаи муаллифи рисола, дар пешрафти иқтисоди минтақаи маъмурию ҳудудӣ - вилоят, қабл аз ҳама, таъсиргузор будани авомили асосии сармоягузориро бояд воқеъбинона ба назар гирифт, чунки нодида гирифтани ин авомили сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти вилоят мушкилоти зиёдро ба вуҷуд меорад.

Маврид, ба зикр аст, ки дар таҷрибаи фаъолияти хоҷагидорӣ ягон низоми воқеии таъсирбахш барои ҷалби сармоягузорӣ мавҷуд нест. Дар баъзан мавридҳо ақидаҳо роҷеъ ба фаъол сохтани ҷалби захираҳои сармоягузорӣ, дар соҳаҳои бартариятноки иқтисоди миллӣ мавҷуд мебошад, ки яке аз ин соҳаҳо энергетика маҳсуб меёбад. [45]

Барои бартарафсозии мушкилотҳои асосие,ки кули минтақаҳои маъмурию ҳудудӣ яъне ҳамон вилояте маҳсуб меёбад, ки нисбатан тараққиёфта ва

[45]Азимов П.Ҳ., Мирзобеков Х.Д., Раҷабов Э.Д. Самтҳои методии таҳлил ва баҳодиҳии ҷолибияти инвеститсионии корхона // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе: Сино, 2019. -№10/1. -С.38.

ақибмондаи мамлакат буда, дар як чанд соли ояндаи миёнамуҳлат бояд бартараф созанд:

●дараҷаи пасти самаранокии идоракунии кишвар дар сатҳи худидоракунии маҳаллӣ ва минтақаҳо, ҳамчунин истифодабарии захираҳои дохилӣ дар вилоятҳо ва иқтидори онҳо мебошад;

● паст будани сатҳи мувофиқнамоии ҳалли мушкилоти ҳифзи муҳити зист;

●дар сатҳи вилоятҳо коҳиш ёфтани сифати сармояи инсонӣ;

● муҳим арзёбӣ шудани сармоягузориҳо дар барқарорсозӣ ва пешрафти инфрасохтор дар сатҳи вилоят;

●нарасидани захоири молиявии буҷаи маҳаллӣ.

Ба ақидаи мо вобаста ба сармоягузориҳо дар рушди истеҳсолот чунин мебошад, ки сармоягузориҳо барои аз нав намудани воситаҳои асосӣ ниҳоят зарур буда, бо ин роҳ сифатнок истеҳсол намудани мол ва рақобатпазирии корхонаҳоро дар бозори дохил ва берунаро таъмин менамояд.

Аз гуфтаҳои боло дар зербоби дуюми мазкур мо ба чунин хулоса омадем:

1) сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти минтақаи маъмурию ҳудудӣ ниҳоят зарур мебошад, зеро рушди соҳаҳои иқтисодиёти онҳо аз сармоягузорӣ вобастагии зиёд дорад. Барои сармоягузорӣ намудан дар рушди иқтисодиёти кишвар ва минтақаи маъмурию ҳудудӣ бо принсипҳои зарурии муайян фаъолияти сармояягузорӣ оғоз карда мешавад.

2) таъкид намудан бамаврид аст, ки қабл аз шуруъ кардан ба фаъолияти сармоягузорӣ дар ин ё он минтақаи маъмурию ҳудудӣ бояд вижагиҳои минтақаро донист, ки иборатанд аз: дар ҷойи дур қарор доштани минтақа нисбат ба марказ, шароити иқлимии минтақа, имкониятҳои иқтидори захиравии минтақа, мавсими будани истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ ва ғайра баҳисоб меравад. Яъне донистани ин хусусиятҳо барои сармоягузор дар минтақа чунин маъно дорад, ки ба мушкилиҳои зиёд дучор нагардад.

3)барои сармоягузорӣ намудан дар рушди иқтисодиёти кишвар ва минтақаи маъмурию ҳудудӣ бисёр омилҳои муассир вуҷуд доранд, ки

заруртаринашон онҳоанд: ҷойгиршавии давлат ва ё минтақа, иқлим, захоири табиӣ, қувваи арзони корӣ, мавҷудияти унсурҳои зерсохтори бозорӣ, зрфияти бозорҳои миллию минтақавӣ, фазои рақобати озод, муносибатҳои шаффоф бо сармоягузорони хориҷӣ, фаъолияти бенуқсони мақомоти давлатии масъул ба танзими муносибатҳои сармоягузорӣ, шароити иҷтимоию фарҳангӣ;

4)сатҳи зиндагии мардум, авомили сиёсӣ, музди кор, хидматгузории тиббӣ, тарзи рафтору муносибат бо сармоягузорони хориҷӣ, саривақтӣ ва пурсамар будани қарорҳои қабулшуда, натиҷабахш будани фаъолияти сохторҳои ҳимояи ҳуқуқ, дастрасӣ доштан ба иттилоот, авомили молиявӣ ва қарзӣ (имконпазирии истифода захоири молиявӣ аз буҷа), мавҷудият ва истифодаи фондҳои ғайрибуҷавӣ, меъёри фоизи қарзҳо, дастрасӣ ба қарз, қарзҳои дарозмуддат вазни қиёсии онҳо дар ҳаҷми умумии қарзҳо, ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ дар андӯхти умумӣ низ аз зумраи авомиле мебошанд, ки ба фаъолии фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи минтақа таъсиррасон мебошанд;

5) Дар вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири дигари сармоягузорӣ он мебошад, ки аҳолии вилоятро бо ҷойҳои корӣ таъмин месозад, нав гардидани дастгоҳу таҷҳизот дар истеҳсолот, истеҳсоли бо сифати молҳо ва содирот кардан ба хориҷи кишвар мебошад.

## 1.3. Таҷрибаи хориҷии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ ва имконоти истифодабарии онҳо дар ҶТ

Барои сармоягузорӣ намудан дар рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон бояд аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бо методи бисёр зарурӣ ва механизмҳои асосии ҷалби сармоягузорро истифода карда шавад. Ин сармоягузоронро ҳавасманд карда, ба сатҳи иҷтимоии аҳолӣ кумак месозад. Барои гирифтани таҷрибаи зарурӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ ва истифода намудани онро дар минтақаҳои вилояти Хатлон мо таҷрибаи кишварҳои ҶМЧ, ИМА, Ҷопон,Олмон, Австралия, Финландия ва Фаронса, Канада, Испания, Кореяи Ҷануби, Британияи Кабирро

дар дисертатсия дарҷ намудем. Истифода намудани ин таҷрибаҳо дар ҳар як кишварҳои болозикр мухталиф мебошад. Масалан, дар бисёр аз кишварҳои Аврупо банақшагирии давлатии буҷетию саромоягузорӣ дар онҳо барои аз 2 то 10 сол таҳия карда шуда, нақшаи сармоягузорӣ дар он коркард мешавад. Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад,ки давлат яке аз ширкаткунанда дар раванди сармоягузорӣ баҳисоб рафта, мақсади он ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Дар бисёр аз мамлакатҳоит ҷаҳон дар қонунгузориҳояшон вобаста ба сармоягузорӣ имтиёзҳо барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ пешниҳод мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ имтиёзҳо барои сармоягузорони дохилию хориҷӣ муайян карда шудааст. Иштироки давлат дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва имтиёзҳо пешниҳод кардан ба онҳо мебошад. Дар натиҷаи кам гардидани захираҳои дохили кишвар сармоягузорони хориҷиро ҷалб намуда, ба онҳо шароит фароҳам меорад.

Кишвари рушдёфта ва таҷрибаи ниҳоят зиёддошта дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ ин Ҷумҳурии мардумии Чин мебошад. Ҷараёни ҷалби сармоягузориҳо дар ҶМЧ марбут ба ғайридавлатӣ ва хусусӣ кардани обйектҳо мебошад, ки давлат маҳз барои рушди фаъолияти корхонаҳои камдаромад онҳоро хусусӣ гардонид. Дар натиҷа теъдоди бекорон афзуд, бино бар ин давлат қарор қабул кард, ки аз ҳисоби маблағҳои аз фурӯши ин корхонаҳо бадастомада дар бахши тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва нафақа ба аҳолии осебпазир кумак расонад. Дар ҶМЧ вобаста ба сиёсати сармоягузорӣ чунин дигаргуниҳо амалӣ карда шуд: 1) то замони ислоҳот тамоми фоидаи корхонаҳо вориди буҷаи давлат гардида, баъдан тақсимот байни ташкилоту муассисаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳо сурат мегирифт; 2) воситаҳои пулии бизнеси хурд, бизнеси хусусӣ, фаъолияти соҳибкории коллективӣ ва муштарак бо воситаҳои пулии давлатӣ истифода мегардид.

Ҷалби сармоягузории бевосита дар шароити гузаштан ба иқтисоди бозаргонӣ аз ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷӣ-иқтисодии ҶМЧ маҳсуб меёбад.Аз рӯйи таҳлил намудани ҷараёни иниститутсионалии сармоягузорӣ ва истифодабарии таҷрибаи ҷаҳонӣ бармеояд, ки ин таҷриба дар минтақаҳои

вилояти Хатлон ба пуррагӣ истифода бурда нашудааст, балки он қисман истифода бурда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз захираҳои табиӣ бой буда, сармоягузорони хориҷӣ оид ба иқлими сармоягузории он чунин фикр доранд: 1) мураккабиҳо ва ҳуҷҷатгузориҳои зиёд зимни қонуни гардондани воридшавии сармояи хориҷӣ; 2) таваккали субъективии аз меъёр зиёд; 3) номукаммалии низоми андози кишвар; 4) дигаргуниҳо дар қонунгузории ҶТ дар робита ба фаъолияти сармоягузорӣ; 5) таҳти назорат будани асъор. Ин омилҳои номбаршуда ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ имрӯзҳо имтиёзҳои андозӣ мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда аст. Бартараф намудани мушкилотҳое, ки дар ин омилҳо дида мешавад ҳам барои сармоягузорони хориҷӣ ва ҳам барои давлат самараовар мебошад.Ҳар як сармоягузори хориҷӣ кӯшиш менамояд, ки ба он давлате сармоягузорӣ намояд, ки дар онҳо вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ хубтар бошад. Барои истифодабарии таҷрибаи ҷаҳонӣ вобаста ба ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аз ҳама таҷрибаи самараовар ин таҷрибаи Олмон ба ҳисоб рафта, истифодабарии он дар вилояти Хатлон хеле ҳам мувофиқ ва зарур мебошад.[46]

Ба ақидаи мо, истифодаи ин таҷриба дар минтақаҳои вилояти Хатлон мувофиқи мақсад буда, аз ҳисоби буҷети давлатӣ фиристонидани намояндагони корхонаҳои хурду миёнаи вилояти Хатлон ба ярмарка, вохӯриҳои сатҳи байналмилалӣ ва намоишгоҳҳо ниҳоят зарур аст, зеро ин барои ҳарчӣ бештар ҷалб намудани сармоягузориҳои хориҷӣ дар вилояти Хатлон мусоидаткунанда мебошад. Мусоидат намудани ин таҷриба дар он мебошад, ки сармоягузорони хориҷӣ аз фазои мусоиди минтақаҳои вилояти Хатлон маълумоти пурра надоранд. Барои маълумотҳои зарури пайдо кардани сармоягузорони хориҷӣ бояд аз ҷониби давлат низоми ахборотиро дар самтҳои муҳими сармоягузорӣ ба роҳ монда шавад.[47]

---

[46] Чжоу, Ц. Роль иностранных инвестиций в экономике Китая: дис. … канд. экон. наук: 08.00.14 / Цзэн Чжоу. –Москва, 2005. – С.119-120 (175 с).

[47] www.: Доклад о мировых инвестициях. Инвестиции и цифровая экономика. ООН, Нью-Йорк и Женева, 2017 г.

Ҷалби сармоягузорӣ дар ҶМЧ барои фароҳам овардани фазои озоди сармоягузорӣ дар ин кишвар мусоидат мекунад. Системаи идоракунии давлатии фаъолият ва ҷалби сармоягузорӣ дар ҶМЧ беш аз ҳама ба риштаҳои муҳимми пешрафти иқтисоди миллии кишвар нигаронида шудааст. Омили муҳимтар аз ҳама барои ҷалби сармоягузорӣ ин ташкил ва беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ дар вилоят мебошад, зеро барои ҷалби сармоягузорон ин дар мадди аввал мебошад.

Давлати дигари рушдёфта аз лиҳози сармоягузорӣ ин Ҷопон ба ҳисоб меравад. Ҷалби сармоягузорӣ дар саноатикунонии Ҷопон аз он иборат мебошад, ки дар ихтиёри модели Аврупо-Ҷопонӣ рушдёбии низоми қарздиҳӣ буда, ҳоло бо нархи пасти сармоягузорӣ қарор гирифта аст. Модели Аврупо-Ҷопонӣ барои лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ истифода бурда мешавад. Муайян гардидани фоизи паст барои саҳмгузории кутоҳмудат ва қарзҳои кутоҳмудат ва дарозмудат ва вомбаргҳои бонкӣ барои сармоягузорӣ муайян мекунад.[48]

Ба ақидаи мо ин таҷрибаи Ҷопонро дар рушди минтақаҳои вилояти Хатлон истифода бурдан мувофиқ аст, зеро пешниҳод намудани қарзҳо аз ҷониби бонкҳо яке аз сарчашмаҳои асосӣ барои сармоягузорӣ дар минтақаҳои агросаноатии вилоят ба ҳисоб меравад.

Ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби сармоягузорӣ яке аз хусусиятҳои муҳими соҳавӣ дорад. Ҳалли масъалаҳо ва мушкилотҳои сармоягузорӣ водор менамояд, ки таҷрибаи бойи мамлакатҳои хориҷиро дар рушди иқтисодиёти минтақаҳои вилояти Хатлон истифода бурдан лозим меояд. ИМА яке аз давлатҳои тараққикарда ва таҷрибадор дар бахши сармоягузорӣ мебошад. Таҳлили таҷрибаи ИМА имкон медиҳад, ки мақоми баландро дар сармоягузорӣ доро мебошад. Дар ИМА минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар штатҳои алоҳидаи он мавҷуд мебошад. ИМА аз рӯи шумораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷаҳон ҷойи якумро ишғол мекунад. Дар ИМА се навъи минтақаҳои озоди иқтисодӣ

[48]Вожжов А.П. и др. К вопросу участия коммерческих банков в активизации инвестиционного процесса в Украине//Культура народов Причерноморья. - Симферополь, 2001. - №17.-С.31-35.

амал мекунанд: минтақаҳои тиҷорати хориҷӣ; паркҳои технологӣ; минтақаҳои соҳибкорӣ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ИМА дар рушди иқтисодиёт саҳми арзандаи худро гузошта, барои маслиҳатдиҳӣ ва диверсификатсияи(ба гурӯҳҳо ё навҳо ҷудо намудан) тиҷорати хориҷӣ кӯмак мерасонанд.

Дар минтақаҳои тиҷорати хориҷӣ маҳсулотҳо ғайр аз дар анборҳо нигоҳ доштан боз ба навҳо ҷудо карда мешаванд.Дар минтақаи тиҷорати хориҷӣ маҳсулотҳо аз нав коркард карда мешаванд, инчунин навъҳои муайяни маҳсулотро аз қисматҳои истеҳсоли маҳаллӣ, хориҷӣ ҷамъоварӣ менамоянд ва ҳамчунин навҳои ҷудогонаи истеҳсолоти ба ҳудуди пойгоҳ воридшударо муайян мекунанд. Сарчашма ва омилҳои асосӣ барои рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз инҳо иборат аст:

1) Марказҳои бузурги истеҳсолӣ, наздиктарин шоҳроҳҳои мошингарди байналмилалӣ, роҳҳои оҳан, терминалҳои ҳамлу нақл, навоҳии наздимарзии тиҷоратӣ, инфрасохтори пешрафта, анборҳо барои борнигоҳдорӣ, таъминоти газ, об, барқ дар манотиқи озоди иқтисодӣ;

2) (Ҳамкориҳои судманди ниҳодҳои мухталифи давлатию хусусӣ, ки барои таъмини сармоягузорӣ дар нерӯи инноватсионӣ иқтисодиёти кишвар дар ҳудуди штатҳо даъват шудаанд. Ҳамкориҳои ниҳодҳои мухталифи давлатию хусусӣ дар иёлатҳо нисбат ба созмонҳои федералӣ, истеҳсолӣ ва донишгоҳҳо, ҳамчунин корбурди технологияи муосир, амалӣ сохтани барномаҳои ҳавасмандкунию рақобатпазирии технологӣ дар минтақаҳо, ки дар ин самт барномаҳои давлатиро кам аз худ менамоянд, ҳамкориҳоро ба роҳ мемонанд. Дар шартномаҳои давлатӣ ва хусусию корпоратсионӣ бахши таҳқиқ, коркард ва ҳамкориҳои технологӣ сохтори таҳқиқотии донишгоҳҳо, озмоишгоҳҳои лабараторӣ, ташкилотҳои федероли, штатҳо ҳукуматҳо, сохторҳои хусусии истеҳсолӣ, ҳудудҳо, инчунин муассисаҳои молиявию қарзӣ хизмат менамоянд;

3) Ташкилотҳои илмию давлатӣ барои бастани чунин намуди шартномаҳо захираҳои таҳқиқотии худро аз қабили низоми хизматрасонӣ, баъзе маводҳои зарурии моликияти зеҳниро дар шакли патент дар истифодабарии умум пешниҳод менамоянд. Ҳаминро бояд гуфт, ки ҳадафи асосии шартномаҳои

копператсионӣ ин технология додан ба сохторҳои илмию давлатӣ ба бахшҳои хусусии соҳибкории истеҳсолӣ. Кӯмакҳо дар сатҳи давлат бо мақсади омӯхтани технологияи нав ва истифодаи он дар истеҳсолоти бахшҳои соҳибкории истеҳсолӣ мебошад. Иштирокунандагони он фирмаҳо мебошанд, ки дар ин ҳамкориҳо рақобаткунанда набуда, марҳилаи комили навовариро барои ҷорисозии инноватсияҳо тавсия мекунанд;

4) Рушди самаранокии сармоягузориҳо ва истифодаи мақсадноки онҳо аз ҷониби давлат назорат ва танзиму тарҳрезӣ мегардад. Барои ба нақша гирфтан ба сифати пойгоҳи объекти сармоягузорӣ чунин нишондиҳандаҳо бояд мавҷуд бошад:раванди ташкили кластерҳои истеҳсолӣ, дар донишгоҳҳо тарақиёти сармоягузории зеҳнӣ, фазои мусоиди андозбандӣ фароҳам овардан, такмил додани низомҳои таълимии соҳибкорон ҷудо гардида аст. Дар ҳолати тағйир ёфтани вазъи соҳа дахолат кардани давлат дар иқтисодиёти соҳа зарур мешавад.

Барои таъсири манфӣ нарасонидани дар ҷалби сармоягузорӣ -додани имтиёзҳои андозии қисман ё пурра аз андоз озод кардан, субсидияи молиявӣ, паст кардани тарифҳои содиротӣ зарур мебошанд. Ҳамин тавр, сиёсати макроиқтисодӣ барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ шароит фароҳам меорад, ки то гирифтори хавфи сармоягузорӣ нагарданд. Ноил гардидани ин кишварҳо барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар он мебошад, ки ин сиёсат дар маҷмуъ яке аз сиёсати ҷудогонаи муҳими рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Имрӯзҳо дар рушди иқтисодиёти давлатҳои ҷаҳон рақобатҳо байни онҳо мавҷуд буда, мушкилотҳои паст намудани сатҳи гуруснагӣ дар баъзе аз давлатҳо, таҷрибаи хеле зиёди сармоягузории хориҷӣ ва дохилии натиҷадиҳанда мавҷуд аст.

Ба ақидаи мо таҷрибаи болозикр дар минтақаҳои озоди иқтисодии вилояти Хатлон ҳоло ҳам ба тарзи васеъ мавриди баҳрабардорӣ қарор нагирифтааст ва моро зарур аст, ки беҳтарини ин таҷрибаҳоро дар минтақаҳои озоди иқтисодии вилояти мавриди таҳқиқ амалӣ намоем.

Сармоягузории хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти ИМА чунин таъсирҳои мусбӣ мерасонад: 1)истеҳсолкунандагони ватанӣ сифати маҳсулоти худро

беҳтар мекунанд,ба мақсади рақобатпазирии истеҳсолоташон дар бозори миллӣ; 2) тиҷорати берунӣ инкишоф меёбад, чунки бизнеси хориҷӣ бозори давлати қабулнамударо аз худ намуда, ба бозорҳои ҳамсоякишварҳо ворид мешавад; 3) ба ташаккули коргоҳҳои нав мусоидат мекунад; 4) музди маош дар корхонаҳои муштарак нисбати корхонаҳои ватанӣ 25%-30% зиёд аст; 5) нерӯи зеҳнию инноватсиониидавлати қабулнамуди сармояи хориҷӣ меафзояд.[49] Дар ИМА ғайр аз кумитаи сармоягузории хориҷӣ боз агентии дигаре, ки барои сармоягузории хориҷӣ дар ИМА масъул аст, Бюрои таҳлили иқтисодии Департаменти тиҷорат мебошад. Бюрои мазкур бо тадқиқот оид ба проблемаи ҷалб намудани сармояи хориҷӣ вобаста мебошад.

Асоси рушди ҳар як соҳа ин истифода бурдани таҷрибаи ҷаҳонӣ барои такмили қонунгузорӣ ва усулҳои ҷалбнамоию, рушд додани соҳаи мазкур ба шумор меравад. Бинобар ин, барои истифода бурдани таҷрибаи ҷаҳонӣ, барои пешбурди таъминоти сармоягузорӣ ба соҳаи инфрасохтори истеҳсолӣ, пеш аз ҳама, ба мо зарур аст, ки ҳаҷми воридоти сармоя ба иқтисодиёти мамлакатҳоро таҳлил намоем. Дар ин ҳолат, мо мамлакатҳои пешқадамро дарёфт карда, таҷрибаи онҳоро таҳлил менамоем. Барои ба мақсад ноил шудан, аз рӯи рейтинги ҷаҳонӣ, ки ҳамасола аз тарафи Бонки Ҷаҳонӣ ҳисоб карда мешавад,чунин таҳлил намудем.Дар диаграммаи 1.1. 10 давлати ҷаҳон дарҷ гардидааст, ки ҳиссаи сармояи ҷалбнамудаи онҳо дар иқтисодиёташон нишон дода шудааст. Масалан, аз онҳо ИМА 258390,00 млн доллари ИМА ё 14,58 фоиз, Хитой 203492,01 млн доллари ИМА ё 11,48 фоиз, Олмон 105277,58 млн доллари ИМА ё 5,94 фоиз, Бразилия 88324,14 млн доллари ИМА ё 4,98 фоиз, Британияи Кабир 58650,66 млн доллари ИМА(3,31 фоиз) ва ғ.

[49] Чжан Б. Теоретические основы хозяйственного механизма привлечения иностранных инвестиций в трансформационной экономике (на примере КНР): дис. канд. экон. наук: 08.00.01 / Бэйбэй Чжан. – Орел, 2008. –С. 32-33 (167 с.).

**Диаграммаи 1.1. - Рейтинги мамлакатҳои ҷаҳон аз рӯйи ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёти худ барои соли 2019 (бо млн доллар)**




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои The World Bank Group: Foreign Direct Investment 2019.

Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо таҳлили усулҳои ҷалбнамоӣ ва таҷрибаи ИМА ва Олмон барои рушд додани фазои ҷалби сармоягузорӣ ба минтақаҳои вилояти Хатлон замина мегузорад.

Дар ҳар як давлати рушдёфта ба танзим даровардани сармоягузорӣ мутобиқи қонун ва ё меъёрҳои ҳуқуқӣ дида мешавад. Вале дар соири давлатҳои пешқадами ҷаҳон ( масалан, ИМА, Фаронса, Олмон, ва Ҷопон оид ба инвеститсияҳои хориҷӣ қонунгузории махсус ҷорӣ нагардидааст. Сармоягузориҳои хориҷиро қонунҳои умумӣ дар бораи фаъолияти хоҷагидорӣ, фаъолияти бонкӣ, дар бораи назорати асъор ва танзими асъор, андоз ва андозбандӣ ба танзим медароради. Дар робита ба ин, қонуни умумӣ, ки фаъолияти хоҷагидорӣ, андозбандӣ, асъорӣ, бонкӣ ва ғ.-ро ба танзим медарорад, корбурд мешавад.

Таҷрибаи ИМА дар самти сиёсати сармоягузорӣ дар он мебошад, ки дастгирии намудани хукумат ба содиркунандагони молҳо дар ИМА, аз ҳама қабл, ёрии иттилоотӣ маҳсуб мешавад, ба мисли дастаи вебсайтҳои ҳукуматӣ, ки барои сарварони ширкатҳои амрикоӣ доир ба имконоти судури мол ба бозорҳои хориҷӣ иттилооти комил медиҳанд. Портали махсуси интернетӣ (www.export.gov) 83 бо ташаббуси ҳукумат таҳия гардидааст, ки маълумот оиди бастани созишномаҳои тиҷоратӣ бо сармоягузорони хориҷӣ ва маълумот оиди

имкониятҳои нав барои тиҷорати америкоӣ муфассал пешниҳод мегардад.[50]

Кишварҳои мутараққӣ мисли ИМА ва ИА барои дастгирии молиявии сармояҳо дар кӯмаки моддии содиротӣ бевосита ҷудо намудани воситаҳои молиявии иловагӣ майли зиёд мекунанд. Аз рӯйи маълумотҳои маърӯзаи ЮНКТАД дар соли 1998 сармоягузориҳои бевоситаи хориҷӣ дар иқтисодиёти давлатҳои ҷаҳон 730-740 млрд доллари ИМА ва соли 2000 ба 800 млрд доллари ИМА расид.

Дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ вусъати муомилоти ширкатҳои хориҷии кишварҳои мутараққӣ, махсусан ширкатҳои кишварҳои индустриалӣ ба мисли Мексика, Бразилия, ҷумҳуриҳои Филипин, Корея, Сингапур, Малайзия, Тайван, Гонконг дар Осиё падидаи нав мебошанд. Тибқи маълумоти ЮНКТАД ҳиссаи давлатҳои рушдкарда дар сармоягузории мустақими хориҷии кулли кишварҳо дар соли 1990 7 фоизро ташкил дода, дар соли 1999 бошад, 19 фоизро ташкил намуда, дар ҳисоби пулӣ 55 миллиард долари ИМА-ро ташкил намудааст. Бештари сармоягузориҳоро дар кишварҳои хориҷа кишварҳои мутараққӣ дар соҳаи электроника автомобилсозӣ, коркарди нефт, саноати корҳои сохтмонӣ, семент, хӯрокворӣ, тамоку амалӣ гардонидаанд. Дар Аврупо Олмон ҳамчун як давлати тараққикарда маҳсуб ёфта, сеяки сарзамини Олмонро барномаҳои ҳадафманд бо мақсади пешрафти минтақаҳо фарогир шудаанд. Дар қонунгузориҳои Олмон беҳбуд бахшидан ба фазои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо яке аз ҳадафҳои калидии давлат ба шумор меравад. Дар он барномаҳои беҳсозии сохтори иқтисодии минтақавӣ барои хоҷагиҳои заминдор ташкил карда шудааст. Созмон додани чунин барномаҳо аслан бо мақсади таҳкими лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки хусусияти  аз буҷаҳои федералӣ барои беҳдошти  замин, тараққии саноат, зеррасохторҳо истеҳсолию иҷтимоӣ ва бунёди муҳити солими сармоягузорӣ ба таври илова ҷудо кардани маблағҳоро дар назар дорад, роҳандозӣ карда мешаванд. Дар кишварҳои Финляндия ва

[50][Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.trade.gov/export-solutions>.(дата обращения: 10.11.2020 г.).

Италия бошад, лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар риштаи саноат аз ҳисоби кумакҳои амалии давлатӣ сурат мегирад. Аз ҷумла ба ин соҳа маблағгузории мустақим равона карда мешавад.[51] Ба фикри мо, аз гуфтаҳои боло чунин хулоса намудан мумкин аст, ки таҷрибаи ин ду кишварро дар минтақаҳои вилояти Хатлон аз ҳисоби ҷудокунии маблағҳои буҷети давлатӣ дар соҳаи саноат истифода бурдан мувофиқи мақсад намебошад, зеро норасогии маблағҳо дар қисми даромади буҷетҳои минтақаҳо мавҷуд мебошад.

Кишвари Олмон дар ҷалби усулҳои хуби сармоягузорӣ таҷрибаи зиёд дорад. Ин кишвар корхонаву ширкатҳои худро барои бештар намудани ҷалби сармоягузориҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба форум ва вохӯриҳо, инчунин намоишгоҳҳои сатҳи байналмилалӣ мефиристад. Барои рушди фаъолияти корхонаҳо қарзҳо аз бо фоизи паст пешниҳод шуда, имконият дода мешавад, ки ин қарзҳои пешниҳодшуда баъд аз даҳ сол бо фоизҳояш баргардонида шаванд. Ҳукумати Олмон барои кӯмак ба тиҷорати хурду миёна қонунеро ба тасвиб расонд, ки сабти корхонаҳоро вобаста ба шакли ҳуқуқию соҳавиашон дар хадамоти бақайдгирӣ) ба воситаи интернет муайян мекунад, ки ин барои пешравии фаъолияти соҳибкорони ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Дар ин самт сомонаи интернети (www.startotheke.de) мавҷуд мебошад, ки ҳамаи соҳибкорон метавонанд маълумотҳои заруриро аз ин сомона ба даст оваранд.Барои такмили васоити гардони корхона Бонки таҷдид ва рушд пӯшондани 50 дарсади қарзи гирифтаи корхонаҳои хурдро) кафолат медиҳад. Иқдоми пешгирифтаи кишвари Олмон барномаеро қабул ва пешбинӣ намуд, ки вобаста ба корхонаву ширкатҳои аз ҷиҳати молиявӣ мушкили надоранд ва барои фаъолияти рушди дарозмудат ба муҳлати 7-8 сол сармоягузорӣ намуда, бо имконияти дароз кардани муҳлати он боз то 7 соли дигар ба маблағи 500 ҳазор то 5 млн евро барои фаъолияти онҳо ҷудо мегардад.

---

[Электронный ресурс]. Режим доступа:[51] http://italia. polpred.ru/1999/4.htm>.(дата обращения: 10.01.2020 г.).

Баъд аз барҳам хӯрдани СССР дар Олмон соли 1990 Ҷумҳурии Федералии Олмон бо Ҷумҳурии Демократии Олмон якҷоя гардид, ки дар рушди иқтисодиёти ин кишвар мушкилотҳои зиёдро ба вуҷуд овард. Аз ҷумла механизми мураккаби қабули қарорҳо, танзими мураккаби қонунгузорӣ ба вуҷуд омад. Дар Олмон яку ябора тағйир додани сиёсати сармоягузорӣ бо мақсади ҷалб намудани сармогузории хориҷӣ барои лоиҳаҳои заминҳое, ки пештар дар ихтиёри Ҷумҳурии Демократии Олмон буд, дар мадди аввал гузошта шуд. Ин минтақаҳои қафомондаи Ҳукумати Олмон аз ҷумла Бранденбург, Мекленбург- Олмони Ғарбӣ, Саксония, Саксония-Анҳалт, Тюрингия ва баъзе минтақаҳои Берлин барои лоиҳаҳои зиёди сармоягузорӣ аз усулҳои зиёд ба монанди имтиёзҳои андозӣ, ҷудо намудани маблағҳо аз буҷет, шартҳои махсуси додани қарз ва гирифтани қарзҳо аз ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ истифода намудаанд. Баъд аз ин Олмон барои минтақаҳои рушднаёфта қарзҳои зиёд гирифта, барои баргардонидани онҳо ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва дохилиро ба роҳ монд. Омили манфие, ки сармоягузорони хориҷиро барои сармоягузорӣ намудан ба иқтисодиёти ин кишвар бозмедошт, ин меъёрҳои нисбатан баланди андозҳо буд. Барои бартараф намудани ин ҳолат имтиёзҳои андозиро барои сармоягузорони хориҷию ватанӣ муайян намуд. Масалан, андозбандӣ аз даромади шахсони воқеӣ аз 53% ба 42%, меъёри андоз аз даромад аз 25,9% ба 15% расонида шуд. Гардиши сармояи ҷаҳонӣ аз рӯйи содирот ва воридот имрӯзҳо байни кишварҳои Британияи Кабир, Фаронса, Олмон ва Испания 75%-ро ташкил медиҳад. Олмон кишварест, ки қонуни алоҳида дар бораи сармоягузории хориҷӣ надорад, ҳамон қонуну қоидаҳое, ки барои сармоягузорони дохилӣ амал мекунанд, ҳамон мебошад. Олмон, мисли дигар кишварҳо, як қатор созишномаҳои байналмилалӣ оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи сармоягузориҳо бастааст.[52] Бояд ёдовар шуд, ки дар Олмон бо номи KfW (Kreditanstalt fur Wiederaufbau) яке аз ниҳодҳои бузургтарини қарзию

[52]Быткова, Е.А. Германия в международной миграции капитала в форме прямых инвестиций: дис. … канд. экон. наук: 08.00.14. – Москва, 2008. – С.32- 69.

сармоягузории федералӣ фаъолият дошта, ҳадафи аслии он кумак дар риштаҳои муҳимми иқтисод мебошад.

Ташкил намудани ин муассисаи қарзию сармоягузорӣ дар Олмон барои аз нав барқарорсозии хисороти иқтисодии чанги дуюми ҷаҳонӣ буд. Аз ҷониби ИМА барномаи махсуси ислоҳоти иқтисодӣ барои кӯмаки давлатҳои Аврупо ки дар ҷанги шаҳрванди ҳисороти зиёд диданд, ташкил карда шуда, Ҷумҳурии федералии Олмон дар қатори ин давлатҳо барои лоиҳаҳои зарурии сармоягузорӣ аз ин барнома истифода менамуд. Ба монанди таҷрибаи Чин дар Кореяи Ҷанубӣ, манотиқи вижаи иқтисодӣ воситаи муҳимми амалисозии сиёсати сармоягузорӣ мебошанд. Имрӯз дар Кореяи Ҷанубӣ чаҳор минтақаи вижа фаъолият мекунад, ки аз рӯйи сохтори иқтисодии риштаҳои саноат ва механизми андоз фарқ мекунанд. Сиёсати сармоягузории Кореяи Ҷанубӣ бештар ба сармоягузории хориҷӣ, ки дорои характери инноватсионӣ буда, тавоноии ворид сохтани истеҳсолоти технологӣ ба кишварро дорад, нигаронида шудааст. Бояд ёдовар шуд, ки то кашфи минтақаҳои нави иқтисодӣ сармоягузорони хориҷӣ танҳо ба лоиҳаҳои калонтарини минтақа сармоягузорӣ мекарданд, ҳамчунон минтақае, ки он сармоягузории хориҷӣ мешуд, дар мавқеи дувум қарор мегирифтанд ва минтақаҳои дигари иктисодӣ метавонистанд хамчун маҷмуъҳои саноатии маҳаллӣ рушд кунанд.[53] Вижагии хоси сиёсати инвеститсионии Ҷопон - ин ҳамкориҳои судманди сектори давлатӣ бо сектори хусусӣ маҳсуб меёбад. Роиҷтарин тарзи ҳамкории давлат ва сектори хусусӣ ибтикори молиявии хусусӣ мебошад, ки дар он зиёда аз 400 лоиҳа ба маблағи 23,5 млрд доллари ИМА татбиқ карда мешавад.)[54]. Дар кишвари Канада сиёсати сармоягузорӣ аз аввали ташаккули он (солхои 1960) то ҳоло хусусияти ошкорою муътадил дорад. Ҳадафи асосии Канада расидан ба сатҳи мувозии пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ва нерӯи сармоягузории тамоми субйектҳои давлат мебошад. Ҳукумат дар доираи барномаҳои хоси рушд ба минтақаҳои сустинкишоф трансфертҳои мустақими молиявӣ интиқол медиҳад, маблағҳои

[53]Кузнецов С.В. Банковская система КНР: Дисс. ... канд. экон. наук. -М., 2003. С. 64-69.
[54] Кузнецов А.В. Особенности инвестиционной стратегии Японии и перспективы сотрудничества с Россией// Финансы: теория и практика. 2017. Т. 21. №6. С. 108–117.

миллиро миёни минтақаҳои "сарватманд" ва "камбағал" дубора тақсим мекунад.[55] Сиёсати сармоягузории Австрия бошад, ба сиёсати сармоягузории Олмон шабоҳат дорад. Дар ин ҷо ба расондани кумаки сармоягузорӣ ба корхонахои минтақахои сустинкишоф таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад. Кумак дар сармоягузорӣ ба заминҳои федералӣ одатан ба воситаи барномаҳои рушди тиҷорати хурд ва миёна татбиқ мегардад. Бо вуҷуди меъёри баланди андоз дар Австрия, теъдоди корхонаҳое, ки бо сармояи хориҷӣ кор мекунанд, дар ҳоли афзоиш аст. Чунон ки дар Олмон саҳми бонкҳо дар кори сармоягузории дохилӣ қобили мулоҳиза аст, дар сиёсати сармоягузории Австрия низ фондҳои вижаи сармоягузорӣ ҷойгоҳи хос доранд. Он фондҳои вижа инҳоанд: Фонди ҳавасмандкунии коркарди техника ва технологияи ҷадид; Хазинаи рушди иқтисод; Фонди такмили сохтори иқтисод - ин ташкилоти мазкур бо мақсади кумак ба тиҷорати хурд ва миёна созмон дода шудааст; Фонди ҳавасмандкунии коркарди техника ва технологияи нав ва ғ.).[56] Яке аз вижагиҳои амалӣ сохтани сиёсати минтақавии Фаронса маҷмуан тамоюли барномаи қутбҳои афзоиш мебошад, ки мутобиқи он давлат ба пешрафти пойгоҳҳои минтақавии марказҳои рушд кӯшиш ба харҷ медиҳад. Дар робита ба ин, дар доираи амалӣ кардани сиёсати сармоягузорӣ субсидияҳо аз василаҳои асосии дастгирии минтақаҳо ба шумор мераванд, ки ҷойгиронии корхонаҳои саноатиро берун аз шаҳрҳо (ба хотири пешгирӣ аз ҷойбандкунӣ) ба танзим медароранд. Дар давраи муосири идоракунии раванди сармоягузорӣ дар мамлакат мутобиқ ба Барномаи давлатии сармоягузорӣ оид ба боло бурдани рақобатнокии соҳибкорӣ дар Фаронса ва бархурдорӣ аз таҷрибаи ғуншудаи инноватсия дар бахшҳои стратегии иқтисод (нанотехнология ва биотехнология) корҳои зиёде ба сомон расонида шудааст. Бо мақсади ҳавасмандсозии инвеститсияи хориҷӣ ва ватанӣ шартҳои нави пардохти андозҳо аз рӯйи таҳқиқоти илмӣ қабул гардида, пардохти қисме аз андозҳои маҳаллӣ лағв карда шуданд. Сиёсати

[55] Ирхин Ю.В. Канадский опыт государственной региональной политики: сравнительный анализ// Социально-гуманитарные знания. 2008. №6. С. 225–240.
[56] Василенко М.Е. Зарубежный опыт организации воспроизводственных процессов в материальном производстве // Проблемы современной экономики, 2010. №2 (34). С. 78–82.

сармоягузории Испания дар таносуб ба мамлакатҳои дигари ИА дар истифодаи захоири молиявии Хазинаи сохти аврупоӣ ва Фонди ягона ва низ фондҳои ҷуброни минтақавӣ пешқадам аст. Имрӯз Испания барои таҳкими мавқеияти худ дар арсаи байналмилалӣ сиёсати инвеститсиониро пеш гирифтааст. Ёрии иқтисодӣ ба сармоягузории минтақаҳо дар доираи барномаи Блокҳои кумак татбиқ карда мешавад. Кластерҳои махсусгардонида (маъмултаринаш "Фонди рушд" аст), ки ба рушди инноватсия сарукор доранд, хеле маъмул шудаанд.).[57]

Ба фикри мо ин таҷрибаи кишварҳои Финландия, Австралия ва ҶМЧ ва Олмонро маҳз дар минтақаҳои агросаноатии вилояти Хатлон истифода бурдан мувофиқи мақсад аст, зеро қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ барои сармоягузорӣ яке аз манбаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Бо мақсади боло бурдани самаранокии кори сармоягузории хориҷӣ моро зарур аст, ки аз ҳама бештар таҷрибаи ҶМЧ ва Олмонро дар минтақаҳои вилояти Хатлон истифода намоем. Дар қатори кишварҳои Аврупо мо тасмим гирифтем, ки оид ба механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ давлатҳои Осиёи Марказиро таҳлилу баррасӣ кунем.Тибқи маълумотҳои расмӣ дар соли 2021 миқдори сармоягузории хориҷӣ, ки дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ворид гаштааст, 211 млрд долларро ташкил медиҳад. Дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ аз ҳама зиёдтар сармояи мустақими хориҷӣ ба кишвари Қазоқистон рост меояд, ки аз ҳаҷми умумии маблағҳои сармоягузорӣ– 151,9 млрд доллар , ё ин ки ( 71,8%) ро ташкил медиҳад . Маврид ба зикр аст, ки дар давоми 30 соли охир ба иқтисодиёти Қазоқистон зиёда аз 370 млрд доллар сармояи хориҷӣ ворид шудааст. Воридкунандаи асосии сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Қазоқистон давлатҳои Нидерландия (101 млрд доллар), ИМА (46,2 млрд доллар) ва Швейтсария (28,5 млрд доллар) маҳсуб меёбад. Барои рушди иқтисодиёт ва равнақи соҳаҳои афзалиятноки кишвари Қазоқистон аз ҷониби ҳукуми кишвараш як қатор барномаҳои давлатии сармоягузорӣ аз ба роҳ монда

---

[57] Зарубежный опыт реализации региональной инвестиционной политики и возможности его применения в условиях России[Электронный ресурс]. Режим доступа: // https: //www .google. https:// journals.rudn.ru/public-administration/article/ download / (санаи муроҷиат: 11.03.2022).

шудааст. Яке аз барномаҳои давлатии сармоягузорӣ дар ин кишвар барномаи "Нури роҳ" маҳсуб меёбад,ки бароисолҳои 2020-2025, таҳия шуда, мақсад аз он тараққиёти зеррасохтори транзитӣ, содиротӣ ва логистикӣ баҳри амалигардонии сиёсати содиротии мамлакат мебашад. Дар баробари ин бо мақсади пешбурди кори содирот дар Қазоқистон "Стратегияи миллии содироти Ҷумҳурии Қазоқистон барои солҳои 2018-2022" роҳандозӣ шуда буд, ки ҳадафи аслии он рушди маҳсулоти содиротии мамлакат мебошад.

Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар давалатҳои Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати ҷолибияти сармоягузорӣ мавқеи хосро ба худ касб кардааст. Бо мақсади хубтар шудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Узбекистон барномаи "Стратегияи боло бурдани фазои сармоягузорӣ барои солҳои 2021-2025" қабул шудааст, ки мутобиқи он дар давоми 5 сол ба маблағи 120 млрд доллари амрикоӣ, аз ҷумла 70 миллиард доллар сармоягузорӣ карда мешавад. Дар соли 2020 мувофиқи маълумотҳои омори расмии Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҳисоби ҳамаи қарзҳои бонкҳои фаъолияткунанда ва дигар маблағҳои қарзӣ, 28520,9 млрд сумро ташкил дод.Сармоягузорӣ кардан ба фондҳои асосӣ аз ҳисоби қарзҳои хориҷӣ бо кафолати Ҷумҳурии Узбекистон маблаги 22467,1 млрд сумро ташкил медиҳад. Илова бар ин, Ҷумҳурии Узбекистон соли 2021 барои рушди иқтисоди худ 9 млрд доллар сармояи бевоситаи хориҷӣ ва қарзҳо ҷалб кард. Ба иқтисоди кишвари Узбекистон беш аз 50 мамлакати пешрафтаи ҷаҳон сармоягузорӣ намудаанд. Саҳми сармоягузорони кишварҳои пешқадам ба ин ҷумҳурӣ, аз ҷумла ҶМЧ 2,2 млрд доллар, Русия - 2,1 млрд доллар, Туркия - 1,18 млрд доллар, Олмон - 800,7 млн доллар ва Кореяи Ҷанубӣ 137,4 млн долларро ташкил медиҳад. Ҷараёни ҷалби сармоя дар Узбекистон дар соли 2022 бо сабабҳои буҳрони молиявӣ тамоюли пастравиро доро мебошад. Дар соли 2022 Ҷумҳурии Узбекистон 8 млрд доллар сармояи мустақими хориҷӣ дарёфт кард, ки нисбати соли 2021 1 млрд долар кам мебошад. Ҳиссаи бештари сармоягузорӣ дар Узбекистон ба соҳаҳои энергетика, металлургия, саноати химия, технологияи иттилооти коммуникатсионӣ, сохтмони маҳсулоти электротехникӣ ва саноати сабук равона гардидааст. Метавон иброз дошт, ки

дар қиёс бо Тоҷикистон, кишвари Узбекистон барои сармоягузории хориҷӣ нисбатан мавриди таваҷҷуҳ аст, ки инро метавон бо фаъол шудани сармоягузорони бузурги алтернативӣ, аз қабили Туркия, Олмон ва Кореяи Ҷанубӣ мушоҳида кард. Ҳамчунин мавриди тазаккур аст, ки дар Узбекистон ҳеҷ сармоягузор нисбат ба сармоягузорӣ дигар бартарии қобили мулоҳиза надорад, он тавре, ки дар Тоҷикистон дар мисоли Чин мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҷалби маблағҳои хориҷӣ ба Қирғизистон дар муқоиса бо Узбекистон "хоксоронатар" ба назар мерасад, аммо нисбат ба Тоҷикистон "босалобат" менамояд. Ҷумҳурии Қирғизистон ба кишвари худ дар соли 2021 барои рушди иқтисодиёташ ба маблағӣ 1 млрд доллар сармояи хориҷиро ҷалб кардааст. Сармоягузорони асосии Қирғизистон дар соли 2021 Ҷумҳурии мардумии Чин (334,7 млн доллар), Туркия (237,9 млн доллар), Русия (147,2 млн доллар), Қазоқистон (65,6 млн доллар) ва Ҳолланд (64,8 млн доллар) буданд. Инвеститсияҳои хориҷии ба Қирғизистон дохилшуда барои рушди касбият, илму техника, истеҳсолот ва истихроҷи маъданҳо равона карда шуда аст. Дар Қирғизистон дар баробари сармоягузорони анъанавӣ – Русия ва Чин фаъол шудани Туркия ба мушоҳида мерасад, ки соли 2022 аз сармоягузорони асосӣ гузашта, ба иқтисоди ин кишвар 321,6 млн доллар сармоягузорӣ кардааст. Туркия дар соли 2021 дар феҳристи сармоягузорони асосии иқтисоди Қирғизистон дар мақоми дуввум нишаст ва соли 2022 бошад, дар садри феҳраст қарор гирифт. Кишвари Қирғизистон баъд аз паси сар кардани пандемияи Ковид-19 вуруди инвеститсияро ба иқтисоди худ то дараҷае барқарор карда тавонист, вале ба вуҷуди ин, шуруъ аз соли 2017 дар воридоти сармоягузории мамлакат пастравӣ ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, аз рӯйи маълумотҳои мазкур оид ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон метавон ба таври зерин хулоса намуд:

1.Чунин бармеояд, ки Ҷумҳурии мардумии Чин минбаъд ҳам ҳамчун сармоягузори асосии иқтисоди Тоҷикистон боқӣ хоҳад монд, чунки сеяки

воридоти сармояи хориҷӣ ба Тоҷикистон дар солҳои 2010-2021 маҳз ба ин давлат марбут аст. Чин дар нақши “ҳамсояи бузург” барои лоиҳаҳо ва ширкатҳои мухталифе, ки худаш пешниҳод ва харидорӣ менамояд, маблағгузорӣ мекунад. Бо ин ҳадаф Чин ба ширкатҳои худ дар қаламрави Тоҷикистон низ сармоягузорӣ карда, дар айни замон ҷумҳуриро барои 20 соли оянда шарики иқтисодии худ месозад.

2. Русия, ки ҳамеша дар радар аст ва тақрибан муҳимтарин сармоягузор дар Тоҷикистон эълон мешавад, ба таври қобили мулоҳиза мавқеашро ба Чин медиҳад. Русия аз соли 2014 ба далели таҳримҳо ва ширкат дар амалиёти низомӣ дар Украина мавқеашро дар арсаи сармоягузории Тоҷикистон аз даст медиҳад ва бо назардошти вазъи кунунӣ метавон бо итминон гуфт, ки ин раванд идома хоҳад ёфт; 3.) Ба далели як қатор мушкилоти мавҷуда, воридоти сармояи хориҷӣ ба таври ночиз мутановвеъ шудааст, ки иқтисоди Тоҷикистонро ба як сармоягузори бузург вобаста мекунад. Сармоягузорони умда ба иқтисоди Тоҷикистон, аз қабили Бритониё, Амрико ва Қазоқистон дар чанд соли ахир ҳаҷми сармоягузории худро коҳиш додаанд. Дар робита ба ин, кишварро зарур аст, ки шароити мусоид фароҳам оварад; 4)Сарфи назар аз он ки Қирғизистон ва Узбекистон низ мушкилоти муайяни марбут ба вижагиҳои маҳаллии фазои сармоягузорӣ доранд, Тоҷикистонро зарур аст таҷрибаи ин кишварҳоро дар мавриди ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ биомӯзад, то дар оянда портфели сармоягузорони худро мутанаввеъ кунад. Масалан, ИМА, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ ва Ҳиндустон метавонанд дар оянда сармоягузорони эҳтимолии иқтисоди Тоҷикистон шаванд.

Барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки ба кишвар муҳити мусоиди сармоягузорӣ фароҳам оварда, пешгирӣ аз фасод дар самти фаъолияти сармоягузорӣ ва сода гардонидани низоми андозбандиро ба роҳ монад Барои сармоягузорони хориҷӣ ин, пеш аз ҳама, шароитҳои инфрасохтори сармоягузорӣ бояд мавҷуд бошад, зеро сармоягузори хориҷӣ бе ин наметавонад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ намояд.

Кишварҳое, ки сари вақт ҷалби сармоягузориро роҳандозӣ карда, таҷрибаи дигаронро дар пешбурди иқтисодашон истифода намуданд, аз ҷиҳати рушди иқтисодӣ пешқадаманд. Шароити иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ мусоидат мекунад. Ҳукумати ҷумҳурӣ барои онҳо имтиёзҳои андозию гумрукӣ пешбинӣ намудааст, ки метавонанд бидуни мушкилӣ аз он истифода баранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби як қатор кишварҳо ва созмонҳои байналмилалии молиявӣ ба рушди соҳаҳои мухталиф сармоягузорӣ карда мешавад. Аммо ҳоло ҳам ин кофӣ нест ва мо бояд дар ин самт таҷрибаи кишварҳои пешқадамро, аз қабили Олмон, Чин, Русия, ИМА, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон дар рушди иқтисоди кишвар истифода намоем.

# БОБИ 2.
# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МЕХАНИЗМИ МОЛИЯВИИ ТАЪМИНИ САРМОЯГУЗОРИИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 2.1. Таҳлили вазъи муосири сармоягузориҳо дар иқтисодиёти миллӣ ва буриши минтақаҳои он

Сармоягузорӣ яке аз омилҳои асосӣ ва пешбаранда дар рушди риштаҳои иқтисоди миллии кишвар маҳсуб мешавад. Дар амалия зиёд гардидани гузориши сармоя ба тараққии иқтисодиёт, бакордарории фондҳои аҳамияти иқтисодию иҷтимоӣ дошта оварда мерасонад, ки ин боиси афзоиши шумораи коргоҳҳо ва корхонаҳо гардида, даромадҳои аҳолӣ ва субйектҳои хоҷагидорро афзун мекунад, ба вазъи молиявии корхонаҳо беҳбудӣ мебахшад, фарогири зиёдшавии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва зиёдшавии воридшавии маблағҳо ба буҷети давлатӣ мегардад.

Рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ва рақобатпазирии он бештар ба самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ вобастагӣ дорад. Ҳаҷми сармоягузорӣ ва самаранок истифодабарии он дар ҳама бахшҳои иқтисоди миллӣ нақши назаррасу ҳалкунанда дорад.Бояд таъкид кард, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав (аз 1.01.2022) маҳз бо мақсади бо суръат саноатӣ кардани ҷумҳурӣ, рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ мавриди амал қарор дода шуд. Кодекс дар таҳрири нав барои сармоягузорону соҳибкорон ва муассисаҳои буҷавӣ хеле сабукиҳо овард. Акнун теъдоди андозҳо аз 10 то 7 номгӯй кам гардида, меъёрҳои қисме аз онҳо коҳиш дода шуд.

Таҷрибаи амалии кишварамон аз он гувоҳӣ медиҳад,ки ислоҳоти низоми молиявӣ самараи хуб додааст, бахусус устувории молиявӣ, мукаммалгардонии низоми андоз, идораи самарабахши молияи давлатӣ рушд карда, пардохтҳо ба буҷаи давлатӣ сол ба сол зиёдтар бақайдгирӣ шуда истодаанд. Ин раванд дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои

миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри соли 2021 чунин иброз гардидааст: “Сармоягузорӣ яке аз бахшҳои муҳим дар рушди иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, дар соли 2021 дар мамлакат 82 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи беш аз 42 млрд сомонӣ амалӣ гардид. Соҳаи нақлиёт яке аз бахшҳои муҳим дар рушди иқтисодиёт маҳсуб ёфта, дар ин бахши номбурда амалкарди 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи зиёда аз 11 млрд сомонӣ идома ёфта истодааст, ки барои ба кишвари дорои шароити муосири транзитӣ табдил ёфтани Тоҷикистон мусоидат мекунад. Соли 2021 лоиҳаҳои сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингарди Обигарм–Нуробод, Ҳулбук–Темурмалик–Кангурт, Данғара–Левакант–Бохтар, қитъаҳои Қалъаихум–Ванҷи шоҳроҳи Душанбе–Кулма, Қизилқалъа–Бохтар, шоҳроҳи Душанбе–Бохтар, Бекобод–Бобоҷон Ғафуров–Конибодом, сохтмони пул аз болои дарёи Панҷ дар мавзеи Кокули ноҳияи Фархор ва дарёи Ғунд дар шаҳри Хоруғ, таҷдиди роҳи мошингард ва бунёди долонҳои зидди тарма дар мавзеи Барсеми ноҳияи Шуғнон шурӯъ шуданд”.[58]

Бояд ёдрас кунем, ки дар соли 2021 дараҷаи таваррум ба 8% расид ва ин назар ба соли 2020 (9,4 %) 1,4 банди фоизӣ поин аст. Беқурбшавӣ дар ҷумҳурӣ ба сабаби 7,3% баландшавии нархҳои маҳсулоти хурока, 7,5% молҳои ғайрихурока ва 11,3% тарофаҳои хидматгузории пулакӣ ба амал омадааст. Дар давраи таҳлил ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард 16,3% , саноати истихроҷ 1,5 маротиб, таъмини неруи барқ, газ, буғ 15,2% ва таъминоти об, софкорӣ, коркарди партовҳо ва коркарди дубора 9,2% зиёд гардид, ин ҳама рушди соҳаи саноатро таъмин намуданд. Тавлиди неруи барқ дар соли 2021 дар ҷумҳурӣ 20623,8 млн. кВт. соатро ташкил дода, нисбат ба соли 2020 853,3 млн кВт. соат ё 4,3% зиёд таъмин гардид. Дар соли 2021 истеҳсоли МУК 39,8 млрд

---

[58] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри соли 2021 [Манбаи электронӣ] – URL:http://prezident.tj/node/27417 #bgafurov (санаи муроҷиат:7.10.2022).

сомониро ташкил дод, ки назар ба ба соли 2020 ба ҳисоби миёна 6,6% зиёд буд, аз ҷумла соҳаи рустанипарварӣ 5,9% ва чорводорӣ 8,4% рушд карданд. Аз 78 лоиҳаи сармоягузорӣ дар соли 2022 39-тои он  лоиҳаи грантӣ буда, 7 лоиҳа қарзӣ ва 32 лоиҳаи дигар маблағгузории қарз ва грант мебошанд. Маблағи умумии лоиҳаҳои мазкур 42 млрд сомонӣ (3,7 млрд доллар)-ро ташкил додааст. Тибқи маълумоти Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаҳои мазкур аз шуруъ ба амал то 01.01.2022 15,4 млрд сомонӣ (1,3 млрд доллар) маблағ азхуд гардидааст. Азхудкунии маблағҳо дар соли 2021 5,4 млрд сомониро (481,2 млн доллар) ташкил дода, дар маҷмуъ ба 96% нақшаи молиявии давраи ҳисоботӣ баробар аст.[59] Мутобиқи омори Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 ба ҷумҳурӣ 2576,8  млн доллар сармояи хориҷӣ ворид гардида буд, ки назар ба соли 2021 1858,5 млн доллари ИМА ( 2,9 маротиба) зиёд буд. Сармояи умумии хориҷие, ки соли 2022 2576,8  млн долларро ташкил дода буд, аз он 618.4 млн доллар сармояҳои мустақим, 1 958.2 млн доллар дигар сармояҳо мебошад. Сармояи мустақим дар кишвар дар ҳамин давра 618.4 млн доллари ИМА (89,2 %) ва дигар навъи инвеститсияҳо 1 958.2 млн доллари ИМА ( 5,1%) зиёд гардидааст. Сармояҳои мустақим асосан ба соҳаҳои истихроҷи маъдан дар ҳаҷми 57,2%, саноати коркард дар ҳаҷми 16,9%, сохтмон дар ҳаҷми 7,7% ва ба дигар соҳаҳо дар ҳаҷми 0,6% равона карда шудаанд.[60]

Аз рӯйи ҳисоботе, ки Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардааст, ҳаҷми содироти молҳо соли 2021 ба 2149,6 млн доллар  ва воридоти онҳо ба 4209,5 млн доллари ИМА баробар шуд, ки назар ба соли 2020 мувофиқан  содирот 742,7 млн доллар (52,8%) ва воридот 1058,6 млн доллар (33,6%) боло рафтааст. Дар ин давра ҳамкорони тиҷоратии ҶТ ФР (21,3%), Қазоқистон (18,5 %), Швейтсария (14,4 %), Хитой (13,2 %), Узбекистон (7 %),

[59] Вазорати корхои хоричии Чумхурии Точикистон [Манбаи электронӣ]. URL: https: // mfa. Tj tg / main / tojikiston / iqtisodijot [санаи мурочиат: 26.04.2022 с].
[60] Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. сомонаи invescom.tj/tj/ sarmoya/.

Туркия (6,1 %), Ҳиндустон(1,9 %), Эрон (1,9 %), Олмон (1,7%), Белгия (1,6 %), Ҷопон (1,4 %), Шветсия (1,1 %) буданд.[61]

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ робитаи қавӣ дошта, дар айни замон кишварамон ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ ҷиҳати татбиқи ислоҳоти моликиятӣ, тараққиёти соҳибкорӣ, беҳтар шудани муҳити сармоягузорӣ, аз ҷумлаи дастовардҳои соҳа маҳсуб меёбад. Гуфтан зарур аст, ки яке аз хусусиятҳои махсуси иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди иқтисодиёти бозорӣ, ин ҷолибияти фаъолияти сармоягузорӣ маҳсуб меёбад. Баъди ҳал гардидани ин масъала, лоиҳаҳои сармоягузорӣ амалӣ карда мешаванд ва сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат хуб мешавад.

Ҳ.С. Сафоев. ва З.А. Давлатова дар мақолаи худ қайд мекунанд, ки ҷолибияти фаъолияти сармоягузорӣ бояд, асосан, дар минтақаҳои ташкилкунандаи иқтисоди миллӣ дастгирӣ ёбад, то ин ки дар рушди асосии иқтисод Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузошта тавонад. Фаъолияти ҳамаи соҳаҳои иқтисоди бозоргонӣ, истеҳсолию хоҷагидории корхона ва ё ташкилоти алоҳида бо фаъолияти сармоягузорӣ алоқаманд мебошад.[62] Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳбуд бахшидан ба фазои сармоягузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шурои машваратӣ созмон дода шуд. Бояд зикр намуд, ки Шурои мазкур ба ғайр аз намояндагони давлатӣ боз намояндагони бахши хусусиро ҳам дар бар мегирад. Дар Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармоягузорон кафолатҳои зиёдро муқаррар намудааст. Барои сармоягузороне, ки дар самтҳои бартаридоштаи рушди иқтисод, ба вижа барои иншооти НБО, технологияи коркарди нахи пахта сармоягузорӣ мекунанд, имтиёзҳои анодозӣ ва гумрукӣ пешбинӣ шудааст.Ҷумҳурии Тоҷикистон бо беш аз 25 давлат оид ба қатъ кардани

---

[61] Вазорати корхои хориҷии Чумхурии Точикистон [Манбаи электронӣ]. URL: https: // mfa. Tj tg / main / tojikiston / iqtisodijot[санаи мурочиат: 20.05.2022 с].

[62] Ҳ. С. Сафоев., З.А. Давлатова. Самтҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи муосир. // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. - Душанбе, 2018.- 3(34). - С.119. (127с.).

андозбандии дукарата тавофуқномаҳо имзо кардааст.

Ин санадҳои меъёрию ҳуқуқии дорои аҳаммияти байналмилалӣ асоси ҳавасмандкунӣ барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст. Ҳамкориҳои кишвари мо бо дигар давлатҳо ва созмонҳои молиявии байналмилалӣ тавсеа ёфта, ба гирифтани қарзҳо, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва амалӣ гардонидани лоиҳаҳои муҳим барои пкшрафти иқтисоди миллии кишвар кумак кардааст.

Дар рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон соҳаи энергетика яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок маҳсуб ёфта, аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз дар вилояти Хатлон чандин неругоҳҳо аз қабили Сангтудаи 1, Сангтудаи 2 ва дигар неругоҳҳои обӣ ба кор андохта шуданд. Бояд ёдрас кард, ки кишвари мо дар Осиёи Марказӣ яке аз аввалин кишвари истеҳсолкунандаи неруи барқ ба шумор меравад. Истеҳсол ва интиқоли нерӯи барқ яке аз манбаҳои асосии даромад дар қисми даромади буҷети кишвар мебошад.

Яке аз нерӯгоҳҳои калонтарин дар кишварамон ин НОБ-и Роғун маҳсуб ёфта,баъд аз сохта ва ба истифода супурдани он солона истеҳсоли нерӯи барқро ба 14 млрд. кВт соат мерасонад. Аз маълумотҳои оморӣ маълум гардид, ки дар соли 2017 ба НОБ-и Роғун аз ҳамаи сарчашмаҳо 4 млрд 700 млн сомонӣ хароҷот гардида, соли 2018 бошад, қариб 5 млрд сомонӣ хароҷот карда шуд.[63]

Ба фикри мо, соҳаи энергетика яке аз бахшҳои муҳим ва афзалиятнок дар рушди иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан вилояти Хатлон маҳсуб ёфта, ин бахши муҳим метавонад барои рушди дигар бахшҳои иқтисодиёти минтақа мусоидат намояд.

---

[63] Н.С. Назарова. Ҳолати имрӯзаи энергетика ва сармоягузории он дар Ҷумхурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ ҷамъиятӣ. ш.Душанбе, 2020. -№4. - С.55-56.

**Ҷадвали 2.1.-Динамикаи рушди фаъолияти сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн.сомонӣ)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | **2022/ 2018 бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | |
| Ҳамагӣ дар ҶТ | 13361,0 | 12517,8 | 11775,5 | 15124,9 | 16655,2 | +124,6 |
| **аз ҷумла:** | | | | | | |
| Ба истифода додани фондҳои асосӣ | 4859,3 | 7033,3 | 7266,8 | 5561,3 | 5803,4 | +119,4 |
| Ба истифода додани масоҳати манзилҳои исти-қоматӣ, ҳаз. $м^2$ | 1159,6 | 1456,1 | 1463,4 | 1546,0 | 1739,5 | +150 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумхурии Тоҷикистон/ Маҷмуаи оморӣ – Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ, 2023. -Саҳ.13 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Аз таҳлили ҷадвали 2.1. маълум гардид, ки ҳамагӣ сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар ҷумҳурӣ соли 2022 16655,2 млн сомонӣ буда, нисбат ба соли 2018 124,6 фоиз зиёд гардида аст. Ба истифода додани фондҳои асосӣ соли 2022 5803,4 млн сомониро ташкил додааст, ки назар ба соли 2018 119,4% зиёд мебошад. Ба истифода додани манзилҳои истиқоматӣ бошад, соли 2022 1739,5 млн сомониро ташкил дод, ки назар ба соли 2018 150 % афзудааст. Сармоягузориҳо дар солҳои 2021-2022 барои ба истифода додани фондҳои асосӣ ва ба истифода додани манзилҳои истиқомати низ афзоиш ёфтааст. Бояд зикр намуд, ки сабаби афзоиши ба истифода додани манзилҳои истиқоматӣ ин ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва афзоиши талаботи аҳолӣ ба манзилҳои истиқомати мебошад.

**Ҷадвали 2.2. – Сармоягузориҳои давлатӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ)**

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2017 бо % |
| Саноат | 5991,6 | 7974,2 | 6119,7 | 5683,5 | 5649,5 | 5732,1 | 95,6 |
| Кишоварзӣ | 98,7 | 23,1 | 33,2 | 12,7 | 15,3 | 104,5 | 105,8 |
| Нақлиёт ва алоқа | 1202,7 | 1152,1 | 1049,3 | 1084,9 | 1612,2 | 1971,3 | 163,9 |
| сохтмони манзил | 1106,7 | 488,0 | 1754,5 | 2378,7 | 4261,7 | 4508,5 | 4,1 маротиба |
| Савдо ва хуроки умумӣ | 136,7 | 110,5 | 347,5 | 157,1 | 351,4 | 368,1 | 2,6 маротиба |
| Хоҷагии комуналӣ | 44,9 | 15,7 | 175,0 | 105,1 | 1130,9 | 764,1 | 17 маротиба |
| Маориф | 719,7 | 500,8 | 659,8 | 386,0 | 469,2 | 2182,1 | 3,3 маротиба |
| Тандурустӣ | 220,0 | 323,2 | 347,4 | 163,2 | 169,9 | 110,4 | 50,2 |

**Сарчашма**: Омори солонаи Ҷумхурии Точикистон/ маҷмуаи оморӣ – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023.- Саҳ.292 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Аз таҳлили ҷадвали 2.2. бармеояд, ки сармоягузориҳои давлатӣ дар риштаи саноат соли 2022 5732,1 млн сомониро ташкил додааст, ки дар қиёс бо соли 2017 4,4 % кам шудааст, нишондоди риштаи кишоварзӣ бошад, дар соли 2022 104,5 млн сомонӣ аст, ки нисбат ба соли 2017 105,8 % зиёдтар сармоягузорӣ гардидааст. Дар соҳаи нақлиёт ва алоқа бошад соли 2022 1971,3 млн сомониро нишон дод, ки муқоиса ба соли 2017 163,9 фоиз сармоягузорӣ зиёд гардида аст. Дар сохтмони манзил соли 2022 4508,5 млн сомониро муайян гардид, ки муқоиса ба соли 2017 афзоишёбӣ 4,1 маротиб, дар соҳаи савдо ва хуроки умумӣ соли 2022 368,1 млн сомониро нишон дод, ки муқоиса ба соли 2017 2,6 маротиб зиёд гардид. Ҳамчунин, дар давраи таҳлил маблағгузориҳои соҳаи хоҷагии коммуналӣ 17 маротиба афзоиш ёфта, ба соҳаи маориф 2182,1 млн сомонӣ маблағгузорӣ шуда буд, ки назар ба соли аввали таҳлил мувофиқан 3,3 маротиб зиёд сармоягузорӣ шуд. Дар соҳаи тандурустӣ бошад, соли 2022 110,4 млн

сомониро ташкил дод, ки дар қиёс бо соли 2017 49,8 фоиз кам сармоягузорӣ гардидааст. Аз таҳлили ҷадвал маълум гардид, ки дар соҳаҳои саноат ва тандурустӣ дар соли 2022 сармоягузорӣ кам гардидааст. Сармоягузориҳо ба обйектҳои таъйиноти истеҳсолидошта низ дар солҳои охир зиёд гардидааст.

Аз рӯйи таҳлили ҷадвали 2.3 маълум мегардад, ки ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ соли 2022 сармоягузориҳо ба обйектҳои таъиноти истеҳсолидошта ба 8848,6 млн сомонӣ баробар буданд, ки ин назар ба соли аввали таҳлил 117 % зиёд буд.

**Ҷадвали 2.3.-Сармоягузориҳои давлатӣ ба обйектҳои таъйиноти истеҳсолидошта (млн сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2017, бо % |
| Сармоягузориҳо ба объектҳои таъиноти истеҳсолидошта, дар ҶТ | 7560,4 | 9259,9 | 7549,7 | 6938,3 | 7628,4 | 8848,6 | +117 |
| аз ҷумла: | | | | | | | |
| аз нав таҷҳизонии техникӣ ва аз навсозии кор-хонаҳои амал-кунанда | 1874,7 | 587,0 | 791,8 | 1036,5 | 1745,3 | 2011,1 | +107,2 |
| васеъ намудани корхонаҳои амалкунанда | 97,9 | 6,1 | 76,7 | 228,2 | 128,4 | 142,0 | +145 |
| сохмтони нав | 4804,7 | 7548,5 | 5871,1 | 5191,6 | 5234,9 | 6075,2 | +126,4 |
| обектҳои ҷудогонаи кор-хонаҳои амалкунанда | 783,1 | 1118,3 | 810,1 | 482,0 | 519,8 | 621,3 | 79,3 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумхурии Точикистон/ маҷмуаи оморӣ – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. -Саҳ.292 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Аз ҷумла сармоягузорӣ ба аз нав таҷҳизонии техникӣ ва азнавсозии корхонаҳои амалкунанда соли 2022 2011,1 млн сомонӣ, ки нисбати 2017 107,2

фоиз афзоиш ёфта, сармоягузорӣ ба васеъ намудани корхонаҳои амалкунанда бошад соли 2022 дар маҷмуъ 142,0 млн сомонӣ буда, нисбати соли 2017 145 фоиз афзоиш ёфтааст. Сармоягузорӣ ба сохтмони нав соли 2022 ба 6075,2 млн сомонӣ расид, ки дар қиёс бо соли 2017 126,4% сармоягузорӣ афзоиш ёфтааст. Ба обектҳои ҷудогонаи корхонаҳои амалкунанда дар маҷмуъ соли 2022 621,3 млн сомониро ташкил дод, ки нисбати соли 2017 - 20,7 фоиз кам сармоягузорӣ гардид.

Аз таҳлили ҷадвали 2.4 маълум гардид, ки ҷамъан дар кишвар соли 2022 сармоягузорӣ дар риштаи саноат 5732,1 млн сомониро ташкил дод, ки дар қиёс бо соли 2017 - 4,4% кам шудааст.

**Ҷадвали 2.4.-Сармоягузорӣ ба соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн сомонӣ ва бо %)**

| | **Солҳо** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бахшҳои саноат | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2022/2017 бо %** |
| Сармоягузорӣ ба соҳаи саноат дар ҶТ, ҳамагӣ | 5991,6 (100%) | 7974,2 (100%) | 6119,7 (100%) | 5683,5 (100%) | 5649,5 (100%) | 5732,1 (100%) | 95,6 |
| аз ҷумла: | | | | | | | |
| Электроэнергетика | 4080,6 (8,1%) | 5592,7 (70,1%) | 777,7 (2,7%) | 4791,5 (5,7%) | 4210,8 (74,5) | 4950,8 (86,3%) | 121,3 |
| саноати сабук | 57,4 ( 0,9%) | 71,7 (0,8%) | 31,3 (0,5%) | 218,6 (261,7%) | 946,2 (16,7%) | - | 16,5 маротиб |
| саноати истихроҷи нафт | 952,0 (15,8% ) | 133,0 (1,6%) | 278,6 (4,5%) | 38,9 ( 46,5%) | - | - | - |
| саноати металлҳои гаронбаҳо ва хӯла | 876,9 (14,6%) | 1220,1 (15,3%) | 1032,1 (16,8%) | – | 2798,3 (49,5) | 580,3 (10,1 %) | 66,2 |

**Сарчашма**: Омори солонаи Ҷумхурии Тоҷикистон/ маҷмуаи оморӣ – Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ, 2023. -Саҳ.293 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Сармоягузориҳо дар соҳаи энергетика дар соли 2022 4950,8 млн сомониро ташкил дода, дар қиёс бо соли 2017 121,3% зиёд шудааст. Барои саноати сабук бошад, 946,2 млн сомонӣ ҷудо, дар қиёс бо соли 2017 16,5 маротиб афзоиш ёфта, саноати металлҳои гаронбаҳо ва хӯла соли 2022 580,3 млн сомонӣ ё 33,8 фоиз кам сармоягузорӣ гардидааст. Тибқи нишондоди ҷадвал, соли 2022 дар соҳаи саноати сабук, саноати филиззоти қиматбаҳо ва хӯла сармоягузориҳо афзудааст. Далели афзоиши сармоягузориҳо дар ин соҳаҳо бунёди корхонаҳои истеҳсолии марбут ба онҳо бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва ватанӣ мебошад.

**Диаграммаи 2.1.-Сармоягузориҳои давлатӣ барои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиат (млн сомонӣ)**




**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Маҷмуаи оморӣ – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.- саҳ. 491 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Чӣ тавре, ки дар таҳлили диаграммаи 2.1. маълум гардид, дар соли 2020 сармоягузориҳо барои ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои об 119,1 млн сомонӣ, барои ҳифз ва истифодаи оқилонаи замин 119,1 млн сомонӣ, чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиат 119,1 млн сомонӣ сармоягузорӣ шуд. Яке аз сарчашмаҳои дигар барои сармоягузорӣ дар минтақаҳо ин буҷети давлат ва буҷетҳои маҳал ба ҳисоб меравад.

Буҷети давлатӣ нақши муҳимро дар танзими банақшагирии давлатӣ мебозад, ки дар доираи сиёсати молиявию буҷет ва низоми андози мамлакат

амалӣ карда мешавад. Яке аз институтҳои асоси давлат низоми буҷет ба ҳисоб меравад. Дар тули ҳазорсолаҳои мавҷудияти давлат захираҳои молиявие, ки ба системаи буҷет ворид мегарданд мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллиро ба иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон буда водор месозад. Дар ин маврид Ғафорзода Ю.Ф. қайд кардааст, ки "Буҷет ин оинаи давлат ва ченаки ҳолати иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад." Ин омил мавқеи ишғолнамудаи системаи буҷетро дар иқтисодиёти мамлакат нишон медиҳад. Дар навбати худ ин моро водор месозад, ки ба омӯзиши паҳлуҳои системаи буҷети давлатӣ аҳамияти хоса диҳем».[64] Дар сиёсати буҷетии мамлакат яке аз унсурҳои муайян дар маҷмуъ ва воҳидҳои маъмурииии минтақавии онро низоми муносибатҳои байнибуҷетӣ ташкил мекунад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" омадааст: "Муносибатҳои байнибуҷетӣ – ин муносибатҳои байни мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти идоракунии фондҳои мақсадноки давлатӣ, ки дар раванди буҷетӣ ба амал меоянд, мебошад.[65] Бонки умумиҷаҳонӣ дар гузориши худ "Тиҷорат-2017" иттилоъ медиҳад, ки: "Дар соли 2020 лоиҳаҳои сармоягузорӣ 65 адад буда, аз ин 22 лоиҳаи грантӣ, 10 лоиҳаи қарзӣ ва 33 лоиҳа, ки дар ин ҳам маблағгузории қарз ва ҳам грант дохил мешавад, амал кардааст. Маблағи лоиҳа 32,1 млрд сомонӣ (3,32 млрд доллари ИМА)-ро ташкил медиҳад".[66] Бо дарназардошти ба инобат гирифтани конюнктураи берунии хоҷагии миллӣ Ҳукумати мамлакат Қонуни ҶТ «Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ»-ро қабул кард. Ҳукумати ҷумҳурӣ солҳои охир ҷиҳати бартараф намудани монеаҳои ба сармоягузорӣ таъсирбахш пайваста сайъю кӯшиш карда истодааст.

Таҳқиқоти зербоби мазкур моро ба чунин хулосаҳои зарурӣ овард:

---

[64] Ғафорзода Ю.Ф. // Тавсифи вазифа, сохтор ва принсипҳои буҷети давлатӣ /Маводи Конференсияи байналмилалӣ илмию амалӣ дар мавзӯи: «Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт», 27-феврали соли 2020.–ш.Душанбе:ДМТ.-С. 328.

[65] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии ҶТ», 28.06.2011, №723, 17.05.2018, №1535 тағийрот ворид шудаанд.

[66] Доклад Всемирного банка «Ведение бизнеса - 2017». Ведение бизнеса: рейтинг стран мира. [Электронный ресурс]. - Режим доступа: URL : http: //gtmarket.ru /ratings /doing-business/info

1) Сармоягузорӣ дар боло бурдани пешрафти иқтисоди ҳар як кишвар яке аз роҳҳои асосӣ ба шумор меравад. Бояд ёдовар шуд, ки ҷалби сармояи хориҷӣ дар давраи таҳлил 2 576,8 млн доллари ИМА-ро ташкил дод,ки назар ба соли аввали он 1932,3 млн доллари ИМА ё 2,9 маротиб ҷалби сармояи хориҷӣ зиёд мебошад. Ҳаҷми сармояи мустақим хориҷӣ дар маблағи умумии ин навъи сармоягузориҳо ба 618.4 млн доллари ИМА расид, дигар навъи сармоягузориҳои хориҷӣ дар ҳамин давра 1958.2 млн доллари ИМА баробар буданд. Дар рушди иқтисоди мамлакат дар соли 2022 73 лоиҳаи давлатӣ ба маблағи зиёда аз 40,01млрд сомонӣ сармоягузорӣ гардида, дар соҳаи нақлиёт бошад, 13 лоиҳаи давлатӣ ба маблағи умумии зиёда аз 11 млрд сомонӣ сармоягузорӣ гардидааст.

2) Дар таҳқиқот муайян гардид, ки соли 2022 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ 16655,2 млн сомониро ташкил намуда буд, ки ин ба 14,6% ММД кишвар баробар буд. Дар соҳаҳои дигари иқтисодиёт аз ҷумла дар саноат 5732,1 сармоягузорӣ карда шуд ва ин 4,4% ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосии ҷумҳуриро ташкил доданд.

3) Сармоягузориҳо барои объектҳои таъиноти истеҳсолидошта дар давраи охири таҳлил 8848,6 млн сомониро ташкил доданд, ки 17 % ба соҳаи саноат сармоягузорӣ карда шуданд.

4) Истеҳсоли неруи барқ дар кишвар давраи таҳлил 4,3% зиёд гардида буд. Дурнамо шудааст, ки танҳо сохтану ба истифода додани НОБ-и Роғун истеҳсоли неруи баркро ба 14 млрд кВ соат мерасонад.

5) Рушди иқтисодиёти мамлакат сол аз сол рӯ ба афзоиш ёфта, содироти мол ба хориҷӣ кишвар 52,8 % ва воридоти он низ ба 33,6 % рушд кардааст.

6) Дар соли охири таҳлил натиҷагирӣ шуд, ки дар соҳаҳои кишоварзӣ 0,1%; нақлиёт ва алоқа 10,7% ; сохтмон 9,7% ; савдо ва хӯроки умумӣ 2,3%; хоҷагии коммуналӣ 7,4%; маориф 3,1% ва тандурустӣ 1,1% аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ равона шуда буданд.

## 2.2 Арзёбии самаранокии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ дар вилояти Хатлон

Ҳама он кишварҳои аз лиҳози иқтисолӣ пешрафта авалин маротиба дар худ воридоти ҷалби сармоягузориҳои хориҷиро ба роҳ монданд. Дар ин робита вилояти Хатлон ва тараққиёти иқтисодию иҷтимоии он ба амалигардии сиёсати Ҳукумати кишвар ва барномаҳои рушди минтақавӣ алоқаи зич дорад. Вобаста ба ин, равнақи иқтисодиёти вилоят ва навоҳии он бо тарзу услубе таҳлилу баҳогузорӣ мешавад, ки дар миёни онҳо ба ҷараёни гузориши сармоя бартарии зиёд дорад. Дар "Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузорӣ дар Тоҷикистон"(29.12.2012, №755) қайд шудааст, ки лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар сатҳи вилоят ба ҳайси фишанг ба мақсади равнақи иқтисодиёти вилоятҳо баромад намуда, ба рушди фаъолии фаъолияти сармоягузории субъектҳои минтақавӣ нигаронида шудаанд.[67] Ёдовар мешавем,ки аз рӯйи масоҳат сарзамини вилояти Хатлон 24,7 ҳазор км$^2$ ташкил медиҳад. Масоҳати вилояти Хатлон 17,5 фоизи масоҳати ҷумҳуриро ташкил дода, аз 21 ноҳия, 4 шаҳр ва 23 ҷамоатҳои шаҳрак, 132 ҷамоатҳои деҳот иборат аст. Аз рӯйи аҳолӣ вилоят то 1 январи соли 2021 3537,1 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Манбаъҳои обии вилоят аз дарёҳои Амударё, Панҷ, Вахш, Сурхоб, Оқсу иборат мебошад.

Неругоҳҳои барқии обӣ дар вилоят - Норак, Бойғозӣ, Шаршара, Сарбанд, Вахш, ки беш аз 16171 млн квт соат барқ дар як сол истеҳсол мекунанд, имрӯз 92 дарсади барқи ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон НБО-и «Сангтуда-1» бо иқтидори 670 млн кВт ва НБО-и «Сангтуда-2» бо иқтидори 220 млн кВт бо сармояи хориҷӣ бунёд гардида, мавриди бахрабардорӣ қарор гирифтанд. Сармоягузориҳои хориҷӣ барои минтақаҳои вилояти Хатлон яке аз роҳҳои асосӣ барои рушд додани соҳаҳои

[67] Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузорӣ дар Тоҷикистон, аз 29 декабри соли 2012, № 755.

иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Аз рӯйи сарчашмаҳои оморӣ дар соли 2022 175 корхона ва коргоҳи пахтатозакунӣ, 33 корхона ва коргоҳи дӯзандагӣ ва 6 корхонаи ресандагӣ фаъолият дошта, калонтарин корхонаҳо дар ин вилоят ҶДММ «Водии Заррин» дар ноҳияи Хуросон, ҶДММ «Ҷунтай моҳир семент» ва ҶДММ «Хуаксин Ғаюр семент»-и ноҳияи Ёвон, ҶС «Трансформатор»-и шаҳри Бохтар, ҶСП "Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил"- и дар ноҳияи Данғара мебошанд. Дар вилоят аз рӯзи соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол сохтмон ва азнавсозии зиёда аз 450 адад иншооти дорои аҳаммияти давлатӣ сурат гирифтааст, аз ҷумла: азнавсозии шоҳроҳи Душанбе - Бохтар, Кӯлоб –Муъминобод, Кӯлоб - Ш.Шоҳин, Кӯлоб - Зиғар, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо давлатҳои Хитой, Ҳиндустон, Покистон ва Афғонистон бо ҳам мепайвандад, анҷом ва ба истифода дода шуданд.[68] Ҳамин тариқ, чунонки дар гузориши СММ "Оид ба сармоягузориҳои ҷаҳонӣ" омадааст, сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди иқтисодиёти навоҳии кишварҳои рӯ ба инкишоф мусоидат мекунад, агар онҳо ин гуна имконотро мақсадноку пурсамар  ба кор баранд.[69] Асосан ин гуна воситаҳо ба сармоягузории хориҷӣ мансубанд. Бинобар ин, дар шароити имрӯза бе ҷалб намудани сармояи сармоягузорони хориҷӣ рушди иқтисодиёти мамлакат, аз он ҷумла минтақа амалан имконнопазир мебошад. Дар вилояти Хатлон панҷ соли охир аз тамоми манбаъҳои маблағгузорӣ 12,3 млрд сомонӣ (эквиваленти 1 млрд 350 млн доллар) аз худ шудааст. Агар дар охири соли 2016 ҳиссаи сармоягузорӣ дар ММД 16,2 фоизро ташкил дода бошад, пас дар соли 2020 ба далели вазъ бо COVID-19 каме коҳиш ёфта, ба 11,9 фоиз расид. Дар баробари ин қисми зиёди маблаггузориҳои асосии азхудшуда ба объектҳои саноатӣ ва инфрасохтор равона карда шуданд. Барои таҷдиди сохтори иқтисод, навсозии саноат, зиёд намудани ҳиссаи маҳсулоти дорои арзиши иловашуда ва рақобатпазирии он, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, таъсиси корхонаҳои муштарак аҳаммияти

[68] Омори солонаи вилояти Хатлон // Маҷмуаи омории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, -ш.Бохтар, 2021.-С.5-6.
[69] www.: Доклад о мировых инвестициях. Инвестиции и цифровая экономика. ООН, Нью-Йорк и Женева, 2017 г.

хоса дорад. То соли 2020 ба иқтисодиёти вилояти Хатлон ба маблағи 1,7 млрд доллар сармояи хориҷӣ ворид карда шудааст. Саҳми сармоягузории мустақими хориҷӣ, ки ҳаҷм ва самти сармоягузориро муайян мекунад, 88,3 фоизро ташкил медиҳад, ки ба таҳкими заминаи техникии афзоиши иқтидори истеҳсолии вилоят мусоидат мекунад.[70] Дар вилояти Хатлон соли 2021 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 10,2 млрд сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс бо соли 2020 11 фоиз афзоиш ёфт.

Дар вилоят соли 2021 ҳамагӣ 86 коргоҳу корхона бо 1140 ҷойи корӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Дар замони соҳибистиқлолии кишвар дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти вилояти Хатлон барои беҳар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаҳо бештар аз 63 млрд сомонӣ маблағҳо равона гардидаанд. Дар бахши сармоягузорӣ бошад, то ба имрӯз дар вилояти Хатлон 80 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 15 млрд сомонӣ амалӣ гардидааст.Ҳоло дар вилояти Хатлон 40 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 7 млрд сомонӣ сармоягузорӣ мегардад. Фақат бо мақсади бо оби ошомиданӣ таъмин намудани шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон Ҳукумати мамлакат то ҳол чор лоиҳаи сармоягузориро ба маблағи 500 млн сомонӣ дар вилоят амалӣ гардондааст. Ҳоло боз чор лоиҳаи сармоягузории дигар ба маблағи 1 млрд сомонӣ идома дорад. Дар вилоят дар соли 2021 маблағи воридоти сармоягузориҳои бевоситаи хориҷӣ ба 34,4 млн доллари ИМА баробар буд, ки 10% сармоягузориҳои мустақими хориҷии ҷалбгардидаи кишварро ташкил намуд. Аз ин маблағи мазкур, аз ҷумла ба ноҳияи Данғара 28,2 млн доллари ИМА ё 82%, ноҳияи Ёвон 5,9 млн доллари ИМА ё 17%, ба 23 шаҳру ноҳияи дигари вилоят ҷамъан 0,3 млн доллари ИМА ё 1% сармоягузорӣ карда шуд.[71] Барои муайян кардани мушкилотҳои сармоягузорӣ ва роҳҳои бартарафсозии он дар минтақаҳои вилоят Хатлон, қабл аз ҳама, мо бояд

---

70 «Журнал Форум предпринимателей /Хатлонская область. Инвестиционные бизнес возможности и переспективы, (Куляб, апрел 2021 г.) - С.23.

71 Мулоқоти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Хатлон//Рӯзномаи Хатлон №14(3373), 25.02.2022. - С.1.

нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятро муайян намоем, ки дар ҷадвали поён оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.5.- Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии иҷтимои иқтисодии вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/ 2017 б о % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| МММ,млн.сомонӣ | 17107,5 | 19664,0 | 22080,4 | 26967,8 | 33832,1 | 197,7 |
| МММ-ба сари аҳолии вилоят (ҳаз сомонӣ) | 5223,8 | 5872,8 | 6446,8 | 7624,2 | 9584,2 | 183,4 |
| Шумораи миёнаи солонаи шахсони дар иқтисодёти машғули кор буда | 456,7 | 473,2 | 476,0 | 476,0 | 489,7 | 107,2 |
| Сатҳи бекорӣ, % | 2,1 | 1,9 | 1,7 | 1,66 | 1,7 | -0,4 б.ф |
| Даромади буҷети вилоят, млн сомонӣ | 15508408,0 | 17236568,0 | 19030271,0 | 22255080,0 | 24890059,0 | 160,4 |
| Музди меҳнати моҳона, ҳаз .сом | 913,33 | 998,54 | 1053,78 | 1143,19 | 1265,12 | 138,5 |
| Андозаи миёнаи нафақа (сомонӣ) | 296,73 | 291,52 | 311,27 | 361,18 | 385,19 | 129,8 |
| Шумораи нафақагирон дар вилоят (ҳаз наф) | 239,9 | 249,3 | 257,0 | 264,6 | 271 | 112,9 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон / Маҷмуаи оморӣ. –Бохтар, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2023. – С 10,.63,65,67,209; Омори солонаи Ҷумхурии Точикистон/ маҷмуаи оморӣ – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023.- С.214 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Аз ҷадвали 2.5 маълум мешавад, ки МММ дар соли 2022 33832,1 млн сомониро ташкил дода, дар қиёс бо соли 2018 197,7% зиёд гардид. Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолии вилояти Хатлон дар соли 2022 9584,2 ҳазор сомонӣ рост меояд, ки дар қиёс бо соли 2018 183,4% боло рафтааст. Сатҳи бекорӣ дар вилояти Хатлон соли 2022 1,7%-ро ташкил дода, теъдоди миёнаи ашхоси машғули кор дар иқтисодиёт дар давоми соли 2022 489,7 ҳазор нафарро ташкил дод, ки дар қиёс бо соли 2018 107,2% зиёд аст. Даромади буҷети вилоят дар соли охири таҳлил ба 24890059,0 млн сомонӣ баробар шуд, ки назар ба соли аввали таҳлил 160,4 % зиёд буд.МММ соли 2022 ба 33832,1

сомонӣ расид,ки афзоиши он назар ба соли 2018 197,7 фоизро ташкил дод. Андозаи миёнаи нафақаи моҳона дар вилоят соли 2022 385,19 сомонӣ ё 129,8 фоиз зиёд шудааст. Шумораи нафақагирон дар вилоят соли 2022 271 ҳазор нафарро ташкил дод, ки дар қиёс бо соли 2018 112,9% зиёд гардид.

Ҳамчунин, ба фондҳои асосӣ низ дар вилояти Хатлон сармоягузорӣ карда шудааст, ки дар ҷадвали 2.6. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.6. - Динамикаи бакорандозии фондҳои асосӣ ва сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон (млн. сомонӣ)**

| **Минтақаҳо** | **2018** | | **2019** | | **2020** | | **2021** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ба кор андохтани фондҳои асосӣ дар ҷумҳурӣ | Млн.сом | **%** | Млн.сом | **%** | Млн.сом | **%** | Млн.сом | **%** |
| | 4859,3 | **100%** | 7033,3 | **100%** | 7266,8 | **100%** | 5561,3 | **100 %** |
| Аз ҷумла: | | | | | | | | |
| Вилояти Хатлон | 710,6 | **14,6%** | 3027,9 | **43%** | 2599,2 | **35,7** | 1310,4 | **23,5 %** |
| Ҳама намуди сармоягузориҳо дар ҶТ млн сомонӣ | 13361,0 | **100%** | 12517,8 | **100%** | 11755,6 | **100%** | 15124,9 | **100 %** |
| Аз ҷумла: | | | | | | | | |
| Вилояти Хатлон млн сомонӣ | 2802,6 | **20,9 %** | 2623,0 | **20,9%** | 2404,9 | **20,4%** | 3840,1 | **25,3 %** |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон / Маҷмуаи оморӣ. –Бохтар, Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022. – С .175; Омори солонаи ҶТ/ маҷмуаи оморӣ – Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ, 2022.- С.289-293 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Таҳлили ҷадвали 2.6. муайян намуд, ки ба кор андохтани фондҳои асосӣ дар вилоят 23,5% ба кор андохтани фондҳои асосӣ дар ҷумҳуриро ташкил дод.Ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар вилояти Хатлон бошад, дар соли 2021 ба 25,3% ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосии ҷумҳурӣ баробар шуда буд.

Аз таҳлили ҷадвали 2.7 муайян гардид, ки сармоягузорӣ дар рушди соҳаҳои вилояти Хатлон, аз ҷумла соҳаи саноатсоли 2022 1818,5 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод, ки дар қиёс бо соли 2018 2,6 баробар зиёд аст. Дар соҳаи кишоварзӣ ин нишондод дар ҳамин соли ба 5188,2 ҳазор доллари ИМА баробар шуд, ки дар қиёс бо соли 2018 7,1% зиёд буд. Нишондиҳандаи мазкур барои обёрӣ соли 2022 5567,2 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дода, дар қиёс бо соли 2018 1,9 баробар боло рафтааст, соҳаи нақлиёт бошад,15244,8 ҳазор доллари ИМА ё зиёдшавӣ дар қиёс бо соли 2018 86,5%, соҳаи маориф 2449,7 ҳазор доллари ИМА ё зиёдшавӣ дар қиёс бо соли 2018 21,8%, соҳаи тандурустӣ соли 2022 5088,3 ҳазор доллари ИМА ё зиёдшавӣ дар қиёс бо соли 2018 1,4 баробар, дар соҳаи энергетика 38349,2 ҳазор доллари ИМА ё зиёдшавӣ дар қиёс бо соли 2018 65,6 %-ро ташкил додааст.

**Ҷадвали 2.7. -Сармоягузорӣ дар рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон (ҳазор доллари ИМА)**

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | | | 2022 нисбат и 2018 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2018 (-,+) | |
| Саноат | 592,8 | 1387,1 | 1562,2 | 1655,6 | 1818,5 | 1225,7 | 306,7 |
| Кишоварзӣ | 4842,5 | 3460,9 | 3943,5 | 6017,0 | 5188,2 | 345,7 | 107,1 |
| Обёрикунӣ | 1867,2 | 1932,5 | 2340,0 | 3185,9 | 5567,2 | 3700 | 298,1 |
| Нақлиёт | 8171,2 | 5098,8 | 6673,8 | 11063,7 | 15244,8 | 7073,6 | 186,5 |
| Маориф | 2010,9 | 2143,5 | 2206,4 | 2187,1 | 2449,7 | 438,8 | 121,8 |
| Тандурустӣ | 2058,9 | 2563,3 | 2592,4 | 3113,7 | 5088,3 | 3029,4 | 247,1 |
| Энергетика | 23147,8 | 18875,2 | 24453,2 | 31819,4 | 38349,2 | 15201,4 | 165,7 |
| **Ҳамагӣ** | **48025,3** | **35461,3** | **43771,5** | **59042,4** | **73705,9** | 25680,6 | **153,4** |

**Сарчашма:** Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон.

Ҳамагӣ дар ҳама соҳаҳои вилояти Хатлон соли 2018 48025,3 ҳазор доллари ИМА, соли 2019 35461,3 ҳазор доллари ИМА, соли 2020 43771,5 ҳазор доллари ИМА ва солҳои 2021,2022 мувофиқан ба солҳо 59042,4 ва 73705,9 ҳазор доллари ИМА сармоя гузошта шуда буд, ки охири назар ба аввали таҳлил +153,4% афзоиш дошт. Мавриди зикр аст, ки сармояи хориҷӣ дар соли охири таҳлил 73705,9 ҳазор долларро ташкил дода буд ва аз он 58 млн доллар сармоягузориҳои бевосита буданд.

**Ҷадвали 2.8. -Тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2018-2022 (ҳазор доллари ИМА)**

| Минтақаҳо | 2018 | | 2019 | | 2020 | | 2021 | | 2022 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Миқдори лоиха | Ҳаҷми маблағӣ лоиҳа (ҳазор.дол ИМА) | Миқдори лоиха | Ҳаҷми маблағӣ лоиҳа (ҳазор.дол ИМА) | Миқдори лоиха | Ҳаҷми маблағӣ лоиҳа (ҳазор.дол ИМА) | Миқдори лоиха | Ҳаҷми маблағӣ лоиҳа (ҳазор.дол ИМА) | Миқдори лоиха | Ҳаҷми маблағӣ лоиҳа (ҳазор.дол ИМА) |
| ш.Бохтар | 11 | 10856,3 | 12 | 6339,0 | 10 | 9734,00 | 11 | 25887,0 | 11 | 49396,9 |
| н.Вахш | 9 | 2962,6 | 9 | 1905,0 | 10 | 5000,80 | 10 | 8994,0 | 9 | 18285,6 |
| н.Хуросон | 7 | 18779,3 | 7 | 7100,0 | 7 | 5490,0 | 6 | 67487,0 | 11 | 83034,6 |
| н.Дӯстӣ | 6 | 15882,2 | 5 | 3678,0 | 6 | 4760,0 | 7 | 3676,0 | 8 | 4493,1 |
| н.Қубодиён | 7 | 6900,0 | 7 | 4234,0 | 6 | 6771,0 | 8 | 5365,0 | 8 | 9474,0 |
| н.Ҷ.Балхӣ | 9 | 12938,8 | 8 | 5469,0 | 9 | 8695,0 | 10 | 9884,0 | 9 | 7679,5 |
| н.А.Ҷомӣ | 7 | 4219,8 | 6 | 3680,0 | 5 | 5539,0 | 6 | 6296,0 | 6 | 8289,9 |
| ш.Норак | 6 | 59884,9 | 6 | 38765,0 | 8 | 6190,0 | 8 | 81693,0 | 9 | 143917,9 |
| н.Ҷайҳун | 7 | 10144,3 | 6 | 4800,0 | 7 | 7270,0 | 9 | 9830,0 | 11 | 12102,7 |
| н.Панҷ | 5 | 6872,2 | 5 | 3955,2 | 4 | 7552 | 5 | 482,8 | 6 | 2296,5 |
| н.Шахритуз | 5 | 3794,2 | 7 | 1236,4 | 5 | 2184,2 | 5 | 2920,0 | 5 | 679,6 |
| н.Ёвон | 0 | 53967,1 | 9 | 40597,8 | 8 | 6188,0 | 9 | 9745,0 | 6 | 5103,1 |
| ш.Левакант | 6 | 55143,2 | 6 | 72645,6 | 7 | 82888,0 | 7 | 111979,0 | 8 | 11355,3 |
| ш.Кӯлоб | 15 | 11853,7 | 14 | 8926,7 | 13 | 22890,0 | 13 | 27950,3 | 16 | 34401,6 |
| н.Муъминобод | 6 | 4245,5 | 6 | 3033,04 | 6 | 4367,61 | 6 | 11898,0 | 6 | 15099,5 |
| н.Восеъ | 13 | 28194,3 | 14 | 20120,4 | 14 | 34948,0 | 12 | 29790,6 | 14 | 51911,6 |
| н.М.А.Ҳамадонӣ | 8 | 8788,0 | 8 | 6504,8 | 6 | 7259,0 | 8 | 10980,9 | 8 | 26218,4 |
| н.Фархор | 10 | 8384,0 | 9 | 7605,5 | 8 | 9919,7 | 8 | 5968,8 | 8 | 6447,18 |
| н.Темурмалик | 5 | 2488,6 | 7 | 1234,1 | 6 | 5321,63 | 6 | 4883,7 | 7 | 10106,0 |
| н.Данғара | 14 | 25975,9 | 12 | 24634,0 | 10 | 36966,0 | 11 | 9899,6 | 14 | 18173,8 |
| н.Ховалинг | 8 | 22876,6 | 8 | 19763,1 | 6 | 27763 | 4 | 895,6 | 5 | 1889,0 |
| н.Ш.Шоҳин | 5 | 94955,0 | 4 | 63817,2 | 5 | 9886,1 | 3 | 14897,5 | 5 | 19289,6 |
| н.Балҷувон | 5 | 1967,0 | 6 | 1587,0 | 5 | 17784,0 | 3 | 278,4 | 4 | 871,2 |
| н.Кушониён | 7 | 3290,0 | 7 | 2233,2 | 10 | 95900,0 | 10 | 128455,1 | 9 | 161442,4 |
| н.Н.Хисрав | 5 | 4889,5 | 4 | 749,0 | 2 | 6448,0 | 2 | 286,7 | 2 | 35100,0 |
| **Ҳамагӣ** | **196** | **48025,3** | **192** | **35461,3** | **183** | **43771,5** | **187** | **59042,4** | **205** | **73705,9** |

**Сарчашма:** Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлати вилояти Хатлон.

Тибқи таҳлили ҷадвали 2.8 маълум гардид, ки сармоягузорӣ дар ҳамаи минтақаҳои вилояти Хатлон ҳамагӣ дар соли 2018 196 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 48025,3 ҳазор доллари ИМА, соли 2019 192 лоиҳаи сармоягузорӣ ба малағи 35461,3 ҳазор доллари ИМА, соли 2020 183 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 43771,5 ҳазор доллари ИМА, соли 2021 187 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 59042,4 ҳазор доллари ИМА, соли 2022 205 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 73705,9 ҳазор доллари ИМА сармоягузори карда шуд.

Сармоягузорӣ гардидани минтақаҳои вилояти Хатлон дар соли 2022 дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ чунин сурат гирифта буд: шаҳри Бохтар 11 лоиҳа бо сармояи 49496,91 ҳазор доллар, ноҳияи Вахш 9 лоиҳа бо сармояи 18885,61 ҳазор доллар, ноҳияи Хуросон 11 лоиҳа сармояи 83534,61 ҳазор доллар, ноҳияи Дусти 8 лоиҳа бо сармояи 4993,22 ҳазор доллар, ноҳияи Қубодиён 8 лоиҳа ба маблағи 9974,03 ҳазор доллари ИМА, ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ 9 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 7979,57 ҳазор доллари ИМА, ноҳияи А.Ҷомӣ 6 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 8989,97 ҳазор доллари ИМА, шаҳри Норак 9 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 143918 ҳазор доллари ИМА, ноҳияи Ҷайҳун 11 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 12697,73 ҳазор доллари ИМА, ноҳияи Панҷ 6 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 2696,58 ҳазор доллари ИМА, ноҳия Шаҳритуз 5 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 879,68 ҳазор доллари ИМА, ноҳияи Ёвон 6 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 5780,17 ҳазор доллари ИМА, шаҳри Левакант 8 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 115776,3 ҳазор доллари ИМА, шаҳри Кӯлоб 16 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 34882,72 ҳазор доллари ИМА, ноҳияи Муъминобод 6 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 15599,5 ҳазор доллари ИМА, ноҳияи Восеъ 14 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 51911,62 ҳазор доллари ИМА, ноҳияи Мир Саид Алӣ Ҳамадонӣ 8 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 26860,43 ҳазор доллари ИМА, ноҳияи Фархор 8 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 6947,18 ҳазор доллари ИМА, ноҳияи Темурмалик 7 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 10647,1 ҳазор доллари ИМА, ноҳияи Данғара 14 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 18573,8 ҳазор доллари ИМА, ноҳияи Ховалинг 5 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 1890 ҳазор доллари

ИМА, ноҳияи Ш. Шоҳин 5 лоиҳаҳо бо сармояи 19789,6 ҳазор доллар, ноҳияи Балҷувон 4 лоиҳаҳо бо сармояи 871,2 млн доллар, ноҳияи Кушониён 9 лоиҳаҳо ба маблағи 161842,2 ҳазор доллари ИМА, ноҳияи Н. Хисрав 2 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 35,28 ҳазор доллари ИМА, ки аз вазъи сармоягузориҳои ноҳияҳои вилояти Хатлон гувоҳӣ медиҳанд.

**Ҷадвали 2.9 .-Сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ дар вилояи Хатлон дар солҳои 2018-2022 (ҳаз. сомонӣ)**

| Солҳо | | | | | 2022 нисбат ба 2018, бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | |
| Сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон(ҳазор сомонӣ) | | | | | |
| 710569,2 | 3027913,0 | 2599177,5 | 1310364,7 | 1712238,1 | **2,4 маротиб** |
| **аз ҷумла:** | | | | | |
| Маблағгузории асосӣ (ҳазор сомонӣ) | | | | | |
| 2802570,8 | 2623017,2 | 2404916,0 | 3840061,2 | 3283147,3 | **117,1** |
| Иҷроиши корҳои сохтмону васлкунӣ (ҳазор сомонӣ) | | | | | |
| 1586532,1 | 1953670,9 | 1814925,9 | 2610926,3 | 2507808,4 | **158,0** |
| Ба истифодадиҳии хонаҳои истиқоматӣ (ҳазор метри мураббаъ) | | | | | |
| 204,3 | 251,5 | 292,5 | 334,0 | 334,1 | **163,5** |
| Ба истифодадиҳии мактабҳои маълумоти ҳамагона (ҷойи талаба) | | | | | |
| 3404 | 10528 | 11124 | 14309 | 13954 | **4,1 маротиб** |
| Ба истифодадиҳии муассисаҳои то мактабӣ (ҷой) | | | | | |
| 226 | 365 | 270 | 667 | **252** | **111,5** |
| Ба истифодадиҳии дармонгоҳҳо(ҷой басти қабул | | | | | |
| 200 | 828 | 400 | 656 | 390 | **195** |
| Ба истифодадиҳии беморхонаҳо(кат) | | | | | |
| 24 | 244 | 270 | 55 | 52 | **2,2 маротиб** |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон / Маҷмуаи оморӣ. –Бохтар, Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022. – С .164-171 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Аз рӯйи таҳлили ҷадвали 2.9 бармеояд, ки сармоягузорӣ ба фондҳои

асосӣ дар вилояти Хатлон соли 2022 назар ба соли 2018 2,4 маротиб зиёдшави дорад. Аз ҷумла дар соли 2022 маблағгузории асосӣ 3283147,3 ҳазор сомонӣ ё 117,1 фоиз, иҷроиши корҳои сохтмону васлкунӣ 2507808,4 ҳазор сомонӣ ё 158,0 фоиз, ба истифодадиҳии хонаҳои истиқоматӣ 334,1 ҳазор метри мураббаъ ё 163,5 фоиз, ба истифодадиҳии мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ 13954 ҷойи талаба ё нисбат ба соли 2018 зиёдшави 4,1 маротиб, ба истифодадиҳии муассисаҳои то мактабӣ 252 ҷой нисбат ба соли 2018 111,5 фоиз коҳишёби, ба истифодадиҳии дармонгоҳҳо 390 ҷой басти қабул нисбати соли 2018 зиёдшавӣ 195 фоиз, ба истифодадиҳии беморхонаҳо 52 кат нисбат ба соли 2018 2,2 маротиб зиёд сармоягузорӣ гардидааст.

**Диаграммаи 2.2.- Сармоягузориҳои хориҷӣ дар соҳаи маорифи вилояти Хатлон дар солҳои 2018-2022 (бо ҳазор доллари ИМА)**




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Хатлон

Аз таҳлили диаграммаи 2.2. маълум гардид, ки сармоягузориҳо дар минтақаҳои вилояти Хатлон дар соҳаи маориф дар соли 2018 ба маблағи 2010,9 ҳазор доллари ИМА, соли 2019 ба маблағи 2143,5 ҳазор доллари ИМА, соли 2020 ба маблағи 2206,4 ҳазор доллари ИМА, соли 2021 ба маблағи 2187,1 ҳазор доллари ИМА, соли соли 2022 ба маблағи 2449,7 ҳазор доллари ИМА

сармоягузорӣ карда шуд. Тибқи таҳлилҳо муайян гардид, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2018 ба маблағи 438,8 ҳазор доллари ИМА зиёд сармоягузорӣ карда шуда аст. Ҳаминтавр, лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи маорифи минтақаҳои вилояти Хатлон дар соли 2022 ба ноҳияиҳои Кушониён, Вахш Восеъ, Данғара, Ёвон, Қубодиён шаҳри Бохтар, Норак, Темурмалик Фархор Ховалинг Хуросон Мирсаид Алӣ Ҳамадонӣ, Шаҳритус Кӯлоб сармоягузорӣ гардидааст.  Барои беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳо ва обёрӣ гардидани заминҳои минтақаҳои вилояти Хатлон дар соҳаи кишоварзӣ сармоягузорӣ яке аз роҳҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои обёрикунӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва аҳолӣ минтақаҳои вилояти Хатлон имрӯзҳо хеле зарур ба ҳисоб меравад.

**Диаграммаи 2.3. -Тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ барои обёрикунии вилояти Хатлон (ҳазор доллари ИМА)**




**Сарчашма:Таҳияи муаллиф** дар асоси маълумотҳои Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлати вилояти Хатлон

Аз рӯйи диаграммаи 2.3 маълум гардид, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои обёрикунии заминҳои минтақаҳои вилояти Хатлон дар соли 2018 6040,9 ҳазор доллари ИМА, соли 2019 6654,2 ҳазор доллари ИМА,соли 2020 2367,2 ҳазор доллари ИМА, соли 2021 3185,9 ҳазор доллари ИМА, соли 2022 5567,2 ҳазор доллари ИМА –ро ташкил намуд. Соли 2022 нисбат ба соли 2018 473,7 ҳазор доллари ИМА кам сармоягузорӣ карда шудааст.

Муҳаққиқ Чебунина Н.М. иброз медорад, ки дар шароити муосир сармоягузорӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо

максади гирифтани даромад ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии худ бисёр ба чашм мерасад, ки дар баъзе ҳолатҳо сармоягузорон танҳо ба он соҳаҳои иқтисодиёт маблағгузори менамоянд, ки соҳа тез даромаднок бошад.[72] Лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки дар соҳаи кишоварзии минтақаҳои вилояти Хатлон амалӣ гардидаанд дар диаграммаи 2.4. мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд.Тибқи таҳлили диаграммаи 2.4 муайян гардид, ки дар соҳаи кишоварзӣ соли 2018 4842,5 ҳазор доллари ИМА, соли 2019 3460,9 ҳазор доллари ИМА,соли 2020 3943,5 ҳазор доллари ИМА, соли 2021 8017,0 ҳазор доллари ИМА, соли 2022 5188,2 ҳазор доллари ИМА сармоягузорӣ гардида аст.Дар соҳаи кишоварзӣ бошад соли 2022 нисбат ба соли 2018 ба маблағи 345,7 ҳазор доллари ИМА зиёд сармоягузорӣ гардид.

**Диаграммаи 2.4.- Лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи нақлиёт ва кишоварзии вилояти Хатлон (ҳазор доллари ИМА)**




**Сарчашма:Таҳияи муаллиф** дар асоси маълумотҳои Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон.

Соҳаи нақлиёт яке аз соҳаҳои муҳим дар рушди иқтисодиёти минтақа маҳсуб ёфта, соли 2018 8171,2 ҳазор доллари ИМА, соли 2019 5098,8 ҳазор доллари ИМА, соли 2020 6673,8 ҳазор доллари ИМА, соли 2021 11063,7 ҳазор доллари ИМА, соли 2022 15244,8 ҳазор доллари ИМА сармоягузорӣ гардид. Сармоягузории соҳаи нақлиёт дар давраи таҳлил 7073,6 ҳазор доллари ИМА зиёд ба қайд гирифта шудааст.

[72] Чебунина Н.М. Роль инвестиций в региональном развитии и укреплении полисов/Российское предпринимательство. -М, 2011. -№5(2). –С. 57-60.

Аз диаграммаи 2.5 бармеояд, ки дар вилояти Хатлон дар соҳаи тандурустӣ соли 2018 2058,9 ҳазор доллари ИМА, соли 2019 2563,3 ҳазор доллари ИМА, соли 2020 2592,4 ҳазор доллари ИМА, соли 2021 3113,7 ҳазор доллари ИМА,соли 2022 5088,3 ҳазор доллари ИМА сармоягузорӣ карда шуд. Лоиҳаҳои сармоягузории соҳаи тандурустӣ дар вилоят соли 2022 5088,3 ҳазор доллари ИМА -ро ташкил дода, нисбати соли 2018 3029,4 ҳазор доллари ИМА сармоягузорӣ зиёд гардида аст.

**Диаграммаи 2.5.- Лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи тандурустии вилояти Хатлон дар солҳои 2018-2022 (ҳазор доллар ИМА)**




**Сарчашма:** Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон.

Аз рӯйи таҳлилҳо маълум гардид, ки дар солҳои 2018,2019,2020 дар соҳаи тандурустӣ бинобар сабаби бемории коронавирус сармоягузорӣ кам гардидааст. Аммо дар солҳои 2021-2021 сармоягузорӣ рӯ ба афзоиш дорад. Бояд гуфт, ки дар диаграммаи 2.6 лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика дар вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ҳамзамон аз диаграмма маълум гардид, ки дар соҳаи энергетика соли 2018 23147,8 ҳазор доллари ИМА, соли 2019 18875,2 ҳазор доллари ИМА,соли 2020 24453,2 ҳазор доллари ИМА, соли 2021 31819,4 ҳазор доллари ИМА, соли 2022 38349,2 ҳазор доллари ИМА, сармоягузорӣ карда шуда аст.

**Диаграммаи 2.6.-Лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи энергетикаи вилояти Хатлон (ҳазор доллари ИМА)**




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон.

Аз рӯи таҳлили диаграмма 2.6 муайян гардид, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи энергетикаи вилояти Хатлон соли 2022 нисбат ба соли 2018 15201,4 ҳазор доллари ИМА афзоиш ёфтааст.

Аз рӯйи таҳлилҳои ҷадвали 2.10. муайян гардид, ки миқдори корхонаҳои кишоварзӣ дар фосилаи вақти таҳлил 2,7 маротиба зиёд шудааст. Бояд гуфт, ки таҳлили ҷадвал нишон дод, ки миқдори корхонаҳои фоида бадастоварда дар ҳамин давра 8,9 маротиба ва маблағи фоида бошад 4,6 маротиба зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 2.10. - Гурӯҳбандии корхонаҳои кишоварзии фоида ва зарардида дар вилояти Хатлон (ҳазор сомонӣ)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2021/2017 бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Миқдори корхонаҳои кишоварзӣ(адад) | 119 | 121 | 166 | 159 | 448 | 2,7 маротиба |
| Корхонаҳои фоида гирифтаанд (адад) | 37 | 63 | 76 | 81 | 368 | 8,9 маротиба |
| Маблағи фоида (ҳазор сомонӣ) | 4321,3 | 4609,0 | 8151,5 | 24744,5 | 24404,4 | 4,6 маротиба |
| Корхонаҳои зарардида (адад) | 24 | 46 | 57 | 43 | 43 | 79,1 |
| Маблағи зарар (ҳазор сомонӣ) | 14411,7 | 43516,7 | 24714,7 | 42373,8 | 27099,8 | 88 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон / Маҷмуаи оморӣ. –Бохтар, Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022. – С .232-236 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Корхонаҳои зарардида дар соли 2021 43 ададро ташкил намуданд, ки ин

миқдор нисбат ба соли 2017 79,1 фоиз зиёд гардидааст. Ҳамзамон маблағи корхонаҳои зарардида дар соли 2021 27099,8 сомониро ташкил намуда, ин маблағ нисбат ба соли 2017 ба миқдори 88 фоиз зиёд гардидааст.

Ҳамчунин, зимни таҳқиқот маълум гардид, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон ба тариқи зайл амалӣ шуда истодаанд:1) Лоиҳаи барномаи «Фондҳои ҷамоавӣ барои мусоидати рушди маълумоти асосӣ ва барқарорсозии инфрасохтори коммуналӣ (марҳилаи 4)» дар ноҳияҳои вилояти Хатлон 1.07.2018 то 31.12.2020 бо гранти Бонки Олмонии Рушд 5,2 млн. доллари ИМА;2) Лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳо, марҳилаи 4» дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба муҳлати аз 17.05.2017 то 31.12.2023, маблағи умуми лоиҳа 35,76 млн. доллари ИМА, аз ҷумла 35,0 млн. қарзи Фонди Саудии Рушд ва 762,4 ҳазор доллари ИМА саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; 3) Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» Таҳияи механизмҳои беҳтар намудан, мониторинги сифат ва мутобиқати таҳсилоти олӣ ба бозори меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, муҳлати лоиҳа 7.08.2015 то 31.11.2021 маблағи умумӣ 15,0 млн. доллари ИМА.(гранти Бонки Умуми ҷаҳонӣ - 8,25 млн. доллари ИМА,- қарзи Бонки Умуми ҷаҳонӣ - 6,75 млн. доллари ИМА; 4) Лоиҳаи «Тақвияти таҳсилоти касбии техникӣ ва омӯзиш», мусоидат дар мустаҳкам намудани заминаи моддӣ - техникӣ, методӣ ва барқарорсозии инфрасохтори системаи марказӣ ва литсейҳои таҳсилоти касбӣ-техникӣ лоиҳа дар шаҳраки Норак, ноҳияи Фархор, ноҳияи Вахш, ноҳияи Кушониён, ноҳияи Шаҳритуз, ноҳияи Ёвон, шаҳри Кӯлоб, ноҳияи Восеъ, ноҳияи Бохтар буда, муҳлати лоиҳа 09.03.2016 то 31.03.2021 маблағи умумӣ 34,0 млн. долл. ИМА. (гранти Бонки Осёгии Рушд (БОР) - 15,0 млн. доллари ИМА, қарзи БОР - 15,0 млн. доллари ИМА, гранти Хазинаи энергияи тоза (тавассути БОР) 2,0 млн. доллари ИМА ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; 5) Лоиҳаи «Беҳтар намудани ҳаракати мунтазами нақлиёт тавассути қитъаи роҳи минтақавии автомобилгарди ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ (ҲИМОМ) коридорҳои 3 ва 5, ки аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаранд, беҳтар намудани шароити роҳ ва баланд бардоштани бехатарии ҳаракат дар роҳ

мебошад», мухлати лоиҳа 07.10.2013 то 31.162.2022, маблағи умумии лоиҳа 76,9 млн доллари ИМА; (гранти Бонки Осиёгии Рушд - 70,0 млн доллар ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 6,9 млн. доллар; 6) Лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе- Бохтар» (марҳилаи 2) муҳлати лоиҳа 30.04.2018 то 30.09.2022 ва маблағи умумии 107,5 млн доллари ИМА (гранти Бонки Осиёгии Рушд - 90,0 млн. доллар ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 17,5 млн доллар; 7) Лоиҳаи «Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Бохтар», муҳлати лоиҳа 09.08.2013 то 31.12.2019 ва маблағи умумии лоиҳа 4,9 млн. долл. ИМА, аз ҷумла гранти Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР)- 2,0 млн доллар, қарзи БАТР - 2,0 млн доллар ва гранти техникии БАТР - 0,9 млн доллар;

8) Лоиҳаи «Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Норак»муҳлати лоиҳа 25.02.2015 то 30.06.2021ва маблағи умумии лоиҳа 4,0 млн. долл. ИМА, аз ҷумла гранти Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд - 2,0 млн. долл. ИМА ва қарзи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд 2,0 млн доллари ИМА; 9) Лоиҳаи «Барқарорсозии системаи обтаъминкунӣ ва обҳои корезӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва беҳтар гардонидани вазъи санитарию экологии ҳудуди шаҳри Норак», муҳлати лоиҳа 10.11.2016 то 10.11.2020 ва маблағи умумии лоиҳа 6,0 млн доллари ИМА, аз ҷумла гранти Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд 3,0 млн доллар ва қарзи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд 3,0 млн доллар;

10) Лоиҳаи «Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Кӯлоб», муҳлати лоиҳа 29.12.2017 то 29.12.2021ва маблағи умумии лоиҳа 4,995 млн долл. ИМА, аз ҷумла гранти Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд - 2,0 млн доллари ИМА, қарзи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд - 2,0 млн доллари ИМА ва гранти техникии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд - 995 ҳазор доллари ИМА; 11) Лоиҳаи «Идоракунии партовҳои сахти маишии ноҳияи Ёвон», муҳлати лоиҳа 06.03.2017 то 31.12.2020 ва маблағи умумии лоиҳа 4,8 млн доллари ИМА, аз ҷумла гранти Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) - 2,0 млн доллар, қарзи БАТР - 2,0 млн доллар ва гранти техникии БАТР - 848,5 ҳазор доллар; 12) Лоиҳаи «Мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим тавассути ҷангалпарварии устувор

дар ҳавзаҳои асосии дарёҳои Тоҷикистон», дар ноҳияи Фархор ва Ховалинги вилояти Хатлон, муҳлати лоиҳа 6.06.2014 то 30.06.2019 ва маблағи умумии лоиҳа 8,8 млн. доллари ИМА (гранти Бонки Олмонии Рушд); 13) Лоиҳаи «Барномаи мутобиқгардонӣ ва кам кардани оқибатҳои тағйирёбии иқлим дар хавзаи баҳри Арал», муҳлати лоиҳа 4.08.2016 то 27.04.2021 ва маблағи умумии лоиҳа 11,6 млн доллари ИМА (қарзи Бонки Умуми ҷаҳонӣ - 9,0 млн доллар ва саҳми бенефитсиархо (кумакгирандагон) - 2,57 млн доллар);

14) Лоиҳаи «Мустаҳкам намудани инфрасохтори муҳим ҷиҳати таъмини устуворӣ зидди хатарҳои табиӣ» дар ноҳияҳои Восеъ, Қубодиён, Шаҳритуз ва Кӯлоб ба муҳлати 15.08.2017 то 31.12.2023 ва маблағи умумӣ 50 млн доллари ИМА (қарзи Бонки Умуми ҷаҳонӣ 25,0 млн доллар ва гранти Бонки Умумиҷаҳонӣ 25,0 млн доллар); 15) Лоиҳаи «Татбиқ намудани таҷрибаи пешқадами барномаи тавонбахшӣ дар сатҳи маҳал барои шахсони маъюб дар ноҳияи Шаҳритуз», муҳлати лоиҳа 01.01.2017 то 30.06.2020 ва маблағи умумии лоиҳа 10919371, 52 евро аз ҷониби филиали ташкилоти ғайритиҷоратии байналмилалии Ассотсиатсияи Каритас Олмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; 16) Лоиҳаи «Обтаъминкунӣ ва беҳдошт дар деҳот» дар ноҳияҳои Восеъ, Кушониён, Вахш, Ҷ. Балхӣ, Леваканд, Дӯстӣ ва Ҷайҳун ва муҳлати лоиҳа бошад аз 22.11.2019 то 30.06.2025 буда, маблағи умумии лоиҳа 58,0 млн доллари ИМА (гранти Бонки Умуми ҷаҳонӣ); 17) Лоиҳаи «Бозсозии беморхона дар дохили осоишгоҳи Тосқалъа воқеъ дар ноҳияи Восеъи вилояти Хатлон», муҳлати лоиҳа бошад аз 01.10.2019 то 01.10.2021 буда, маблағи умумии лоиҳа 400 ҳаз. доллари ИМА (маблағи грантии давлати Қувайт); 18) Лоиҳаи «Оид ба кишоварзӣ ва идоракунии заминҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон дар доираи ташаббуси «Озуқаворӣ ба хотири оянда дар ноҳияҳои Ёвон, Хуросон, Кушониён, А. Ҷомӣ, Вахш, Леваканд, Дӯстӣ, Қубодиён, Шаҳритуз, Н.Хусрав, Ҷ.Балхӣ, Ҷайҳун ва муҳлати лоиҳа бошад аз 01.10.2020 то 31.12.2025 буда, маблағи умумии лоиҳа 36,3 млн доллари ИМА (гранти давлати ИМА); 19) Лоиҳаи «Обтаъминкунӣ ва корези шаҳри Кӯлоб» ба муҳлати аз 02.03.2021 то 31.12.2025 буда, маблағи умумии лоиҳа 7,5 млн. Евро (маблағи қарзии БАТР) сармоягузорӣ гардидааст.

Пажӯҳиши зербоби мазкур моро ба чунин хулоса овард:

1. Яке аз роҳҳои асосии боло бурдани рушди иқтисоди ҳар як давлат-ин сармоягузорист. Дар давраи таҳқиқ воридшавии сармояи хориҷӣ ба иқтисоди ҶТ 2,9 баробар, аз ҷумла ҳаҷми сармояи мустақим 618.4 млн доллари ИМА зиёдтар ворид гардидааст.

2. Соли 2021 82 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи зиёда аз 42 млрд сомонӣ барои рушди иқтисоди кишвар сармоягузорӣ гардидааст. Дар ин сол соҳаи нақлиёти 13 лоиҳаи сармоягузорӣ бо суммаи 11 млрд сомонӣ сармоягузорӣ шудааст.

3. Ҳамзамон бояд гуфт, ки дар рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон то ба имрӯз 80 лоиҳаи сармоягузории ба маблағи 15 млрд сомонӣ сармоягузорӣ гардидааст. Дар соли 2022 бошад татбиқи 40 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 7 млрд сомонӣ амалӣ гардидааст. Дар вилояти Хатлон аз ҷониби Ҳукумати малакат то соли 2022 12 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 5,9 млрд сомонӣ сармоягузорӣ гардида аст. Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба сари аҳолии вилоят дар соли 2021 7624,2 ҳазор сомонӣ, шумораи миёнаи солонаи шахсони дар иқтисодиёт машғули кор буда 486,8 ҳазор нафар, даромади буҷети вилоят 2176559,6 млн сомонӣ, музди меҳнати моҳона 1143,19 сомонӣ, андозаи миёнаи нафақа 361,18 сомониро ташкил дод.

3.Тибқи таҳлилҳо ба роҳ андохтани фаъолияти фондҳои асосӣ дар вилояти Хатлон 1310,4 млн сомониро ташкил намуда, ба кор андохтани фондҳои асосӣ дар вилоят 23,5% ба кор андохтани фондҳои асосӣ дар ҷумҳуриро ташкил дод.Ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар вилояти Хатлон бошад, дар соли 2021 ба 25,3% ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосии ҷумҳурӣ баробар шуда буд.

4. Дар ҳама соҳаҳои вилояти Хатлон соли 2018 48025,3 ҳазор доллари ИМА, соли 2019 35461,3 ҳазор доллари ИМА, соли 2020 43771,5 ҳазор доллари ИМА ва солҳои 2021,2022 мувофиқан ба солҳо 59042,4 ва 73705,9 ҳазор доллари ИМА сармоя гузошта шуда буд, ки соли охир назар ба аввали таҳлил +53,4% афзоиш дошт. сармояи хориҷӣ дар соли охири таҳлил 73705,9 ҳазор

долларро ташкил дода буд  ва аз он 58 млн доллар сармоягузориҳои бевосита буданд.

5.Таҳлилҳо нишон дод, ки миқдори корхонаҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон соли 2021 448 ададро ташкил дод. Ҳамин тавр, таҳлили ҷадвал нишон дод, ки корхонаҳои фоида гирифта дар соли 2021 368 ададро ташкил намуда, маблағи фоида бошад дар соли 2021 24404,4 ҳазор сомониро ташкил дод. Корхонаҳои зарардида бошад, дар вилоят соли 2021 43 ададро ташкил дод. Дар вилояти Хатлон зимни таҳқиқот маълум гардид, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз ҷониби созмонҳои байналхалқии молиявӣ аз қабили Бонки Олмонии Рушд, Фонди Саудии Рушд, Бонки Умумиҷаҳонӣ, Бонки Осиёгии Рушд дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ сармоягузорӣ карда шудааст.

## 2.3. Баҳодиҳии механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо дар иқтисодиёти вилояти Хатлон

Вилояти Хатлон аз нигоҳи масоҳат вилояти  калонтарин ва ғанӣ  аз захоири табиӣ  дар ҷумҳурӣ мебошад. Аз рӯи нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ низ ҳиссаи бузургро дар сатҳи макроиқтисодиёти мамлакат вилояти Хатлон ташкил мекунад. Бояд гуфт, ки механизми молиявии таъмини сармоягузорӣ дар вилоят ин муайян сохтани вазъ ва муаммои кунуни, вобаста ба дурнамои он пешниҳод намудани масъалаҳо арзёбӣ карда мешавад.

Маълум аст, ки рушди босуботи иқтисодиёти вилояти Хатлон аз ташаккулёбии сиёсати сармоягузорӣ вобастагӣ дорад. Дар шароити муосири иқтисодӣ тараққиёти давлат ва субъекҳои асосии он танзими равандҳои сармоягузорӣ таввасути механизмҳои молиявӣ вабастагӣ дорад. Давлат дар равандҳои танзими сармоягузорӣ иштирок намуда, ба воситаи механизмҳои гуногун ва пеш аз ҳама механизми молиявӣ накши ҳавасмандгардониро дорад. Кишвар дар фаъолияти сармоягузорӣ барои танзим ва ҳавасманд гардонидан ҳам ба воситаи бахши давлатии иқтисодиёт ва ҳам ба воситаи институтҳои қарзию молиявӣ иштирок карда,ба раванди сармоягузорӣ таъсир

мерасонад.Раванди пешрафти таъмини молиявии сармоягузорӣ дар шароити гузаштан ба иқтисоди бозаргонӣ таҳти назорати ҷиддии ниҳодҳои бозори молиявӣ, қабл аз ҳама, бонкҳо қарор гирифтааст.Ин ниҳодҳо имкони ҳаракати озод ва азнавтақсимкунии сармояро фароҳам меоранд, дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ фаъолона иштирок мекунанд ва хидматҳои гуногуни молиявӣ мерасонанд. Консепсияи истеҳсолот, фаъолият ва рушди муҳити рақобатпазирӣ, пешрафти технологияи иттилоотӣ, гуногунфаъолиятии (диверсификатсияи) корхонаҳо ва низ рушди байналмилалии ҳаёти иқтисодӣ ба дигаргуншавии бахшҳои бонкӣ ва молиявӣ таъсири назаррас расонида, омилҳои асосии таҳаввулоти сармояи молиявиро муайян карданд.

Такмили механизмҳои молиявии таъмини сармоягузориҳо ба иқтисодиёти вилояти Хатлон имкон медиҳад, ки рушди соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии вилояти Хатлон, махсусан фаъолияти густурдаи минтақаҳои озоди иқтисодии вилоят таввасути ҷалби сармоягузориҳо равнақ ёбанд.

Ошкор гардид, ки механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо бо маҷмуи мушкилиҳои иқтисодӣ зич алоқаманд буда, ҳангоми ҳалли онҳо аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатдор, яъне, корхонаҳо, субйектҳои бахши молиявию бонкӣ ва давлат танзим ва назорати ҷиддиро тақозо менамояд.

Ташаккули сармояи молиявӣ дар кишварҳои пасошӯравӣ бо набудани рушди мутаносиби эволютсионии сохтори институтсионалӣ, самтҳои афзалиятноке, ки иқтисодиётро муътадил мегардонанд, дастгирӣ ва танзими давлатӣ аз ҷониби давлат фарқ мекунанд. Пажӯҳишҳо нишон доданд, ки барои таъмини сармоягузориҳо бояд ба сарчашмаҳои молиявӣ, аз ҷумла захоири молиявӣ, мушаххас кардани нархи захоири молиявӣ ва сармояи молиявӣ,) нишондиҳандаҳои микдорӣ ва сифатии истифодаи сарчашмаҳои молиявӣ ва гардиши озоди пули накд аҳаммият диҳем.

Дар натиҷа, ба сатҳи идоракунии самараноки ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявӣ шароити бозори сармояи молиявӣ таъсири назаррас мерасонад. Бинобар ин, биёед дар бораи мазмун ва сохтори бозори сармояи молиявӣ муфассалтар таваққуф кунем.

Механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо яке аз омилҳои пешбари рушди муносибатҳои молиявӣ ва низоми молиявии кишвар буда, барои фаъолияти самараноки тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, хусусан фазои сармоягузориҳо шароити бунёдӣ фароҳам меорад. Таҳлилҳои мо нишон дод, ки ба ҳолати 1 январи соли 2023 дар ҷумҳурӣ 77 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 3,9 млрд доллар, аз ҷумла 2,4 млрд доллар маблағи грантӣ, 1,4 млрд доллар маблағи қарзӣ ва 135,0 млн доллар саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуда истодаанд. Дар соли 2023 аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 6 824,9 млн сомонӣ маблағҳо аз худ карда шудааст, ки ин ба 98,2 фоизи нақшаи аниқшудаи солонаи буҷети лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ барои соли 2023 баробар мебошад. Азхудкунии маблағҳои қарзӣ дар ҳаҷми 3 086,1 млн сомонӣ баробар ба 131,2 фоизи нақшаи солона ва маблағҳои грантӣ 3 738,8 млн сомонӣ баробар ба 81,3 фоизи нақшаи солона таъмин гардид. Аз ҳаҷми умумии маблағҳои азхудшуда ба соҳаи ҳокимият ва идоракунии давлатӣ -184,8 млн сомонӣ, соҳаи мудофиа-17,5млн сомонӣ, соҳаи маориф - 488,0 млн сомонӣ, соҳаи тандурустӣ - 386,1 млн сомонӣ, соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ - 431,4 млн сомонӣ, 8 соҳаи фарҳанг ва варзиш - 130,2 млн сомонӣ, соҳаи энергетика - 2 553,0 млн сомонӣ, соҳаи кишоварзӣ - 750,8 млн сомонӣ ва ба соҳаи нақлиёт 1 883,1 млн сомонӣ равона шудааст. Тибқи нишондоди Ҷадвали 2.11. ҳамкориҳо бо шарикони рушд дар ин давра тавсеа дода шуда, дар соли 2022 19 созишномаи қарзию грантӣ барои амалӣ гардидани 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 664,9 млн доллари ИМА ба имзо расид, ки аз он маблағҳои грантӣ 612,3 млн доллар, сармояи қарзӣ 25,7 млн доллар ва ҳиссаи  сармояи Ҳукумати ҶТ 26,9 млн доллари ИМА-ро ташкил медиҳад[73].

Яке аз нишондиҳандаҳои иқтисодие, ки метавонад механизми молиявии таъмини сармоягузориҳоро хубтар намояд, ин маблағгузориҳо аз ҳисоби буҷети маҳаллии вилояти Хатлон мебошад. Ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки буҷети маҳаллии вилояти Хатлон дотатсионӣ буда, ҳар як сол аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ кӯмаки молиявӣ мегирад. Бо вуҷуди гирифтани кӯмаки молиявӣ

[73] Ҳисоботи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ дар соли 2022.-67саҳ

сарчашмаи асосии маблағгузории “Барномаи Рушди иқтисодӣ-иҷтимоии вилояти Хатлон” маҳсуб меёбад. Самаранокии истифода бурдани маблағҳои буҷавӣ аз шаффоф будани он шаҳодат медиҳад. Пайгирии ин мавзуъ ба манфиати ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, барои тақвияти унсурҳои демократӣ мусоидат хоҳад кард. Зимнан, шаффофият дар бобати ҳама паҳлӯҳои буҷа эътимоди мардумро ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ меафзояд. Зеро ҳар шаҳрванд медонад, ки андози супурдааш чӣ гуна ва ба куҷо харҷ мешавад.

**Диаграммаи 2.7.- Таҳлили қисми даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллии вилояти Хатлон (ҳаз.сом)**




| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|
| хароҷот | 15508408 | 1687038,8 | 1869826,7 | 2156734 | 24546467 |
| даромад | 15508408 | 17236568 | 19030271 | 22255080 | 24890059 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон / Маҷмуаи оморӣ. –Бохтар, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022. – С . 207-208.

Аз ҳама муҳимаш, агар шаффофияти буҷа таъмин гардад, сатҳи амалҳои коррупсионӣ дар ҷомеа кам шуда, сармоягузории аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ дар соҳаҳои афзалиятнки вилоят бештар мешавад. Аз нишондиҳандаҳои диаграммаи 2.7 маълум мегардад, ки қисми даромади буҷети маҳаллии вилояти Хатлон соли 2022 нисбат ба соли 2018- 160,5 % афзудааст. Аз нигоҳи мо сабабаи афзоши қисмати даромади буҷети маҳалии вилояти Хатлон ин зиёд шудани миқдори субъектҳои хоҷагидорӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, баланд шудани фарҳанги андозсупории шаҳрвандон мебошад.Ҳамзамон қисмати хароҷоти буҷети маҳалии вилояти Хатлон соли

2022 нисбат ба соли 2018-158,2 % фисад афзоиш ёфта аст, ки ин вобастагӣ дорад аз қисмати даромади буҷети маҳали вилоят, чункӣ чи қадаре, ки даромадҳо зиёд шаванд ҳамон қадар хароҷот меафзояд. Дар соли 2022 иҷрои нақшаи буҷети маҳалии вилояти Хатлон аз ҳисоби андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ 100,1фоиз иҷро шудааст. Аз баррасии системаи андозбандӣ дар ҷумҳурӣ ва вилоят бармеояд, ки маҷмуан новобаста ба раванди мусбати нишондодҳои макроиқтисодӣ, ҳиссаи даромадҳо аз андоз аз рӯйи андозҳои ҷудогона ва дар бахшҳои ҷудогона метавонад коҳиш ёбад ё афзояд, ки ин вазъият ба воридоти андозҳо ба буҷет бетаъсир намемонад. Пас маълум мешавад, ки нишондодҳои мусбати макроиқтисодӣ ва афзоиши ҳаҷми ММД нигоҳ накарда, манбаъҳои андозӣ аз рӯйи андозҳои ҷудогона рушд накардааст. Аз дигар тараф, самаранок фаъолият накардани системаи идории андоз ба коҳиши воридоти андоз ва ё тули солҳои охир бо раванди хеле паст рушд кардани воридот оварда расонидааст. Тавре маълум аст, ки ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллии вилояти Хатлон ин аз ҳисоби сарчашмаҳои андозӣ, ғайриандозӣ ва дигар манбаъҳо манша мегирад. Мо дар ҷадвали 2.11 ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир карда, ин масъаларо мавриди таҳлил қарор додем.

**Ҷадвали 2.11 . - Сарчашмаҳои даромади андозӣ ва ғайриандозии ба буҷети маҳаллии вилояти Хатлон(млн сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Даромад, ҳамагӣ | 1550840,8 (100 %) | 1723656,8 (100%) | 1903027,1 (100%) | 2225550,8 (100%) | 2489005,9 (100%) | 938165,1 (100%) |
| Андози даромад аз шахси воқеъӣ | 313034,2 (20,1%) | 367886,9 (21,3%) | 395705,7 (20,7%) | 476066,2 (21,4%) | 832812,2 (33,5%) | 519778 (55,4%) |
| Андози фоида аз шахси ҳуқуқӣ | 124009,7 (7,9%) | 153957,6 (8,9%) | 170644,6 (8,9%) | 262584,2 (11,8%) | - | 138574,5 (14,7%) |
| Андоз аз молу мулки ғайри манқул | 77625,3 (5,0%) | 89233,4 (5,1%) | 92371,3 (4,8%) | 110930,4 (5,0%) | 203256,3 (8,2%) | 125631 (13,3%) |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 263594,6 (16,9%) | 259856,4 (15,0%) | 274661,6 (14,4%) | 336283,6 (15,1%) | 366252,0 (14,7%) | 102657,4 (10,9%) |
| Низомҳои махсуси андозбандӣ | - | - | - | - | 185436,2 (7,5%) | - |
| Аксиз | 789,0 (0,05%) | 811,1 (0,04%) | 774,8 (0,04%) | 605,3 (0,03%) | 697,7 (0,03%) | -91,3 (-0,009) |

*Идомаи ҷадвали 2.11.*

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Андоз барои захираҳои табиӣ | 13387,2 (0,86%) | 19065,9 (1,1%) | 38693,7 (2,0%) | 55425,4 (2,5%) | 52191,9 (2,1%) | 38804,7 (4,1%) |
| Боҷи давлатӣ | 22468,5 (1,5 %) | 24198,1 (14,0%) | 21542,7 (1,1%) | 29399,7 (1,3%) | 34936,5 (1,4%) | 12468 (1,3%) |
| Пардохти дигари маҳаллӣ | 17667,4 (1,1%) | 25113,7 (0,01%) | 17319,1 (0,9%) | 18667,4 (0,8%) | 33261,1 (1,3%) | 15593,7 (1,6%) |
| Андоз аз истифодабаран-дагони роҳҳои автомобилгард | - | 34490,9 (2,0%) | 44591,0 (2,3%) | 54517,2 (2,4%) | - | - |
| Андози аз низоми соддакардашуда | 144520,7 (0,3%) | 151627,5 (8,7%) | 149441,9 (7,8%) | 134417,4 (6,0%) | - | -10049,3 (1,0%) |
| Андоз аз воситаҳои нақлиёт | 41837,3 (2,6%) | 47299,9 (2,7%) | 50520,2 (2,6%) | 54321,2 (2,4%) | - | 12483,9 (1,3%) |
| Даромадҳои ғайриандозӣ | 531906,9 (34,2%) | 550115,4 (31,9 %) | 646760,5 (33,9%) | 692332,8 (31,1%) | 780162,0 (31,3%) | 248255,1 (26,4%) |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон / Маҷмуаи оморӣ. –Бохтар, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022. – С . 208.

Дар панҷ соли охир даромадҳои андозӣ ба буҷети маҳаллии вилоят давлатӣ зиёд зиёд шудааст ва ин тамоюл дар солҳои минбаъда низ давом хоҳад ёфт. Дар ин давраҳои зиёдшавии воридоти андозӣ ба назар мерасанд, зеро таъмини босуботи иқтисодиёт ва таъмини дараҷаи идоракунии давлатии соҳаҳо аз воридоти барзиёди андозҳои умумиҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ вобастагии калон дорад. Дар ин радиф фаъолияти мақомоти давлатӣ назаррас аст. Таҳлили иҷроиши қисми даромади буҷети маҳаллиии вилояти Хатлон дар соли 2022 аз ҳисоби сарчашмаҳои андозӣ 68,7 фисад иҷро гардидааст. Маврид ба зикр аст, ки агар дар соли 2018 қисми даромади буҷети маҳаллии вилоят 65,8% фисадро даромадҳои андозӣ ташкил кунад ин нишондиҳанда дар соли 2022 68,7% фисадро ташкил меихад, ки нисбати соли 2018- 2,9 % фисад афзудааст. Агар мувофиқи ҳиссаи воридоти навъҳои андоз дар буҷети маҳаллии вилоят дар соли 2022 ташхис гузаронем, ба ин натиҷа мерасем: воридоти андоз аз даромад 33,5%, андоз аз фоида 12,8%,)андози молу мулки ғайриманқул 8,2%, андоз аз арзиши иловашуда 14,7 %, низоми махсуси андозбандӣ 7,5 %, аксизҳо 0,03%, андоз барои захираҳои табиӣ 2,1%, боҷҳои давлатӣ 1,4%, дигар пардохтҳо 1,3%, ташкил медиҳад.

Баррасӣ ва таҳқиқи равиши воридоти маболиғи андоз ба буҷет ба мо ошкор сохт, ки дар соли 2022 ҳиссаи андоз аз даромад, андоз аз ААИ ва андоз аз амволи ғайриманқул бештар буда, 56,4 дарсади ҳиссаи воридоти андоз ба буҷети соли 2022 баробар аст.Воридоти андозҳои дигар, хусусан аксизҳо, андозҳо аз захоири табиӣ, андоз аз фурӯш, андоз аз васоити нақлиёт, андозҳо аз даромади умумии буҷети давлатӣ он қадар ҳам назаррас нестанд. Ҳамзамон, ба далели нокомилии қонунгузорӣ дар бахши муқаррароти танзимкунандаи ҳамин навъи андозҳо, мушкилот оид ба идоравикунонии онҳо дар қиёс бо андозҳои дигар ҷиддӣ мебошад.)Агар дар ҷараёни иҷрои буҷет кам шудани даромад ва манбаъҳои буҷетӣ барои пӯшонидани касри буҷет, ки ба маблағгузории нокифояи хароҷот на бештар аз 5 фоиз нисбат ба буҷети тасдиқшуда, роҳбари мақоми молиявӣ ҳуқуқ дорад қарор қабул кунад ва тарзи харҷ кардани хароҷотро дар бар гирад. Дар айни замон, қарор дар бораи ҷорӣ намудани низоми хароҷот бояд санаи он, ки ба воситаи он реҷа коҳишдиҳӣ ва ҳаҷми коҳишдиҳӣ ҷорӣ карда мешавад.

Яке аз нишондиҳандаҳои молиявии таъмини сармоягузориҳо ба иқтисодиёти вилояти Хатлон хароҷотҳо аз ҳисоби буҷети маҳаллии вилоят ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилоят маҳсуб меёбад.

Масрафи буҷаи маҳалии вилояти Хатлон дар соли 2022 ба таъмини пешрафти иҷтимоию иқтисодии кишвар, боло бурдани сатҳи рифоҳи мардум, таъмини амнияти давлат ва озуқаворӣ, баланд бардоштани дараҷа ва сифати таълиму тарбия ва хидматрасонӣ, беҳдошти сиҳатии аҳолӣ, рушди соҳаҳои иҷтимоии кишвар, аз ҷумла маблағгузории соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва таъмини рушди дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ равона карда мешаванд. Аз ҳамин нуқтаи назар, мо дар ҷадвали навбатӣ ҷараёни инкишоф ва сохтори хароҷоти буҷети давлатии вилояти Хатлонро мавриди таҳқиқот қарор додем.

**Ҷадвали 2.12.- Ҷараёни инкишоф ва сохтори хароҷоти буҷети давлатии вилояти Хатлон**

| Соҳаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хароҷотҳо, умумӣ** | 1515748,1 (100%) | 1687038,8 (100%) | 1869826,7 (100%) | 2156734,0 (100%) | 2454646,7 (100%) | 938898,6 (100) |
| Маориф | 880401,5 (58,0%) | 980708,9 (58,1%) | 1074807,6 (57,4%) | 1252626,7 (58,0%) | 1418667,9 (57,8%) | 538266,4 (57,3%) |
| Тандурустӣ | 392663,2 (25,9%) | 419756,2 (24,8%) | 491312,8 (45,7%) | 541466,7 (25,1%) | 598913,2 (24,4%) | 206250 (21,9%) |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | 11052,5 (2,8%) | 12767,2 (0,7%) | 12846,0 (2,6%) | 14337,8 (0,6%) | 16494,0 (0,6%) | 5441,5 (0,5%) |
| Хоҷагии манзилию камуналӣ | 42267,0 (2,7%) | 43984,8 (2,6%) | 46312,9 (2,4%) | 55119,8 (2,5%) | 58216,8 (2,3%) | 15949,8 (1,6%) |
| Фарҳанг | 52573,8 (3,4%) | 65098,6 (3,8%) | 67775,7 (3,6%)% | 78801,5 (3,6%) | 82425,8 (3,6%) | 29852 (3,1%) |
| Варзиш | - | - | - | - | - | - |
| Хоҷагии қишлоқ | 6759,0 (0,45%) | 6486,9 (0,3%) | 7160,8 (0,3%) | 7959,2 (0,3%) | 9865,6 (0,4%) | 3106,6 (0,3%) |
| Мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ | 76086,6 (5,0%) | 89493,9 (5,3%) | 90431,8 (4,8%) | 106136,2 (4,9%) | 169118,3 (6,8%) | 93031,7 (9,9%) |
| Нақлиёт ва камуникатсия | 5222,2 (0,3%) | 4975,8 (0,2%) | 6653,2 (0,3%) | 8658,8 (0,4%) | 16097,3 (0,6%) | 10875,1 (1,1%) |
| Ист.кор. канд.фойд, сан.истеҳ. маъд. куҳӣ, сохтмон | 11729,1 (0,7%) | 28686,0 (1,7%) | 26961,7 (1,4%) | 39210,6 (1,8%) | 36856,3 (1,5%) | 25127,2 (2,6%) |
| Дигар хароҷотҳо | 36993,2 (2,4) | 35080,5 (2%) | 45564,2 (2,4%) | 52416,7 (2,4%) | 47991,5 (1,9%) | 10998,3 (1,1%) |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон / Маҷмуаи оморӣ. –ш.Бохтар: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022. – С . 209

Соҳаи маориф ва илм дар сиёсати молиявии давлат яке аз соҳаҳои афзалятнок боқӣ мемонанд. Ҳамасола аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба ин соҳа ҳаҷми маблағгузорӣ зиёд карда мешавад Чи тавре, ки аз маълумотҳои ҷадвал бармеояд соли 2022 – 57,0% хароҷоти буҷети вилоят ба соҳаи маориф ирсол шудааст. Маблағгузории дар давраи таҳлил дар ин соҳа аз 8,9 млн

сомонӣ то 14,8 млн сомонӣ тамоюли афзоиш дорад. Барои истифодаи босамар ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, меъёрҳои хадди ақалии маблағгузорӣ ба сари ҳар як хонанда ва ҳар як мактаб бо дарназардошти афзоиши хонандагон зиёд гардид. Бо ин мақсад, дар буҷаи давлатии соли 2022 барои пешбурди кори муассисаҳои томактабӣ 425,2 млн сомонӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 3340,8 млн сомонӣ ҷудо карда шудааст, он дар қиёс бо соли 2021 мутаносибан 29,1 млн сомонӣ ё 7,3 фоиз ва 239,3 млн сомонӣ ё 7,7 фоиз зиёд мебошад.

Яке соҳаҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат - ин соҳаи тандурустӣ буда, масрафи соҳаи мазкур дар соли 2022 аз ҳисоби кулли сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба андозаи 598913,2 млн сомонӣ ё 24,4% ҳаҷми умумии масрафҳои буҷаи маҳаллии вилоятро ташкил додааст, ки он дар қиёс бо соли 2018 206250 млн сомонӣ ё 52,5 % зиёд буда, 24,4 % ҳаҷми умумии масрафҳои буҷаи маҳаллии вилоятро дар бар мегирад. Дар соли 2022 буҷаи соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ тибқи бартариятҳои соҳа, яъне таҷдиди институтсионалӣ ва идории системаи ҳифзи иҷтимоӣ тарҳрезӣ шуда, барои иҷроиши уҳдадориҳои давлат бахри ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мусодат мекунад.Дар буҷети маҳаллии вилояти Хатлон барои соли 2022 барои соҳаи фарҳанг ва варзиш 82425,8 млн сомонӣ банақшагирӣ шудааст, ки ин назар ба соли 2018 ба 56,7% фисад афзоиш ёфта, 3,6 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети маҳалии вилоятро ташкил медиҳад. Буҷаи риштаи фарҳанг ва варзиш ба мақсади пешбурди кори муассисаҳои фарҳангии вилоят: китобхонаҳо, осорхонаҳо, театрҳо, ВАО ва дигар ташкилоту муассисаҳое, ки чорабиниҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявиро ба иҷро мерасонанд, равона мегардад.

Дигар манбаъи молиявии таъмини сармоягузорӣ ин пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳо мебошанд. Пасандозҳои аҳолӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳими муайянкунандаи сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат маҳсуб мешавад. Ҳар як шахс кӯшиш менамояд, ки аз сарчашмаҳои мухталифи фоидаи бадастовардаи худ маблағи муайяне пасандоз кунад, то ки дар рафти фаъолияти баъдии зиндагияш аз он самаранок истифода бурда тавонад.Воситаи самараноки нигоҳдории пасандози аҳолӣ дар бонкҳо ва ташкилотҳои амонатию қарзӣ гузоштани

пасандозҳо мебошад. Ин тарзи нигоҳдории пасандоз самаранокии худро дар таҷрибаи мамлакатҳои дунё нишон додааст. Дар шароити бонк нигоҳдории пасандозҳо имкон медиҳад, ки он аз таъсири манфии таваррум эмин бошад. Ба ғайр аз ин, чунин пасандозҳо пеши роҳи камшавии пули дар муомилотбударо мегирад. Муҳимтар аз ҳама гузоштани пасандоз дар бонк барои аҳолӣ ҳамчун манбаи иловагии даромад шуда метавонад. Инчунин, гузоштани пасандози аҳолӣ дар бонк метавонад дар афзун гардидани маҷмуи маҳсулоти дохилӣ саҳми назаррас дошта бошад.

Мутаассифона, таҷрибаи начандон дури фаъолияти бонкҳо дар мамлакат то андозае барои афзоиши пасандозгузорӣ дар бонкҳо таъсири манфӣ расонид ва боварии аҳолиро ба бонкҳо коста намуд. Барои мисол мо метавонем ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», ҶСК «Фононбонк», ҶСК «Агроинвестбонк» ва якчанд бонкҳою ташкилотҳои амонатию қарзиро номбар намоем. Шахсони зиёде, ки дар ин бонкҳо пасандозҳои худро гузошта буданд, бинобар сабаби муфлисшавии бонкҳои мазкур пасандозҳояшонро гирифта натавонистанд, ё ин ки бо мушкилоти зиёд пас гирифтанд. Бояд таъкид кард, ки бо мақсади рафъ намудани мушкилиҳои мазкур ва мустаҳкам кардани системаи бонкии мамлакат Бонки миллии Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ андешид, ки ба рушди низоми бонкӣ ва зиёд намудани эътимоди аҳолии мамлакат ба бонкҳо ва ташкилотҳои амонатию қарзӣ мусоидат намуд. Омилҳои гуногун мавҷуданд, ки ба дараҷаи пасандозҳои аҳолӣ тасъир мерасонад. Ба ин омилҳо сатҳи беқурбшавии пул, вазъи сиёсии мамлакат, сатҳи устувории низоми бонкии кишвар, инчунин муҳимтар аз ҳама сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ дохил мешаванд. Таҳлили вазъи пасандозгузории аҳолии вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки сол то сол пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳо афзоиш ёфта истодааст, ки дар натиҷа устувории низоми бонкӣ таъмин гардида, ба рушди иқтисодиёти мамлакат мусоидат менамояд. Барои пурра баҳо додан ба вазъи пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳо ва ташкилотҳои амонатию қарзӣ диаграммаи 2.8. -ро таҳлил менамоем.

**Диаграммаи 2.8.- Пасандози аҳолӣ дар муассисаҳои бонки амонатгузории вилояти Хатлон ( сомонӣ)**




**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон / Маҷмуаи оморӣ. –Бохтар, Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022. – С . 210.

Тавре аз нишондиҳандаҳои диаграммаи 2.8. бармеояд маблағҳои пасандозҳои аҳолии вилояти Хатлон дар муассисаҳои бонки амонатгузории вилояти Хатлон соли 2022 нисбат ба соли 2018 -13986734 сомони ё 33,1% фисад афзудааст.Ҳамзамон агар дар соли 2018 ба сари ҳар як аҳолии вилояти Хатлон 12,9 сомонӣ рост ояд ва ин нишондиҳанда дар соли 2022 -15,6 сомониро ташкил медиҳад. Яке аз сабабҳои афзоши пасандозҳои аҳолӣ дар вилоят аз нигоҳи мо ин боварии мардум нисбат ба муассисаҳои қарзии вилоят ва баланд шудани маърифати молиявии мардум мебошад. Ба андешаи мо, дар пешрафти иқтисоди вилояти Хатлон саҳми калон дорад, зеро зиёдшавии он ба беҳбуди сатҳи зиндагии мардуми вилоят замина фароҳам меорад. Аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакат ва мақомоти ҳокимияти маҳалии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ҷиҳати фароҳам овардани шароитҳои мусоиди пасандозгузории аҳолӣ дар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ чораҳои заруриро амалӣ намоянд: тарғиби аҳолӣ ба пасандозгузорӣ дар бонкҳо ва ташкилотҳои амонатию қарзӣ, вобаста ба имконият баланд бардоштани фоизи пасандозҳо аз тарафи бонкҳо, фароҳам овардани шароитҳои мусоиди пасандозгузорӣ дар бонкҳо, назорати доимии пасандозҳо ва дар муҳлатҳои муайянгардида баргардонидани онҳо аз ҷониби бонкҳо.

Маврид ба зикр аст, ки дигар механизми молиявии таъмини сармоягузорӣ ба иқтисодиёти вилояти Хатлон ин пешниҳоди қарзҳо ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти вилояти Хатлон мебошад.

Тибқи нишондиҳандаҳои Ҷадвали 2.13, дар татбиқи барномаҳои давлатӣ бонкҳои тиҷоратӣ дар шакли маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои бузурги стратегӣ фаъолона қарзҳои гуногунро ба субйектҳои фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳод менамоянд. Ҳаҷми маблағгузориҳо ба ин соҳаҳо аз авомили пешравии махсуси иқтисод маҳсуб мешавад, ки дар ин самт бонкҳо саҳми калон доранд. Бояд ёдрас кунем, ки дар давраи таҳлилӣ маблағгузорӣ ба соҳаҳои кишоварзӣ пайваста тағйир мехурад. Сохтори сандуқи қарзии бонкҳо вобаста ба бахшҳои ҷудогонаи иқтисодиёт дар ҷадвали мазкур нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.13.-Маблағҳои қарзи ба соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Хатлон аз ҷониби бонкҳо (млн сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2018 | % | 2019 | % | 2020 | % | 2021 | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Қарз, умумӣ** | **993,1** | **100%** | **1117,9** | **100%** | **1330,5** | **100 %** | **1609,0** | **100 %** |
| **Аз ҷумла ба соҳаҳо:** | - | - | - | - | - | - | - | - |
| **Саноат** | - | - | - | - | - | | - | - |
| **Кишоварзӣ** | 50,7 | 5,1% | 69,4 | 6,2% | 80,3 | 6,3% | 103,5 | 6,4% |
| **Сохтмон** | - | | - | | - | | - | |
| **Савдо** | 57,5 | 5,9 % | 63,2 | 5,7% | 63,0 | 4,5 % | 48,2 | 3% |
| **Дигар соҳаҳо** | 884,9 | 89,1% | 985,3 | 88,1% | 1187,2 | 89,2 % | 1457,3 | 90,5% |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон / Маҷмуаи оморӣ. –Бохтар, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022. – С . 212-213

Агар ба арқоми ҷадвали 2.14 такя кунем, дар давраи таҳлилӣ қарзи аз ҳама бештар барои соҳаҳои кишоварзӣ, савдои хориҷӣ ва дигар соҳаҳо ҷудо шудааст ва камтарин қарз ба бахшҳои хуроки ҷамъиятӣ ва миёнаравии молиявӣ равона гардидааст. Омили асосие, ки ба дигаргуншавии андозаи сандуқи қарзӣ дар робита бо соҳаҳои хоҷагии халқ таъсир мерасонад, - ин меъёри фоизи қарзӣ мебошад. Фоизи қарз ҳар қадар ки кам бошад, ҳамон қадар талабот ба гирифтани қарз меафзояд ва ё ҳолати баръакс рӯй медиҳад.

**Ҳамин тариқ, баъди таҳлили механизми молиявии раванди сармоягузориҳо ба иқтисодиёти вилояти Хатлон ба чунин хулосаҳо омадем:**

1.Механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо - ин самаранок истифода бурдани маблағҳо аз буҷа, истифодаи ҳадафноки қарзҳои бонкӣ, фондҳои вижаи давлатӣ, чопи коғазҳои қиматдори давлатӣ ва фурӯши онҳо, истифодаи ҳадафноки грантҳо, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба соҳаҳои афзалиятноки кишвар мебошад.

2.Таҳлилҳои мо нишон дод, ки самтҳои асосии танзим ва ҳавасмандгардонии механизми молиявии таъмини сармоягузорӣ метавонанд инҳоро дар бар гиранд: таҳияи барномаҳои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ, анҷоми корҳое, ки ба фазои мусоиди сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон замина мегузорад, чорабиниҳо оид ба пешрафти фаъолияти сармоягузории субйектҳои соҳибкорӣ ба воситаи амалигардонии механизми ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, ба роҳ мондани равобити тиҷоратӣ бо корхонаҳои молиявӣ, таҳияи тадбирҳои институтсионалӣ, молиявӣ, пулию қарзӣ, ки ба фаъолияти равандҳои инноватсионӣ дар иқтисоди минтақа нигаронида шудаанд, такмили қонунгузорӣ, ки ба танзими фаъолияти сармоягузориҳо дар вилоят мусоидат мекунад.

3.Механизми молиявӣ ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузориҳо аз робитаҳои гуногун байни субъектҳои сармоягузорӣ барои фароҳам овардани шароити мусоид иборат аст. Усулҳои молиявии танзими сармоягузорӣ маънои маҷмуи усулҳо ва усулҳои ноил шудан ба ҳадафҳои фаъолияти сармоягузорӣ, ки ба муносибатҳои пулӣ оид ба тақсим ва азнавтақсимкунӣ асос ёфтаас,т равона карда шудааст.

4.Амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ аксаран ҷалби захоири меҳнатиро ба миён мегузорад ва ба беҳбудии рӯзгори мардуми вилояти Хатлон оварда мерасонад. Зеро амалӣ сохтани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон асари иҷтимоиву иқтисодии бевосита ва бавосита дорад. Дар ҳар сурат, таъсири бавосита нисбат ба таъсири бевосита бештар ба назар мерасад. Аз ин рӯ, зарур

аст, қабл аз ҳама, самаранокии иҷтимоиву иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузории вилояти Хатлон ва амали он таҳқиқ шавад.

# БОБИ 3.
# САМТҲОИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ МОЛИЯВИИ ТАЪМИНИ САРМОЯГУЗОРИИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 3.1. Рушди ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ дар таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон

Аз санадҳои ҳуқуқии чумҳурӣ бармеояд, ки 28.12.12 Қонуни ҶТ «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ба тасвиб расид. Қонуни номбурда пойдевори ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии ҳамкориҳои давлат ва бизнеси субъектҳои хоҷагидори ғайридавлатӣ, амалисозии лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусиро мушаххас мекунад, аз манофеи ҳам давлат ва ҳам тиҷорати хусусӣ ҳимоят мекунад, ҳамчунин механизмҳои институтсионалӣ ва масъулиятҳои ташкилоти фармоишгарро фарогир аст.

Аз таҳқиқи заминаҳои таърихии ташаккул ва рушди сохтори ҷомеа анъанаи пешбурди тарзи ҳаёти гуруҳӣ чунин бармеояд, ки он марҳила ба марҳила шакли расмӣ гирифта, ҳамчун давлат ва иттиҳодияҳои мухталиф ҳимояи манофеи мардумро ба души худ гирифтаанд. Дар таҷрибаи сохтори ҷамъиятӣ субйектҳое буданд, ки истеҳсол ва пешниҳоди молу хидматгузориҳоро ташкил карда, қонеъ сохтани ниёзҳои аҳолиро ба зиммаи худ гирифта, ба ин васила фоидаи мушаххас ба даст меоранд. Давлат ва соҳибкор - ин ду субйекти ҳаётан муҳим нақш ва ҷойгоҳи мухталифро дар сохтори иқтисодию иҷтимоии ҷомеа доранд. Хулоса гуфтан мумкин аст, ки миёни давлат ва бахши хусусӣ ин ё он шакли ҳамкорӣ ҷиҳати ҳифзу дастгириҳои ҳаёти мардум ва манфиат ба даст овардан ҳама вақт мавҷуд буд.

Ин бо доштани имконоти сармоявии сектори хусусӣ ва зиёд шудани уҳдадориҳои иқтисодию иҷтимоии давлат, зарурати ба миён омадани ҳамкориҳои ин ду субйект ба амал омад. Роҷеъ ба ин гуфтаҳо П.Бруссер чунин андеша дорад, ки ташкил намудани хоҷагиҳои моликияташон гуногун дар шароити муосир зарурияти иштироки давлатро талаб мекунад. Дар ин шароит

ҳамкории байни давлат ва бахши хусусӣ ва муҳити институтсионалӣ (заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, системаи идоракунӣ, механизми батанзимдарорӣ ва ғ.) ба амал меояд.[74]

Тибқи маълумоти "Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" бо мақсади рафъи монеаҳои маъмурӣ ва авомили инсонӣ, коҳиш додани хароҷоти рушди соҳибкорӣ дар кишвари мо системаҳои «Равзанаи ягона» барои сабти субйектҳои соҳибкорӣ, иҷозатдиҳӣ ба корҳои сохтмонӣ, бақайдгирии амволи ғайриманқул, амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ, мусоидат ба сармоягузорон, инчунин тавассути портали электронии мақомоти андоз 36 намуди хизматгузориҳои электронӣ барои андозсупорандагон ба роҳ монда шудааст.[75]

Бояд гуфт, ки дар 30 соли баъд дар таҷрибаи сохтори хоҷагидории ҷаҳон стратегияи шарокати давлат ва сектори хусусӣ мавриди истифодаи ҳадафнок қарор гирифтааст. Дар ин давра аз руйи фаъолият дар навъҳои мухталифи ташкили шарокати давлат ва сектори хусусӣ мувофиқи баҳодиҳиҳои илмию назарӣ ва илмию амалӣ натоиҷи самаранокро таъмин кардааст. Масъалаи ҷалб ва истифодаи оқилонаи сармоягузорӣ дар ҳамаи сатҳҳои идоракунии давлатӣ ё ташкили лоиҳаҳои шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ ба қатори мушкилотҳои калиди дохил мешавад.

Дар робита ба ин бояд қайд кард, ки ҳадафи аслии ширкати давлат дар лоиҳаи шарикии давлат ва сектори хусусӣ - ин пешрафти инфрасохтори иқтисодӣ, иҷтимоӣ, афзоиши самаранокии истифодаи он, таъмини рушди иқтисод ва беҳбуди сифати хидматгузорӣ мебошад,) ки дар асоси ҷалби маблағгузориҳои ғайрибуҷетӣ ба амал бароварда мешавад. Нcorrect Новобаста аз он, ки бахши хусусӣ мақсади кам хароҷот кардан ва фоидаи зиёд диданро дорад. Дар вилоят барои таъсиси корхонаҳои саноатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ҷалби

---

[74] Бруссер П., Рожкова С. Государственно-частное партнерство и новый механизм привлечения инвестиций // Рынок ценных бумаг. - 2007. - № 2. -С. 29-33.

[75] Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз 16 июни соли 2021, №441. - Душанбе, 2021. – С. 137.

сармояи ватанию хориҷӣ минтақаҳои озоди иқтисодии «Данғара», «Панҷ» ва «Кӯлоб» ба кор андохта шудаанд. Ҳоло дар қаламрави ин минтақаҳои озод 37 субйекти саноатӣ фаъолият дошта, дар се моҳи соли 2021 ба маблағи 4,5 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст. Теъдоди кормандони дар минтақаҳо фаъолиятдошта 395 нафарро ташкил медиҳанд.

**Ҷадвали 3.1.-Истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ аз рӯйи шаклҳои моликият дар вилояти Хатлон(бо ҳазор сомонӣ)**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | Соли 2022/ 2018, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Маҷмуи маҳсулоти саноатӣ | 7294011,0 | 8661055,0 | 8998263,0 | 10332970,5 | 10792493,5 | 147,9 |
| Бахши давлатӣ | 2844660,0 | 3251230 | 2659845,6 | 2932582,0 | 2010884,4 | 70,6 |
| Корхонаҳои муштарак | 5236,4 | 6450,4 | 7489,9 | 1190543,0 | 1251323, 2 | 238,9 мар-ба |
| Бахши хусусӣ | 3969993, 6 | 5348209,7 | 5574675,1 | 5360315,0 | 5033831, 7 | 126,7 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон // Маҷмӯаи оморӣ. –Бохтар, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022. – С .112 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шудааст.

Тибқи таҳлилҳои ҷадвали 3.1. маълум гардид, ки дар соли 2022 маҷмуи маҳсулоти саноати нисбати соли 2018 147,9 фоиз афзоиш ёфта, дар бахши давлатӣ 129,3 фоиз коҳишёбӣ, корхонаҳои муштарак 123,7 фоиз, бахши хусусӣ 126,7 фоиз истеҳсоли маҳсулот афзоиш ёфтааст. Аз рӯйи таҳлили ҷадвал маълум гардид, ки истеҳсоли маҳсулот дар бахши хусусӣ сол то сол афзоиш ёфта истодааст.

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои таҳлили диаграммаи 3.1. маълум гардид, ки шумораи миёнаи солонаи кормандон дар корхонаҳо соли 2022 аз 22,1 ҳаз.

нафар иборат буд ва ин нишондод дар қиёс бо соли 2017 аз 3,7 ҳаз. нафар беш аст. Теъдоди корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Хатлон дар соли 2022 ба 719 адад мерасид, ки ин дар қиёс бо соли 2017 128 корхона зиёд шудааст.

**Диаграммаи 3.1.-Шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Хатлон**




**Сарчашма: Таҳияи муаллиф** дар асоси маълумоти Омори солонаи вилояти Хатлон / Маҷмуаи оморӣ. –Бохтар, Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2022. – С .104.

Дар таҳлили диаграммаи 3.2. муайян гардид, ки хизматрасониҳои пулакӣ ҳамагӣ дар соли 2022 2327025,6 ҳазор сомониро ташкил намуд,ки ин нишондод назар ба соли аввали таҳлил 640299 ҳазор сомонӣ ё 37,9 фоиз афзоиш ёфта аст. Ҳама намудҳои хизматрасониҳои пулакие, ки ба аҳолии вилоят соли 2022 расонида шуд аз рӯйи корхонаҳои бақайдгирифташуда буда, инҳо аз қабили хизматрасонии маишӣ, 1436720,1 ҳазор сомонӣ, хизматрасонии нақлиёти мусофирбар, 135091,9 ҳазор сомонӣ, хизматрасонии алоқа, 12419,6 ҳазор сомонӣ, хизматрасонии хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ 21122,6 ҳазор сомонӣ, хизматрасонии фарҳанг 762,8 ҳазор сомонӣ, хизмати санаторию истироҳатгоҳҳо 165,0 ҳазор сомонӣ, системаи маориф 324991,7 ҳазор сомонӣ хизматрасонии тиббӣ 132595,3

ҳазор сомонӣ, хизмати ҳуқуқӣ ва бонкӣ 138155,5 ҳазор сомонӣ, ва дигар намуди хизматрасониҳо бошад 125001,1 ҳазор сомониро ташкил намуд.

**Диаграммаи 3.2.-Ҳама намуд хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолии вилояти Хатлон дар солҳои 2017-2022 (ҳазор сомонӣ)**




**Сарчашма: Таҳияи муаллиф** дар асоси маълумоти Омори солонаи вилояти Хатлон // Маҷмуаи оморӣ. –Бохтар, 2022. – С -199.

Номгӯи хизматрасоние,ки дар соли 2022 ба сифр баробар мебошад ин хизмати сайёҳӣ экскурсиони маҳсуб меёбад. Бахши хусусӣ дар вилояти Хатлон сол то сол рӯ ба инкишофёби мебошад, ки ин ба таъмин намудани аҳолии вилоят бо ҷойҳои кори ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолии вилоят таъсиргузор мебошад.

**Диаграммаи 3.3.- Ҳаҷми сармоягузориҳо нисбат ба МММ дар вилояти Хатлон дар соли 2018-2022 (бо %)**




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумхурии Точикистон/ маҷмуаи оморӣ – Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ, 2023. -Саҳ.214; Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Аз таҳлилҳои диаграммаи 3.3 бармеояд, ки саҳми сармоягузориҳо нисбат ба МММ бо фоиз дар соли соли 2020 дар вилояти Хатлон афзоиш ёфтааст. Аммо тавре аз таҳлилҳои қаблӣ (ҷадвали 2.7) мебинем, ҳаҷми сармоягузориҳо дар вилояти Хатлон соли 2022 ба 73705,9 млн доллар расидааст, ки ин нишондод дар қиёс бо соли 2018 31014,6 млн доллар ё 64,5 фоиз афзоиш ёфтааст.Вале бо сабаби афзоиши МММ Ҳиссаи онхо дар ду соли охир дар диаграммаи 3.3 бетағйир мондааст.

Аз рӯйи ҷадвали 3.2 маълум гардид, ки сармоягузорӣ дар саноати хӯрокворӣ ҳам имкониятҳои зиёд дорад ва ҳам мушкилотҳо вуҷуд дорад. Аммо имрӯзҳо чӣ тавре, ки ба мо маълум аст мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои андози барои корхонаҳои истеҳсолӣ муайян карда шуда, сармоягузорони хориҷию дохили метавонанд ин имтиёзҳоро истифода намоянд.

**Ҷадвали 3.2. - Имкониятҳои сармоягузорӣ дар бахши саноати хӯрокворoccи вилояти Хатлон**

| Соҳаҳои саноати хурокворӣ | Имкониятҳои сармоягузорӣ | Ҳолати ҳозира |
|---|---|---|
| Хӯрокҳои консервшуда ва яхкардашуда | Имкониятҳои сармоягузорӣ дар бахши консервабарорӣ ва яхкунӣ. | -Консервбарорӣ ба маблағи қариб 31,5 млн. банкаҳое, ки аз иқтидори эҳтимолӣ камтаранд;<br>-Технологияи муосири консерв ва яхкунии зуд амалан вуҷуд надорад. |
| Коркарди ғалла ва истеҳсоли маҳсулоти нони | ● рушди истеҳсоли орд | ● бартарӣ доштани осиёбҳои хурд барои истеҳсоли орд;<br>● бартари доштани маҳсулоти қаннодии воридотӣ; |
| Коркарди меваю сабзавот | ● коркарди мева дар мавсим барои фурӯш ва берун аз мавсим;<br>●дар ин бахш имкониятҳои арзиши баланди иловашуда мавҷуд мебошад, масалан пюреи меваю сабсавот, бута меваҳо, анор<br>●коркарди помидор бештар ба маҳсулотҳои дорои арзиши баланди иловашуда дар асоси иқтидори мавҷуда. | ●ҳаҷми коркард хеле дар сатҳи паст мебошад. |

*Идомаи ҷадвали 3.2.*

| | | |
|---|---|---|
| Истеҳсоли шарбат | ● Сармоягузорӣ ба истеҳсоли афшура метавонад дар вақти ҷамъоварии ҳосил як бахши азими бастабандии меваю сабзавотро ба вуҷуд орад.<br>●ба коркарди анор бояд таваҷҷӯҳи хоса дод. | ●Зиёдшавии талабот ба афшура ва дигар маҳсулоти ба ин шабеҳро интизор шудан мумкин аст, ки дар солҳои наздик ба таври номутаносиб афзоиш хоҳад ёфт. |
| Коркарди гушти мурғ | ●Махсусан имкониятҳои зиёд дар истеҳсол ва коркарди моҳи ва мурғ ба вуҷуд оварда шудаанд. | ● коркарди гӯшт бенизом ва дар андозаи кам боқи монда аст;<br>●талабот ба моҳӣ ва мурғ меафзояд. |
| Саноати шир | ●намудҳои асосии маҳсулоти ширӣ, ки арзиши иловагии баланд доранд инҳоянд: яхмос, йогуртҳои мевагӣ, панир ва қаннодӣ мебошанд. | ●истеҳсоли шири пастеризатсияшуда ба ҳар сари аҳолӣ хеле кам аст, зеро бисёре аз истеъмолкунандагон ҳоло ҳам шири тару тозаро мустақиман аз деҳқонон харидорӣ мекунанд.<br>● Афзоиши махсусан баланд метавонад бо чунин маҳсулот алоқаманд бошад бо арзиши баланди иловашуда, ба монанди панири коркардшуда ва йогуртҳои мевагӣ. |
| Ғизои равғани | Омухтани имкониятҳои истеҳсоли равғани пуркимати иловагӣ ба мақсад мувофик аст кунҷит, равғанҳои шифобахш), ки имкониятҳои калон ва фоидаи баланд доранд | То хол ин самти фаъолият дар доираи фаъолияти имрӯзаи соҳибкори сурат намегирад. |

**Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маводи «Журнал Форум предпринимателей //Хатлонская область. Инвестиционные бизнес возможности и переспективы ( Куляб, апрел 2022 г.- С.54-55.)” ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шудааст.

Таҳлилҳои ҷадвали 3.3. нишон дод, ки дар бахши хусусӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ дар ноҳияҳои вилояти Хатлон ва минтақаҳои озодии иктисодии дар ҳудуди вилоят воқеъ буда, дар ҳаҷми умумии 33, 7 млн. доллар лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳия ва барои сармоягузорони ватанию хориҷӣ пешниҳод карда шуданд. Бо назардошти он, ки хусусияти ин навъи саноат аввалан коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

**Ҷадвали 3.3.- Рӯйхати лоиҳаҳои сармоягузории дар соли 2022 аз ҷониби бахши хусусӣ дар вилояти Хатлон таҳияшуда**

| Номгӯи фаъолият | Минтақаҳои вилояти Хатлон | Арзиши умумии лоиҳа |
|---|---|---|
| «Ташкили корхонаи истехсоли кетчуп, хамираи помидор» | ноҳияҳои Кушониён ва Дӯстӣ | 1,3 млн доллар |
| "Бунёди плантатсияҳои мевагӣ (ангур, олу ва гелос)" | ноҳияҳои Муъминобод, Шаҳритус, Хуросон | 2,9 млн доллар |
| «Бунёди намудани корхонаҳои консерваи меваю сабзавот» | ноҳияҳои Данғара, Шаҳритус, Панҷ | 1,2 млн доллар |
| Бунёд намудани боғҳои интенсивии писта"дар заминҳои лалми бо усули қатрагӣ | ноҳияҳои Панҷ ва Данғара | 1,8 млн доллар |
| Бунёди боғҳои интенсивӣ барои истеҳсоли лимон» | ноҳияҳои Ҷайҳун, Ҷ.Балхӣ, Дусти | 1,2 млн доллар |
| "Бунёди иқтидорҳои истеҳсолӣ барои нигоҳдорӣ ва фурӯши меваҳои ситрусӣ (лимон), коркарди омехтаҳои витаминӣ" | ноҳияҳои Ҷайҳун, Ҷ.Балхи, Дӯстӣ | 0,8 млн доллар |
| «Бунёди корхонаҳои истеҳсолии ғизои кӯдакон дар асоси коркарди меваю сабзавот» | ноҳияҳои Муъминобод, М.С.А.Ҳамадонӣ | 2,5 млн доллар |
| Ташкили хушккунӣ меваю сабзавот ва бастабандии онҳо» | ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Дӯстӣ | 1,5 млн доллар |
| «Хушконидани меваю сабзавот, парвариш, коркард,хизматрасонии агрологӣ» | ноҳияи Ҷайҳун, МОИ «Панҷ» | 9 млн доллар |
| Ташкили паркҳои технологи ҳамчун марказҳои савдо барои хизматрасониҳои нақлиёти дар шароити ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ. | МОИ «Данғара» МОИ «Кӯлоб» | 11 млн доллар |
| Ташкили истеҳсоли зарфҳои шишагин ва шишаҳои шишагӣ" | МОИ«Данғара» | 1 млн доллар |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025

Вилояти Хатлон бинобар мавқеи ҷуғрофӣ - иқлимии мусоид, инкишоф додани сатҳи баланди истеҳсолот дар бахши меваю сабзавоткорӣ хуб ба роҳ монда шуда, парвариши помидор ва коркарди он самараовар мебошад. Дар минтақаҳои вилояти Хатлон дар бахши хусусӣ лоиҳаҳои зиёди сармоягузорӣ таҳия карда шудаанд, ки дар ҷадвали 3.3 оварда шудаанд. Аз рӯйи таҳияи ҷадвал маълум гардид, ки дар бахши хусусӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои «Ташкили корхонаи истехсоли кетчуп, хамираи помидор» дар ноҳияҳои Кушониён ва Дӯстӣ ба миқдори 1.3 млн доллари ИМА, "Бунёди банақшагири корхонаи консерваи мевагӣ (ангур, олу ва гелос)"дар ноҳияҳои Муъминобод, Шаҳритус, Хуросон, ба миқдори 2,9 млн доллар, «Бунёди намудани корхонаҳои консерваи меваю сабзавот» дар ноҳияҳои Данғара, Шаҳритус, Панҷ ба миқдори 1,2 млн доллари ИМА, «Бунёд намудани боғҳои интенсивии писта"дар заминҳои лалмӣ бо усули қатрагӣ дар ноҳияҳои Данғара ва Панҷ ба миқдори 1,8 млн доллари ИМА, Бунёди боғҳои интенсивӣ барои истеҳсоли лимон» дар ноҳияҳои Ҷайҳун, Ҷ.Балхӣ , Дӯстӣ ба миқдори 1,2 млн доллари ИМА, "Бунёди иқтидорҳои истеҳсолӣ барои нигоҳдорӣ ва фурӯши меваҳои ситрусӣ (лимон), коркарди омехтаҳои витаминӣ" ноҳияҳои Ҷайҳун,Ҷ.Балхӣ, Дӯстӣ ба миқдори 0,8 млн доллари ИМА, «Бунёди корхонаҳои истеҳсолии ғизои кӯдакон дар асоси коркарди меваю сабзавот» дар ноҳияҳои Муъминобод,М.С.А.Ҳамадонӣ ба миқдори 2,5 млн доллари ИМА, «Ташкили хушккунӣ меваю сабзавот ва бастабандии онҳо» дар ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Дӯстӣ ба миқдори 1,5 млн доллари ИМА, «Хушконидани меваю сабзавот, парвариш, коркард, хизматрасонии агрологӣ»дар ноҳияҳои Ҷайҳун, МОИ «Панҷ» ба миқдори 9 млн доллари ИМА, Ташкили паркҳои технологи ҳамчун марказҳои савдо барои хизматрасониҳои наклиёти дар шароити ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ дар МОИ «Данғара» МОИ «Кӯлоб» ба миқдори 11 млн доллари ИМА, Ташкили истеҳсоли зарфҳои шишагин ва шишаҳои шишагӣ"дар МОИ «Данғара ба миқдори 1 млн доллари ИМА сармоягузорӣ карда мешавад. Тибқи ахбори "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025" мушаххас гардид, ки таъсиси корхонаи истеҳсоли орди навъҳои аввалу

дувум ва сабуси ғалла дар навоҳии Данғара, Фархор ба миқдори 1 млн доллари ИМА, «Ташкили истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ» дар ноҳияҳои Кушониён ва Данғара 18,8 ҳазор доллар сармоягузорӣ карда мешавад.

**Ҷадвали 3.4. -Рӯйхати лоиҳаҳои сармоягузории аз ҷониби бахши хусусӣ соли 2022 дар минтақаҳои вилояти Хатлон таҳияшуда**

| Номгӯи фаъолият | Минтақаҳои вилояти Хатлон | Арзиши умумии лоиҳа |
|---|---|---|
| «Ташкили хоҷагиҳои чорводорӣ барои парвариши чорвои майда» | ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Панҷ, Фархор, Муъминобод | 100 ҳазор доллар |
| «Ташкили истеҳсоли намад» | ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Панҷ, Фархор, Муъминобод | 0.1 млн доллар |
| «Ифтитоҳи хоҷагиҳои парвариши зоти чорвои гӯштию ширӣ дар ноҳияҳои вилояти Хатлон» | ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Панҷ, Фархор, Муъминобод, Данғара | 0,6 млн доллар |
| «Ташкили нуқтаҳои коркарди аввалияи пусти чорво» | ноҳияҳоиШаҳритус, Қубодиён, Панҷ, Фархор | 0,1 млн доллар |
| «Парвариши беда(юнучқа) дар майдони 20 гектар замин барои ноҳияҳои вилоят» | ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Панҷ, Фархор, Муъминобод, Данғара | 14,2 ҳазор доллар |
| «Парвариш кардани беда(юнучқа) бо усули обёрӣ» | ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Панҷ, Фархор, Муъминобод, Данғара | 20 ҳазор доллар |
| Истеҳсоли ҳасибҳои хушмазаи гуштӣ | ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Панҷ, Фархор, Муъминобод, Данғара | 100 ҳазор доллар |
| «Ташкили истеҳсоли моҳӣ» | ноҳияҳои А. Ҷомӣ, Ҷайҳун, Дӯстӣ | 47 ҳазор доллар |
| Бунёди намудани фабрикаи мурғпарварӣ ва истеҳсоли маҳсулоти гушти мурғ ва тухм» | ноҳияҳои Ҷайҳун, Фархор, Панҷ, Қубодиён, Шаҳритус, М.С.А.Ҳамадонӣ, Ҷ.Балхӣ | 1 млн доллар |
| Истеҳсоли нуриҳои минерали дар асоси поруи парранда | ноҳияҳои Ҷайҳун, Фархор, Панҷ, Қубодиён, Шаҳритус, М.С.А.Ҳамадонӣ, Ҷ.Балхӣ | 0,4 млн доллар |
| Коркарди шир ва истеҳсоли маҳсулоти шириву равғанӣ | Ёвон, Ҷ.Балхӣ, Шаҳритус | 1,4 млн доллар |
| «Коркарди шир ва истеҳсоли панир, маҳсулоти равғанӣ» | Дӯстӣ, А.Ҷомӣ | 2 млн доллар |

**Сарчашма:** Дар асоси маълумотҳои Сарраёсати кищоварзӣ дар вилояти Хатлон ва Палатаи савдо ва саноат дар вилояти Хатлон таҳия гардида аст.

Аз рӯйи чадвали 3.4 маълум гардид, ки дар бахши хусусӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон дар ноҳияҳои бахши хусусӣ «Ташкили хоҷагиҳои чорводорӣ барои парвариши чорвои майда» дар ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Панҷ, Фархор, Муъминобод ба маблағи 100 ҳазор доллар, «Ташкили

истеҳсоли намад» дар ноҳияҳои ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Панҷ, Фархор, Муъминобод ба маблағи 0,1 млн доллари ИМА, «Ифтитоҳи хоҷагиҳои парвариши зоти чорвои гӯштию ширӣ дар ноҳияҳои вилояти Хатлон» дар ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Панҷ, Фархор, Муъминобод, Данғара ба маблағи 0,6 млн доллари ИМА, «Ташкили нуқтаҳои коркарди аввалияи пусти чорво» дар ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Панҷ, Фархор ба маблағи 0,1 млн доллари ИМА, «Парвариши беда(юнучқа) дар майдони 20 гектар замин барои ноҳияҳои вилоят» дар ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Панҷ, Фархор, Муъминобод, Данғара ба маблағи 14,2 ҳазор доллар, «Парвариш кардани беда(юнучқа) бо усули обёрӣ» дар ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Панҷ, Фархор, Муъминобод, Данғара ба маблағи 20 ҳазор доллар, «Истеҳсоли ҳасибҳои хушмазаи гуштӣ» дар ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Панҷ, Фархор, Муъминобод, Данғара ба маблағи 100 ҳазор доллар, «Ташкили истеҳсоли моҳӣ» дар ноҳияҳои А. Ҷомӣ, Ҷайҳун, Дӯстӣ ба маблағи 47 ҳазор доллар, «Бунёди намудани фабрикаи мурғпарварӣ ва истеҳсоли маҳсулоти гӯшти мурғ ва тухм» дар ноҳияҳои Ҷайҳун, Фархор, Панҷ, Қубодиён, Шаҳритус, М.С.А.Ҳамадонӣ, Ҷ.Балхӣ маблағи 1 млн доллари ИМА, «Истеҳсоли нуриҳои минералӣ дар асоси поруи парранда» дар ноҳияҳои Ҷайҳун, Фархор, Панҷ, Қубодиён, Шаҳритус, М.С.А. Ҳамадонӣ, Ҷ.Балхӣ ба маблағи 0,4 млн доллар, «Коргоҳҳои коркарди ширу маҳсулоти ширу равғанӣ» дар ноҳияҳои Ёвон, Ҷ.Балхӣ, Шаҳритус бо сармояи 1,4 млн доллар, « Коргоҳҳои коркарди шир ва маҳсулоти равғанӣ» дар ноҳияҳои Дӯстӣ, А.Ҷомӣ ба маблағи 2 млн доллари ИМА сармоягузорӣ карда мешавад. Дар ҷадвали поён аз ҷониби бахши хусусӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати сабук дар вилояти Хатлон таҳия гардидаанд. Ин бахши иқтисодиёт имрӯзҳо дар вилояти Хатлон яке аз бахшҳои муҳим ва рушдёфта ба ҳисоб меравад. Дар таҳлили ҷадвали 3.1.5 бармеояд, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз ҷониби бахши хусусӣ дар вилояти Хатлон барои «Ташкили истеҳсолоти ресандагӣ» дар ноҳияҳои Хуросон, Дӯстӣ, Кушониён, Фархор, Вахш и Шаҳритус ба маблағи 16 млн доллари ИМА, «Ташкили истеҳсоли матоъ» дар ноҳияи Фархор ба маблағи 25 млн доллари ИМА,

«Ташкил намудани кластери бофандагӣ» дар ноҳияҳои Дӯстӣ, А.Ҷомӣ, Фархор, Ёвон, Кушониён ба маблағи 36 млн доллари ИМА сармоягузориҳо ба нақша гирифта шудаанд.

**Ҷадвали 3.5. - Рӯйхати лоиҳаҳои сармоягузории аз ҷониби бахши хусусӣ соли 2022 дар минтақаҳои вилояти Хатлон таҳияшуда**

| Номгӯи фаъолият | Минтақаҳои вилояти Хатлон | Арзиши умумии лоиҳа |
|---|---|---|
| «Ташкили истехсолоти ресандагӣ» | ноҳияҳоиХуросон, Дӯстӣ, Кушониён, Фархор, Вахш и Шаҳритус | 16 млн доллар. |
| «Ташкили истехсоли матоъ» | ноҳияи Фархор | 25 млн доллар. |
| «Ташкил намудани кластери бофандагӣ» | ноҳияҳои Дӯстӣ, А.Ҷомӣ, Фархор, Ёвон, Кушониён | 36 млн доллар |
| «Сохтмони корхонаи равған бо иқтидори коркарди 800 тонна зироатҳои равғанӣ дар як сол» | ноҳияҳои Вахш, А.Ҷомӣ | 5 млн доллар |
| «Ташкили истеҳсоли газвори тиббӣ» | ноҳияҳои Дӯстӣ, А.Ҷомӣ, Фархор, Ёвон, Кушониён | 0,8 млн доллар. |
| «Ташкили истеҳсоли либосҳои бачагона» | ноҳияҳои Дӯстӣ, А.Ҷомӣ, Фархор, Ёвон, Кушониён | 1,5 млн доллар. |
| «Ташкили истеҳсоли памперсҳои кӯдакона» | ноҳияҳои Дӯстӣ, А.Ҷомӣ, Фархор, Ёвон, Кушониён | 0,6 млн доллар. |
| Ташкили кластери кирмакпарварӣ дар минтақаи Вахши вилояти Хатлон | ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён | 5 млн доллар |

**Сарчашма:**Дар асоси маълумотҳои Палатаи савдо ва саноат дар вилояти Хатлон таҳия гардида аст.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.5 маълум гардид, ки аз ҷониби бахши хусусӣ дар вилояти Хатлон «Сохтмони корхонаи равғанкашӣ бо иқтидори коркарди 800 тонна зироатҳои равғанӣ дар як сол» дар ноҳияҳои Вахш, А.Ҷомӣ ба маблағи 5 млн доллари ИМА, «Ташкили истеҳсоли газвори тиббӣ» дар ноҳияҳои Дӯстӣ, А.Ҷомӣ, Фархор, Ёвон, Кушониён ба маблағи 0,8 млн доллари ИМА, «Ташкили истеҳсоли либосҳои бачагона» дар ноҳияҳои Дӯстӣ, А.Ҷомӣ,

Фархор, Ёвон, Кушониён ба маблағи 1,5 млн доллари ИМА, «Ташкили истеҳсоли памперсҳои кӯдакона» дар ноҳияҳои Дӯстӣ, А.Ҷомӣ, Фархор, Ёвон, Кушониён ба маблағи 0,6 млн доллари ИМА, Ташкили кластери кирмакпарварӣ дар минтақаи Вахши вилояти Хатлон дар ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён ба маблағи 5 млн доллари ИМА сармоягузорӣ карда шудааст.

**Дар раванди таҳқиқоти ин зербоби мазкур мо ба чунин хулосаҳои зарурӣ омадем:**

1) Истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳо аз рӯйи шакли моликият дар вилояти Хатлон сол то сол афзоиш ёфта истодааст. Маҷмуи маҳсулоти саноати дар вилоят соли 2022 10792493,5 ҳазор сомониро ташкил дод. Аз рӯи шакли моликият истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳо дар бахши давлатӣ дар соли 2022 2010884,4 ҳазор сомонӣ, корхонаҳои муштарак 1251323,2 ҳазор сомонӣ ва дар бахши хусусӣ 5033831,7ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шуд.

2) Афзоишёбии корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Хатлон сол аз сол ба чашм мерасад,ки дар соли 2022 719 ададро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 128 адад корхона зиёд мебошад. Шумораи миёнаи солонаи кормандон дар ин корхонаҳо соли 2022 ба ҳисоби миёна 22,1 ҳаз. нафарро буданд, ки ин назар ба соли аввали таҳлил 3,7 ҳазор нафар зиёд аст.

3) Ҳамчунин, хизматрасониҳои пулакӣ дар умум соли 2022 2327025,6 ҳазор сомониро ташкил намуд, ки нисбати соли 2017 640299 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст.

4)Таҳлилҳои диаграммаи 3.3 нишон дод, ки ҳаҷми сармоягузориҳо нисбат ба МММ саҳми сармоягузориҳо нисбат ба МММ бо фоиз дар соли соли 2020 дар вилояти Хатлон афзоиш ёфтааст. Аммо тавре аз таҳлилҳои қаблӣ (ҷадвали 2.7) мебинем, ҳаҷми сармоягузориҳо дар вилояти Хатлон соли 2022 ба 73705,9 млн доллар расидааст, ки ин нишондод дар қиёс бо соли 2018 31014,6 млн доллар ё 64,5 фоиз афзоиш ёфтааст.Вале бо сабаби афзоиши МММ ҳиссаи онҳо дар ду соли охир дар диаграммаи 3.3 бетағйир мондааст.

5)Лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар вилоят аз ҷониби бахши хусусӣ барои бунёди корхонаҳои саноати дар ноҳияҳои Кушониён, Дӯсти, Данғара,

Шаҳритус, Панҷ, Муъминобод, Мир Саид Алӣ Ҳамадонӣ, таҳия гардидааст. Ҳамчунин, барои бунёди боғҳои интенсивӣ низ дар ноҳияҳои Панҷ, Данғара, Ҷайҳун, Ҷалолиддини Балхӣ, Дӯстӣ таҳия гардидаанд.

6)Бахши хусусӣ дар дар рушди иқтисодиёти соҳаҳои вилояти Хатлон имрӯзҳо хеле муҳим ва нақши назаррас дорад. Бояд гуфт,ки дар таҳлилҳои ҷадвали 3.1.3. маълум гардид, ки дар минтақаҳои вилояти Хатлон аз ҷониби бахши хусусӣ барои ташкили корхонаҳои истеҳсолии коркарди меваю сабзавот дар ноҳияҳои Данғара, Шаҳритус, Панҷ ноҳияҳои Ҷайҳун, Ҷ.Балхи, Дӯстӣ ноҳияҳои Кушониён ва Дӯстӣ, Муъминобод, Мирсаид Алӣ Ҳамадонӣ, Ҷайҳун, МОИ «Панҷ», инчунин дар ин минтақаҳои болозикр ташкили корхонаҳо барои истеҳсоли маҳсулотҳои ресандагию бофандагӣ, истеҳсоли матоъ, коркарди зироатҳои равғани,истеҳсоли либосҳои бачагона, истеҳсоли газворҳои тиббӣ, уребчаҳои кӯдакона сармоягузорӣ карда шудааст.

## 3.2. Роҳҳои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба иқтисодиёти вилояти Хатлон

Ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти ҳар як минтақа ва ё бахшҳои алоҳидаи он хеле зарур мебошад. Чунки дигар давлатҳои хориҷӣ бо мақсади рушди бахшҳои муҳимми иқтисоди минтақаҳояшон аз ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ кор гирифтаанд, ки натоиҷи мусбат ба бор овардааст. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ сол то сол афзоиш ёфта истодааст, ки дар ҷадвали зер нишон дода шудааст .

**Ҷадвали 3.6. -Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн доллар ИМА)**

| Сармоягузориҳо | Солҳо | | | | | | бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/ 2018 (-,+) | |
| Ҷалби сармояи мустақим | 326,8 | 345,9 | 162,5 | 342,2 | 618.4 | 291,6 | 89,2 |
| Дигар намуди сармоягузорӣ | 317,7 | 261,1 | 265,9 | 376,0 | 1 958.2 | 1640,5 | 5,1 маротиб |
| Сармоягузории портфелӣ | - | 0,1 | - | 0,1 | 0,2 | 0,1 | - |
| Ҳамагӣ млн. долари ИМА | 644,5 | 607 | 428,4 | 718,3 | 2 576,8 | 1932,3 | 1,9 маротиб |

**Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҳукумати ҶТ ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шудааст.

Тибқи таҳлилҳои ҷадвали 3.6 мушаххас шуд, ки ҳама навъи воридоти сармояи хориҷӣ дар солҳои 2018 644,5 млн доллари ИМА, 2019, 2020, 2021 мутаносибан ба солҳо 607,0; 428,4; 718,3; млн доллари ИМА-ро ташкил додааст. Дар соли 2022 бошад, ин воридот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 2576,8 млн доллари ИМА ташкил дод, ки ин дар қиёс бо соли 2018 1,9 млн доллари ИМА зиёд шуд.

Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 01.01.21 чунин тақсимот дорад: ш. Душанбе - 39,9 % (64,9 млн. доллари ИМА); Вилояти Суғд - 49 % ( 79,6 млн. доллари ИМА); Вилояти Хатлон -9,0 % ( 14,7 млн доллари ИМА); Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон – 1,0 % ( 1,6 млн доллари ИМА); НТҶ - 1,1 % ( 1,8 млн доллари ИМА).

**Диаграммаи 3.4.-Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн доллари ИМА)**




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сомонаи invescom. tj/tj/ sarmoya/ .

Ҳамчунин таҳлили диаграммаи 3.4. нишон дод, ки ба ба 01.01.22 дар мавриди ҷалби сармоягузорони хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақими хориҷӣ дар ҷумҳурӣ вилояти Суғд бо 182 млн доллари ИМА пешсаф аст. Мақоми дуввумро дар ин масъала шаҳри Душанбе бо 133,9 млн доллари ИМА ишғол намудааст. Ҷойҳои баъдинаро вилояти Хатлон бо 17,6 млн доллари ИМА, НТҶ бо бо 5 млн доллари ИМА ва ВМКБ бо 3,7 млн доллари ИМА ишғол намуданд.

**Ҷадвали 3.7.-Воридоти сармояи хориҷӣ аз рӯйи давлатҳо дар соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн доллари ИМА)**

| Давлатҳои сармоягузор | Сармояи мустақим | Дигар намуди сармоягузорӣ | Дар маҷмуъ |
|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии мардумии Чин | 429,8 | 33,1 | 462,9 |
| Ҷумҳурии Қазоқистон | 4,9 | 398,1 | 403,0 |
| Федератсияи Россия | 41,7 | 61,9 | 103,6 |
| Британияи Кабир | 40,3 | 21 | 61,3 |
| Иёлоти Муттаҳидаи Америка | 15,9 | 42,9 | 58,8 |
| Фаронса | 50,8 | 2,3 | 53,1 |
| Ҷопон | 3,5 | 28,6 | 32,1 |
| Дигар давлатҳо | 16,1 | 1988,3 | 2 004,4 |

**Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сомонаи invescom.tj/tj/ sarmoya/ ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шудааст.

Аз таҳлили арқоми ҷадвали 3.7 бармеояд, ки дар соли 2022 ба иқтисоди Тоҷикистон чунин давлатҳо сармоягузорӣ намуданд: ҶМЧ-462,9 млн доллари ИМА (аз ҷумла 429,8 млн доллари ИМА сармояи мустақим); Қазоқистон 4,9 млн доллари ИМА; Федератсияи Россия 103,6 млн доллари ИМА; Британияи Кабир -61,3 млн доллари ИМА (аз ҷумла 40,3 млн доллари ИМА сармояи мустақим); Иёлоти Муттаҳидаи Америка -58,8 млн доллари ИМА (аз ҷумла 15,9 млн доллари ИМА сармояи мустақим); Фаронса -53,1млн доллари ИМА; Ҷопон-32,1млн доллари ИМА; Дигар давлатҳо-2 004,4 млн доллари ИМА (аз ҷумла 16,1 млн доллари ИМА сармояи мустақим).Маълумоти ҷадвали 3.7 мавқеи давлатҳои хориҷиро дар сармоягузории иқтисоди кишвари мо нишон медиҳанд.Дар умум соли 2022 ба ҷумҳурӣ 2 576,8 млн доллари ИМА сармоягузории хориҷӣ, аз ҷумла 618.4 млн доллари ИМА сармояҳои мустақим дохил гардидааст.Ҳамзамон таҳлилҳо гувоҳӣ медиҳанд, солҳои 2007-2022 ба иқтисоди ҶТ аз 65 давлатҳо сармоя дохил шудаанд. Аз ҳама зиёд ҶМЧ - 3 млрд 252 млн доллари ИМА (29,5% ҳаҷми умумии сармояи хориҷии ба ҷумҳурӣ воридшударо ташкил медиҳад), дар ҷойи дуввум Федератсияи Русия бо 1 млрд 647,9 млн доллари ИМА (15,0 % ҳаҷми умумии сармояи хориҷии ба ҷумҳурӣ воридшударо ташкил медиҳад) меистад. Ҳамчунин, мавқеи дигар кишварҳо бо назардошти ҳиссаи онҳо дар сармоягузориҳои хориҷии кишари мо дар соли 2022 дар ҷадвали 3.8 баҳисобгирӣ ва нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 3.8. - Ҷалби умумии сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 (млн доллари ИМА )**

| Давлатҳои сармоягузор | Сармоягузориҳо дар маҷмуъ | бо % |
|---|---|---|
| Ҷумҳурии мардумии Чин | 462,9 | 17,9 |
| Федератсияи Россия | 103,6 | 4,0 |
| Британияи Кабир | 61,3 | 2,3 |
| Иёлоти Мутаҳидаи Америка | 58,8 | 2,2 |
| Қазоқистон | 403,0 | 15,6 |
| Италия | 167,2 | 6,4 |
| Люксенбург | 42,1 | 1,6 |
| Ҷумҳурии Ӯзбекистон | 32,8 | 1,2 |
| Фаронса | 53,1 | 2,0 |
| Ҷопон | 32,1 | 1,2 |

**Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сомонаи invescom.tj/tj/ sarmoya/ ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шудааст.

Таҳлилҳо ошкор месозанд, ки аз соли 2022 воридоти сармояи хориҷӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сурати зайл аст, (ҷадвали 3.9). Аз таҳлили ҷадвали 3.9. маълум гардид, ки дар буриши минтақаҳо воридшавии сармояи хориҷӣ, дар фосилаи вақти номбурда, дар таносубҳои зер нисбати ҳаҷми умумии сармояи хориҷии ба кишвар дохил шудааанд: ба вилояти Суғд -31,7 %, ба Вилояти Хатлон- 4,4%, ба ВМКБ – 0,1%, НТҶ -1,3 %, шаҳри Душанбе - 62,3%.

**Ҷадвали 3.9. - Воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли-2022 (млн доллари ИМА)**

| Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сармоягузориҳо дар маҷмуъ | бо% |
|---|---|---|
| Вилояти Суғд | 818,1 | 31,7 |
| Вилояти Хатлон | 115,9 | 4,4 |
| ВМКБ | 0,05 | 0,01 |
| НТҶ | 35,9 | 1,3 |
| ш.Душанбе | 1 606,8 | 62,3 |

**Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сомонаи invescom.tj/tj/ sarmoya/ ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шудааст

Дар мавриди таҳлили ҷадвали 3.10. маълум гардид, ки сармояи мустақими хориҷӣ дар соли 2022 дар кадом таносубҳо ба кадом соҳаҳои иқтисоди ҶТ равона гардидаанд. Масалан, 43,7 % ин гузоришҳо ба саноати истихроҷ, 13,3 % ба фаъолияти молиявӣ, 15,3 % ба саноати коркард, 5,4 % савдои яклухт ва чакана, 10,1 % ба соҳаи сохтмон, 0,4 % ба соҳаи нақлиёт ва алоқа, 0,1 % ба кишоварзӣ,0,6 % дигар соҳаҳо.

**Ҷадвали 3.10. -Ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳо дар соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. доллари ИМА)**

| Соҳаҳо | Сармояи мустақими хориҷӣ дар маҷмӯъ | бо % |
|---|---|---|
| Саноати истихроҷ | 96,7 | 43,7 |
| Фаъолияти молиявӣ | 29,4 | 13,3 |
| Саноати коркард | 33,9 | 15,3 |
| Савдои яклухт ва чакана | 12,0 | 5,4 |
| Соҳаи сохтмон | 22,3 | 10,1 |
| Соҳаи нақлиёт ва алоқа | 0,8 | 0,4 |
| Кишоварзӣ | 0,4 | 0,1 |
| Дигар соҳаҳо | 3,7 | 0,6 |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сомонаи* invescom.tj/tj/ sarmoya/ *ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шуда аст*

Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти вилояти Хатлонро мо дар диаграммаи 3.5 овардем. Аз рӯйи диаграммаи 3.5 маълум гардид, ки ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар вилояти Хатлон ба 01.01.20 ба сармоягузориҳои мустақим 10595,2 ҳазор доллари ИМА, барои дигар сармоягузориҳо 11231,2 ҳазор доллари ИМА ворид гардид. Ба 01.01.21 бошад сармоягузориҳои мустақим 14688,63 ҳазор доллари ИМА, сармоягузории ҷомадонӣ 25 ҳазор доллари ИМА, сармоягузориҳои дигар 13519,29 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод. Ба 01.01.22 ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба сармоягузориҳои мустақим ба 1089436,6 ҳазор доллари ИМА ва дигар сармоягузориҳо ба 64994,4 ҳазор доллари ИМА баробар шуд. Тибқи нишондиҳандаҳои диаграммаи ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба сармоягузориҳои ҷомадонӣ дар солҳои 2020- 2022 ба сифр баробар аст.[76]

[76] Омори солонаи Ҷумхурии Точикистон/ маҷмуаи оморӣ – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023.-Саҳ.247.

**Диаграммаи 3.5.- Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон (ҳазор доллари ИМА)**




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон/ маҷмуаи оморӣ – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023.-Саҳ.247.

Олими рус Богусловский М.М. мафҳуми “сармоягузории хориҷӣ”-ро чунин тафсир мекунад: “Сармоягузории хориҷӣ - ин гузоштани сарватҳои моддию ғайримоддии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии як давлат ба субйекти иқтисодие, ки дар ҳудуди давлати дигар ҷойгир аст ва мақсади амалӣ кардани он ба даст овардани фоида мебошад, фаҳмида мешавад.[77] Дар бораи лоиҳаҳои сармоягузорӣ имрӯзҳо аз ҷониби олимони ватанӣ андешаҳои гуногун садо медиҳанд. Олимони ватанӣ Мирсаидов А.Б. ва Убайдуллозода Г.Х. оиди лоиҳаҳои сармоягузорӣ чунин ақида доранд, ки: “Лоиҳаи сармоягузорӣ - ин лоиҳаи иқтисодиест, ки ҳадафмандии иқтисодиву иҷтимоии он асоснок шуда, ба захираҳои сармоявӣ таъмин мебошад ва бо ҳуҷҷатҳои сметавии зарурӣ, ки дар он мухлатҳову самтҳои татбиқи он ба обйектҳои мушаххас инъикос ёфтаанд, фаҳмида мешавад.)[78] Ба ақидаи мо назарияҳои болозикр комилан дуруст аст, зеро истифодабарии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёт барои ҳама саҳаҳо зарур мебошад. Ҳамчунин, яке аз олимони тоҷик А. Рауфӣ бар ин назар аст, ки дар марҳалаи гузариши Тоҷикистон ба зинаи иқтисодиёти индустриаливу аграрӣ зарурати таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории инноватсионӣ, ки рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва модели рушди иқтисодии воридотивазкунандаро таъмин менамояд, хеле муҳим

[77] Богуславский М.М. Международное частное право. – Москва: 2005 г. – с.67 (227 с.)
[78] Мирсаидов А.Б, Г.Х. Убайдуллозода Совершенствование организационного механизма инвестиционной деятельности в гидроэнергетике Таджикистана // Таджикистан и современный мир, 2022. – №1. – С. 49- 61.

мебошад[79]. Дар ин самт олим принсипҳо ва усулҳои муосири лоиҳаҳои сармоягузориро, ки ба технологияи муосири иттилоотӣ такя мекунад, пешниҳод намудааст. Яке аз принсипҳои асосӣ барои рушди фаъолияти сармоягузорӣ ин навоварӣ мебошад, ки оиди ин олими ватанӣ Файзулло М.Қ. чунин ақида дорад: “Дар раванди гузариш ба иқтисоди рақамӣ навовариҳои техникӣ метавонанд ба сифати таҳия ва татбиқи маҳсулот ва хидматҳо, равандҳои техникӣ, низомҳо, сохторҳои ташкилӣ ё моделҳои тиҷорӣ ё такмилёфтаи нав бо мақсади гирд овардани муштариён, беҳтар намудани натиҷаҳои молиявӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ дар корхонаҳои саноатӣ баромад намоянд.”[80] Иқтисодшиносон ватанӣ Тағоев Ҷ.Ҳ., Файзуллоев Т.Т. оиди лоиҳаҳои сармоягузорӣ чунин андеша доранд, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ як нақшаи ҳадафноке, ки барои мақсадҳои иқтисодӣ аз қабили ҳуҷҷатҳои харҷномавӣ(сметавӣ), таҳрезии амалиётҳои мушаххас оиди сармоягузорӣ мебошад.[81] Яке аз механизмҳои асосӣ барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ дар минтақа ин, пеш аз ҳама, бартарафсозии мушкилотҳои инфрасохторӣ дар бахши сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад, ки мо дар расми поён онро тасвир намудем.(Расми 3.1.)




***Расми 3.1.-Таъмини инфрасохтори сармоягузорӣ*** **дар рушди иқтисодиёт**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф*

---

[79] А. Рауфӣ, Т.М. Рабиева, М.Г. Холиқов. Иқтисодиёти индустриалии инноватсионӣ асоси воридотивазкунӣ / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи Таъмини маҳсулоти воридотивазкунандаи ватанӣ дар шароити рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамоҳангии кишварҳои Осиёи Миёна, 2019. – С. 118-123.

[80] Файзуллоев М.К. Совершенствование механизмов управления инновационными процессами на промышленных предприятиях Республики Таджикистан / В сборнике: Современные материалы, техника и технология. Материалы 3-й Международной научно-практической конференции.,2013. С. 341.

[81] Файзуллоев Т.Т., Тагоев Дж. Х. Сущность инвестиционных проектов и их классификация //Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: «СИНО», 2013 - № 2/5(132). - С.289-294.

Ба андешаи мо, ҷалби сармояи хориҷӣ дар манотиқи кишвар ба инфрасохтори зерини сармоягузорӣ ниёз дорад: а) таъмини неруи барқ-барои сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ бояд дар минтақа неруи барқ мавҷуд бошад, зеро бидуни он фаъолияти корхонаҳои саноатию кишоварзӣ имконнопазир аст; б) бояд минтақа бо газ таъмин карда шавад; в) барои гузаронидани фаъолияти сармоягузорӣ бояд минтақа ҳам бо оби ошомиданӣ ва ҳам бо таҷҳизоти обёрикунии соҳаи кишоварзӣ таъмин бошад; г) таъмини хизматгузориҳои алоқа дар минтақа барои фаъолияти сармоягузорӣ хеле муҳим арзёбӣ мешавад; д) таъмину азнавсозии роҳҳои нақлиёт - барои интиқоли молу маҳсулоти истеҳсолшудаи минтақа ба минтақаҳои дигар таъмину азнавсозии роҳҳои нақлиёт нақши назаррас дорад. Соҳаи кишоварзӣ яке аз бахшҳои муҳим дар вилояти Хатлон маҳсуб ёфта, истеҳсоли зироатҳои ғалла, меваю сабзавот, картошка пиёз шир, гӯшт ва ғайра истеҳсол карда мешавад. Сармоягузориҳои хориҷӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Хатлон яке аз манбаҳои асоси маҳсуб меёбад. Дар минтақаҳои вилояти Хатлон заминҳои зиёди обёришаванда барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мавҷуд аст, ки барои обёришавии ин заминҳо лоиҳаҳои зиёди сармоягузорӣ пешниҳод карда шудааст.

**Ҷадвали 3.11. - Лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо мақсади дастгирии рушди соҳаи беҳдошти замин ва обёрӣ дар вилояти Хатлон дар соли 2022**

| Номгӯи лоиҳаҳо | Манбаҳои сармоягузорӣ | Арзиши умумии лоиҳа |
|---|---|---|
| Обёрии заминҳои водии Данғара дар масоҳати 1750 га (марҳилаи 3) | Аз ҷониби Бонки Исломии Рушд (87,62%) ҳамчун қарз ва ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (12,37%) | 30,540 млн доллари ИМА |
| Таъминоти шуғли аҳолӣ барои устувории хоҷагии қишлоқ ва идоракунии захираҳои обӣ (марҳилаи 2), | Аз ҳисоби гранти Барномаи глобалии хоҷагии қишлоқ ва амнияти озуқаворӣ (60,78%) ва гранти Ассотсиатсияи Байналмиллалии Рушд (39,21%) | 57,90 млн доллари ИМА |
| Таъмини устувории ҳавзаи дарёи Панҷ ба тағйирёбии иқлим | Аз ҳисоби гранти Бонки Осиёгии Рушд (95,65 %) ва ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (4,35%) | 13,59 млн доллари ИМА |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумотҳои Агенти беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шудааст.*

Тибқи нишондодҳои ҷадвали 3.11 лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои обёрикунии заминҳои ноҳияи Данғара дар масоҳати 1750 гектар аз ҷониби Бонки исломии Рушд 87,62 фоиз ҳамчун қарз ва ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 12,37 фоиз мебошад, ки маблағи умумии лоиҳа 30,540 млн доллари ИМА-ро ташкил намуд. Лоиҳаи сармоягузории дигар барои таъминоти шуғли аҳолӣ барои устувории хоҷагии қишлоқ ва идоракунии захираҳои обӣ (марҳилаи 2) аз ҳисоби гранти Барномаи глобалии хоҷагии қишлоқ ва амнияти озуқаворӣ 60,78 фоиз ва гранти Ассотсиатсияи Байналмиллалии Рушд 39,21 фоиз ва маблағи умумии лоиҳа 57,90 млн доллари ИМА -ро ташкил дод.

**Ҷадвали 3.12.- Амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар соҳаҳои иҷтимоии вилояти Хатлон дар соли 2022**

| **Номгӯи лоиҳаҳо** | **Соҳаҳо** | **Минтақаҳо** | **Маблағи умумии лоиҳа** |
|---|---|---|---|
| Сохтмони бунгоҳҳои тиббӣ | Тандурустӣ | ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ | 2 млн сомонӣ |
| Сохтмони бунгоҳҳои тиббӣ | Тандурустӣ | ноҳияи Кушониён | 1 млн 250 ҳазор сомонӣ |
| Сохтмони биноҳои таълимӣ | Маориф | ноҳияи Кушониён | 700000 ҳазор сомонӣ |
| Сохтмони биноҳои таълимӣ | Маориф | ноҳияи Вахш | 3млн 100 ҳазор сомонӣ |
| Сохтмони бунгоҳҳои тиббӣ | Тандурустӣ | ноҳияи Восеъ | 4 млн 200 ҳазор сомонӣ |
| Сохтмони бунгоҳҳои тиббӣ | Тандурустӣ | ноҳияи Данғара | 4 млн сомонӣ |
| Сохтмони биноҳои таълимӣ | Маориф | ноҳияи Дӯстӣ | 10 млн 800 ҳазор сомонӣ |
| Сохтмони бунгоҳҳои тиббӣ | Тандурустӣ | ноҳияи Ёвон | 2 млн 100 ҳазор сомонӣ |
| Сохтмони биноҳои таълимӣ | Маориф | шаҳри Кӯлоб | 2 млн 500 ҳазор сомонӣ |
| Сохтмони бунгоҳҳои тиббӣ | Тандурустӣ | ноҳияи Қубодиён | 3 млн 500 ҳазор сомонӣ |
| Сохтмони биноҳои таълимӣ | Маориф | ноҳияи Муъминобод | 4 млн 700 ҳазор сомонӣ |

***Сарчашма:*** *Дар асоси Барномаи минтақавӣ оид ба амалисозии лоиҳаҳои давлатии сармоягузории аҳамияти иҷтимоидошта баҳри рушди устувори ҷамоаҳои маҳаллӣ барои солҳои 2018-2022 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шуда аст*

Лоиҳаи сармоягузории таъмини устувории ҳавзаи дарёи Панҷ ба тағйирёбии иқлим аз ҳисоби гранти Бонки Осиёгии Рушд 95,65 фоиз ва ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 4,35 фоизро ташкил намуд. Аз нишондоди

ҷадвал муайян карда шуд, ки аз ҳама маблағи бештар аз ҳисоби гранти Барномаи глобалии хоҷагии қишлоқ ва амнияти озуқаворӣ ва гранти Ассотсиатсияи Байналмиллалии Рушд, ки дар якҷояги 57,90 млн доллари ИМА-ро ташкил мекунад, ба ҳисоб меравад.

Соҳаҳои иҷтимоӣ дар қатори соҳаҳои иқтисодӣ яке аз соҳаҳои муҳим дар вилояти Хатлон баҳисоб меравад, ки лоиҳаҳои бештари сармоягузории давлатӣ дар ин соҳа амалӣ гардидаанд.Аз нишондодҳои ҷадвали 3.12 муайян карда шуд, ки лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар соҳаи иҷтимоии вилояти Хатлон аз ҳама бештар дар соҳаи маорифи ноҳияи Дӯстӣ вилояти Хатлон ба маблағи 10 млн 800 ҳазор доллари ИМА сармоягузорӣ гардидааст.Дар бисёр аз адабиётҳои иқтисодӣ сармояро ҳамчун омили асосии иқтисодӣ шарҳ медиҳанд. Аммо ин гуфтаҳо дуруст мебошад, зеро бе сармояи асосӣ ва гардон фаъолияти сармоягузориро оғоз намудан ғайриимкон аст. Ба сармояи асосӣ ҳамон дастгоҳу таҷҳизотҳое дохил мешавад, ки дар раванди истеҳсолот истифода шуда, маҳсулноки меҳнати инсонро баланд мебардоранд. Сармояи молиявӣ бошад, тамоми маблағҳо ва қоғазҳои қиматноке, ки дар оғози фаъолияти истеҳсолот истифода бурда мешавад.[82] Дар рушди иқтисодиёти мамлакат ва махсусан минтақаҳои он шарои мусоид барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ фароҳам оварда шуда аст, ки аз ҷумла панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ, мавҷуд будани қувваи кории арзон ва ғайра мебошад. Далели нокифоя будан ва боздории ҷалби сармояи хориҷӣ дар кишвар ва манотиқи он имрӯз - ин муҳити институтсионалист, ки ба танзими давлатӣ марбут аст ва он ҳолати сиёсиву муҳити ҳуқуқӣ арзёбӣ мешавад.

Дар шароити кунунӣ бо мақсади таъмини мувозанаи макроиқтисодиёт метавон фаъолиятро танҳо ба афзудани андозаи воруди сармояҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди ватанӣ не, балки бояд ба тақсимоти босамару ҳадафноки сармояи ҷалбшуда низ равона кард. Агар таҷрибаи кишварҳои баррасишударо

---

[82] Искандаров О.А., Саъдуллозода Н. Муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танзимнамоии он дар шароити ҷаҳонишавӣ//Тоҷикистон: иқтисод ва идора. - 2020. - № 2. - С. 17-124.

асос гирем, пай мебарем, ки воридоти фаъоли сармояи мустақими хориҷӣ нафақат ба авомили беруна, балки ба омилҳои дохилӣ низ иртибот дорад. Дар чунин кишварҳои пешрафта барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ заминаҳои мусоид фароҳам омадааст ва имкон дорад, ки сармояи хориҷӣ бештар ҷалб карда шавад. Илова бар ин имрӯзҳо барои ҷалби бештари сармоягузорони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он боз ҳам мушкилотҳои зиёде мавҷуд мебошанд,ки таъсири манфии худро дар ин самт мерасонанд.Ҳамчунин як паҳлӯи дигарро набояд фаромӯш кард, ки сармоягузорони хориҷӣ аввалан ба ин самт диққати ҷидӣ дода, баъдан сармоягузории худро ба роҳ мемонанд.Барои фаъолияти сармоягузорони дохилию хориҷӣ имрӯзҳо чунин мушкилотҳо вуҷуд дорад, ки мо дар расми 3.2 онҳоро нишон додем.




**Расми 3.2. –Мушкилотҳои ҷалби сармоягузорони хориҷию дохилӣ дар вилоят**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Барои ҷалби намудани сармоягузориҳои хориҷӣ имрӯзҳо чунин мушкилотҳо мавҷуд мебошад: рушди сусти инфрасохтори сармоягузорӣ (инфрасохтори бонкӣ, ахборотию таҳлилӣ, маслиҳатӣ) ва ғ.; пешрафт накардани механизмҳои кумаки молиявию қарзӣ ва бимаи хатарҳои соҳибкорӣ, номувозинатӣ дар бозори асъор ва равишҳои беқурбшавӣ; монеаҳои маъмурӣ дар пешравии фаъолияти соҳибкорӣ; то ба ҳол вуҷуд надоштани механизмҳои худсармоягузорӣ (иттиҳодияҳои қарздиҳӣ, ҷамъиятҳои бимавии муштарак ва ғ.); таъсири вазъи сиёсии баъзе кишварҳо –аз сабаби вазъи сиёсии баъзе кишварҳо барои сармоягузорони хориҷӣ ин ҳолат мушкилотҳои зиёдро ба вуҷуд меорад; нопурра будани ҳавасмандгардониҳои андозӣ, ичунин мушкилотҳо ва норасогиҳо дар механизмҳои таъмини ҳуқуқҳои молу мулкӣ; дурдаст будани бозорҳои калони ҷаҳонии истеъмолӣ аз бозори дохилӣ дар соҳаи тиҷорат ва монеаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ ҳангоми воридот ва содирот дар соҳаи тиҷорат; Манбаҳои сармоягузорӣ барои механизми дастгирии молиявии таъмини сармоягузории рушди иқтисодии вилояти Хатлон чунин гурӯҳбандӣ карда мешаванд:

1) Манбаҳо молиявӣ дар сатҳи вилоят (даромадҳои худӣ аз ҳисоби буҷети вилоят, воситаи фондҳои мақсадноки давлатӣ, воситаҳои махсуси муассисаҳои буҷетӣ, сармоягузории минтақавӣ, даромадҳо аз амалиётҳо бо арзҳои хориҷӣ ва тиҷорати берунӣ); 2) Манбаҳои молиявӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ (буҷаи давлат, андозҳои давлатӣ, маблағгузориҳои давлатӣ, трансфертҳои буҷавӣ (дотатсия, субвенсия), қарзи давлатӣ, маблағгузорӣ аз захираҳои ҳадафноки давлатӣ); 3)Манбаҳои молиявӣ аз ҳисоби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ (ёрии техникӣ ва грантҳо, сармоягузории хориҷӣ, қарзи давлатии хориҷӣ, таъсиси корхонаҳои муштарак, ёрии фондҳои башардӯстона, қарзҳои маҳаллӣ).

Аз рӯйи таҳлилҳои дар боло овардашуда мо ба чунин хулосаи зарурӣ омадем, ки барои ҳарчӣ бештар ҷалб намудани сармоягузориҳои хориҷӣ боз чунин роҳҳои ҳал зарур аст:

▪барои зиёдтар ворид гардидани сармояи хориҷӣ ин, пеш аз ҳама, аз низоми мавҷудбудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”

мебошад, ки меъёри ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ дар қаламравӣ кишвар ба танзим медарорад, вобастагии зиёд дорад. Барои зиёдтар ворид гардидани сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти миллии мамлакат ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки Қонуни зикргардида такмил дода шавад, қонунгузории бахши зикршуда дар ҶТ ба стандартҳои мавҷудаи ҷаҳонӣ дар самти кори сармоягузорӣ таъмин карда шавад;

▪омили муҳимтарин барои сармоягузорӣ ин манбаҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад. Айни замон бо далели ҷой доштани каср дар буҷети ҷумҳурӣ моро зарур аст, ки аз сарчашмаҳои дохилии молиякунонии сармоягузориҳо (даромади хоҷагиҳо ва корхонаҳо, фонди истеҳлок, қарзҳо ва дигар манбаъҳои ватанию ҷалбшудаи хориҷӣ), ки дар сармоягузории иқтисоди кишвар ва минтақаҳои он ба таври лозим корбурд намешаванд, истифода кунем;

▪бо мақсади таъмини ҷойҳои нави кор, комил кардани буҷаи давлатӣ, истеҳсол ва ба бозор баровардани молҳои арзон ҳамчун яке аз усулҳои хоси ҷалби сармояи хориҷӣ ташкил кардани КМ.

▪номукаммалии фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок. Фурӯши коғазҳои қиматнок барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба корхонаҳои ватанӣ, инчунин истеҳсол ва содирот намудани он ба хориҷӣ кишвар мусоидат мекунад;

▪дар сохтори бонкии мамлакат тағйиротҳои зарурӣ ворид кардан зарур аст зеро, ки сатҳи боварии аҳолӣ ба фаъолияти бонкҳо баланд гардад.Бояд зикр намуд, ки таъмини фаъолияти сармоягузорӣ аз фаъолияти бонкҳо низ вобастагии зиёд дорад.

Барои ҷалби сармоягузорони хориҷию ватанӣ мувофиқи моддаи 189 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми сармоягузорӣ намудан чунин имтиёзҳои андозӣ пешбинӣ карда шудааст:

▪ агар ҳаҷми сармоягузориҳо беш аз 200 ҳазор доллари ИМА то 500 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил кунад, дар ин маврид ба муҳлати 2 сол аз баъзе пардохтҳои андозӣ озод карда мешаванд;

▪агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 500 ҳазор доллари ИМА то 2 млн доллари ИМА -ро ташкил кунад, дар ин маврил ба муҳлати 3 сол аз баъзе пардохтҳои андозӣ озод карда мешаванд;

▪агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 2 млн доллари ИМА то 5 млн доллари ИМА -ро ташкил кунад, дар ин маврил ба муҳлати 4 сол аз баъзе пардохтҳои андозӣ озод карда мешаванд;

▪агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 5 млн доллари ИМА бошад, дар ин маврил ба муҳлати 5 сол аз баъзе пардохтҳои андозӣ озод карда мешаванд;

▪даромадҳои аз фаъолияти сайёҳӣ бадастомада дар давоми 5 сол аз санаи бақайдгирии давлатӣ дар сурати мавҷудияти иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти сайёҳӣ. Барои сармоягузорӣ намудан дар вилоят бояд, пеш аз ҳама, ба соҳаҳои афзалиятноки минтақа аҳамияти бештар дод, зеро рушд намудани иқтисодиёти минтақа аз ин бахшҳои муҳим вобастагии зиёд дорад.[83]

Дар расми 3.3 соҳаҳои афзалиятноки минтақа нишон дода шудааст.




**Расми 3.3.- Сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди соҳаҳои афзалиятноки минтақа**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Соҳаҳои кишоварзӣ,саноат (аз ҷумла саноати истихроҷ ва коркард) барои сармоягузории хориҷӣ дар пешрафти иқтисоди вилоят бартарият доранд ва ба онҳо ҷалби сармоягузории хориҷӣ зарур мебошад. Бахши сайёҳӣ яке аз бахшҳои фоидаовар дар минтақа маҳсуб ёфта, барои рушд додани ин бахш дар минтақа ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

[83] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.01.2022, моддаи 189.

**Ҷадвали 3.13-Ҷадвали SWOT-таҳлили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ дар вилояти Хатлон**

| Тарафҳои қавӣ ((Strength) | Тарафҳои заиф (Weaknesses) |
|---|---|
| • Боло бурдани сатҳи ҷолибияти вилоят нисбат ба сармоягузорон ва фароҳам сохтани фазои хуби сармоягузорӣ;<br>• Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар вилоят ва ба ин васила ҷалб намудани сармояи хориҷӣ;<br>• Муҳайё будани муқаррароти қонунгузорӣ ба сармоягузорон:<br>• Имтиёзҳои адозӣ ба сармоягузорон;<br>• Рақобат дар байни филиалҳои бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати беҳтар шудани вазъи молиявии сармоягӯзорон:<br>Амалӣ сохтани лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо ворид намудани технологияҳои муосири пешрафта ва боло бурдани тавоноии содиротии вилоят). | • Зиёд будани дарсадии қарзҳои бонкӣ ва кам будани муҳлати истифода ва бозпас додани онҳо;)<br>• Маҳдуд будани манбаъҳои иловагии (ғайрибуҷавии) маблағгузории дарозмуҳлат дар вилоят;<br>• Комил набудани механизмҳои молиявию қарзӣ, фароҳам набудани заминаи бонкӣ ва бимаи хатари соҳибкории хурд;)<br>• Дар сатҳи лозим қарор надоштани механизмҳои кумаки давлатӣ барои соҳибкорони сармоягузор дар доираи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят)<br>• Дар дараҷаи паст қарор доштани сатҳи таҷриба, дониш ва малакаи тарҳрезии тиҷорат, идоракунӣ ва бозоршиносии соҳибкорон). |
| **Имкониятҳо (Opportunities)** | **Хатарҳо (Threats)** |
| • Зиёд кардани маблағгузорӣ аз тарафи давлат ба соҳибкорӣ, аз ҷумла ба соҳибкории занҳо;)<br>• Дастгирӣ ёфтани имконоти нави сармоягузорӣ дар занҷири арзиши иловашудаи агротиҷорат;<br>• Маҳдуд карда шудани монеаҳои маъмурӣ ва кам кардани санҷишҳои зиёд бо мақсади пешрафти бизнеси хурду миёна;<br>• Дар КАС, аз ҷумла СКМК вилоятро бо роҳи беҳсозии иқлими сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ самаранок ба роҳ мондан лозим аст;<br>• Соҳибкорони сармоягузореро, ки дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ коркарди маҳсулотро ташкил кардаанд, ҳавасманд намудан;<br>• Дастрасии соҳибкоронро ба маблаггузорӣ ба воситаи гирифтани қарзи кутоҳмуҳлат ва дарозмуҳлат фароҳам овардан.<br>• Зиёд кардани самаранокии иҷрои лоиҳаҳое, ки ба воситаи давлат ва сектори хусусӣ сармоягузорӣ мешаванд. | • Зиёд кардани самаранокии иҷрои лоиҳаҳое, ки ба воситаи давлат ва сектори хусусӣ сармоягузорӣ мешаванд;)<br>• Комил набудани механизми ҳамкории давлат ва сектори хусусӣ дар иҷрои лоиҳаҳои инфрасохторӣ;<br>• Ноустувории фаъолияти бизнес нақшаҳо ҳангоми пешниҳоди лоиҳаи сармоягузорӣ ба донорҳо;<br>• Набудани нақшаҳои стратегии мушаххаси дар самти лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар рушди иқтисоди вилоят;<br>• Таъмини амнияти сарҳадӣ дар кори сармоягузорон;<br>• Асари таваррум ба фаъолияти сармоягузорӣ;<br>• Ба ниёзи сармоягузорон ҷавобгӯ набудани инфрасохтор;<br>• Кифоя набудани имтиёзот барои сармоягузорон;<br>• Зиёд кардани самаранокии иҷрои лоиҳаҳое, ки ба воситаи давлат ва сектори хусусӣ сармоягузорӣ мешаванд;<br>• Комил набудани механизми ҳамкории давлат ва сектори хусусӣ дар иҷрои лоиҳаҳои инфрасохторӣ. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар рушди иқтисодиёти вилоят барои беҳтар намудани механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо омилҳои зиёде мавҷуд аст, ки онҳо бар равнақи иқтисодиёти вилояти Хатлон ҳам таъсири мусбӣ ва ҳам таъсири манфӣ дорад, ки мо онро тариқи ҷадвали таҳлилии SWOT баррасӣ кардем. Бояд ёдовар шуд, ки дар «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030» моҳият ва аҳамияти сармоягузориҳо барои тараққиёти иқтисоди миллӣ ва босуръати баланд афзоишёбии соҳаи саноат, аграрӣ, молиявӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар сатҳи болои истеҳсолӣ, дастрасӣ ба бозорҳои нави содиротӣ дар ду марҳила муайян гардидааст. Марҳилаи аввали «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030» гузаштан ба амсилаи ҷадиди рушди иқтисодӣ барои солҳои 2016-2020 мебошад, ки вазифаи он ба пешравии истеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридот ва омода ба содирот ва сармоягузориҳо асос ёфтааст. Амсилаи мазкур барои механизмҳои самараноки институтсионалӣ, барои таҳкими ислоҳот дар омода кардани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ, ба бахши воқеии иқтисод ва инфрасохтор ҷалб кардани сармояҳо имкон фароҳам меоварад. Ин амсила сабаби тараққӣ ёфтани соҳаҳои саноату кишоварзӣ мегардад, коргоҳхо нав ташкил мешаванд, корхонаҳои ватанӣ бозорҳои нави фурӯш мебароянд, ки дар маҷмуъ шуғли аҳолии кишвар пурратар ва пурмаҳсултар гардида, сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ коҳиш меёбад.

Марҳилаи дуввум – фосилаи солҳои 2021-2025-ро фарогир буда, давраи рушди босуръат ва ба сармоягузориҳо асосёфта маҳсуб меёбад. Амалишавии самараноки ин марҳилаи ба иҷоиши марҳилаи аввал робитаи бевосита дорад. Яъне аз раванди иҷрои "Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" бармеояд. Зеро маҳз афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо дар соҳаҳои воқеӣ ва зерсохтор чун пояи асосӣ дар пешрафти иқтисод мегардад. Ҳаҷми сармоягузориҳо тавассути ҷалби сармояҳои мустақими хориҷӣ ва маблағҳои пасандози дохилӣ меафзояд.

Ин нишондиҳанда ҳангоми баланд гардидани сатҳи рақобатпазирӣ ва ҷолибияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёт, устувор гардидани сатҳи

макроиқтисодӣ, инчунин рушди самаранокро дар бахши молиявӣ ба вуҷуд меорад.Тарафи дигари мусбат ин марҳилаи татбиқи стратегияи амнияти энергетикӣ маҳсуб шуда, мақсад аз он расидан ба пешрафти бемайлони соҳаи энергетикаи мамлакат дар асоси болоравии ниёзи аҳолӣ ва иқтисод ба захоири энергетикӣ мебошад. Оид ба шуғли пурмаҳсул дар СМТ ҶТ барои давраи то соли 2030 чунин оварда шудааст, ки "... ба афзоишёбии истеъмолот, пасандозҳо ва сармоягузориҳо мусоидат карда, дар соли 2030 шумораи аҳолии қобили меҳнат ба 6,8 млн. нафар мерасад. Бояд дар соли 2030 то 70 фисад шумораи умумии аҳолии ба шуғл машғулбуда афзоиш ёбад".[84]

Яке аз созмонҳои байналмилалии молиявӣ - ин Бонки Ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад, ки аз давраи ба истиқлол расидани Тоҷикистон то имрӯз зиёда аз 110 лоиҳаро дар риштаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар ба маблағи умумии 2,3 млрд. доллари ИМА дар шакли грантҳо, қарзҳои имтиёзнок ҷудо намуда, қисми зиёди он ба ба рушди соҳаҳои вилояти Хатлон низ равона гардидааст. Дар вилояти Хатлон айни ҳол 14 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ бо дастгирии Бонки Ҷаҳони мавриди амал қарор гирифта, маблағи аз худшудаи он 260 млн доллари ИМА-ро ташкил мекунад.Дар вилояти Хатлон имрӯзҳо норасогии оби нӯшокӣ ба чашм мерасад, ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ дар ин самт 59 млн доллари ИМА ҷудо карда шуда аст. Лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои обтаъминкуни ва беҳдошт дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз ҷумла ноҳияи Дӯстӣ, ноҳияи Ҷайҳун, ноҳияи Левакант, ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, ноҳияи Восеъ, ноҳияи Вахш, ноҳияи Кушониён амали карда шудааст. Дар амалия сармоягузории хориҷӣ бояд ба чунин самтҳои рушди иқтисодиёти соҳаҳои манотиқи кишвар ҷалб гарданд:

- ба роҳ мондани истеҳсолоти ҷадид, корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти хоҷагии халқ;
- рушди бахши туризми минтақа ва дигар намудҳои шуғли аҳолӣ;
- коркарди канданиҳои фоиданок (ҳама навъи филиззот, газ, нефт ва ғ.

[84] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016. Саҳ. 21, 23, 77.

Барои коркарди канданиҳои фоиданок бунёди корхонаҳои муштарак дар ҳамон минтақае лозим меояд, ки дар он ҷо канданиҳои фоиданок бештар мавҷуд мебошад. Пеш аз ҳама, дар фаъолияти корхонаи муштарак хароҷотҳои истеҳсолии он ба назар гирифта мешавад.Чӣ гунае, ки М.З. Ҳасанова дар ин маврид қайд мекунад ва мо низ ба фикри ин муҳаққиқ розӣ ҳастем, барои бунёду фаъолияти корхонаҳои муштарак дар мамлакат имтиёзҳои зиёди андозӣ барои замин ва захираҳои табиӣ муайян гардидааст.[85]

Раванди таҳқиқоти зербоби 3.2.2.-ро мо ба хулосаҳои зерин натиҷагирӣ намудем:

1) Ҷалби сармояи хориҷӣ ба ҶТ дар соли охири таҳлил 2 576,8 млн. доллари ИМА буда, 618.4 млн доллари он сармояи мустақим ва 1958.2 млн доллари онро дигар навъи сармоягузориҳо ташкил доданд. Ҳамзамон бояд гуфт, ки ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ аз ҷониби кишварҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин, Руссия, Британияи Кабир, ИМА, Қазоқистон, Филипин, Люксенбург, Эрон, Арабистони Сауди, Аврия, Озарбойҷон, Кипр, Туркия, Аморати Мутаҳидаи Араб, Швейцария, Олмон, Фаронса сармоягузорӣ гардидааст;

2) Сармоягузориҳои хориҷӣ дар вилояти Хатлон низ рӯ ба афзоиш дошта, дар вилоят сармоягузориҳои мустақим дар ҳаҷми 1089436,6 млн. доллари ИМА ва сармоягузориҳои дигар дар ҳаҷми 64994,4 млн. доллари ИМА мебошад. Барои боз ҳам зиёд гардидани сармоягузорӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон имрӯзҳо бартарафсозии мушкилотҳои инфрасохтори зарур мебошад. Аз ҷониби кишварҳои болозикр ва дигар созмонҳои байналхалқии молиявӣ соли 2021 воридоти сармояи мустақим дар минтақаҳои мамлакат аз ҷумла: дар НТҶ 5 млн доллар, ВМКБ - 3,7 млн, вилояти Хатлон - 17,6 млн, вилояти Суғд - 182 млн ва шаҳри Душанбе - 133,9 млн доллари ИМА-ро ташкил дод;

---

[85] М.З. Ҳасанова Самтҳои асосии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ //Маводи конференсияи Ҷумҳуривии илмию амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон»,18- ноябри соли 2022.–ш.Душанбе,-саҳ. 328-329.

3) Соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Хатлон яке аз соҳаҳои муҳим ва афалиятнок маҳсуб меёбад.Лоиҳаи обёрикунии заминҳои кишоварзии ноҳияи Данғара дар масоҳати 1750 гектар аз ҷониби Бонки Исломии Рушд бо сармояи 30,540 млн доллари ИМА маблағгузорӣ гардид. Дигар лоиҳаи сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон таъминоти шуғли аҳолӣ барои суботи кишоварзӣ ва идораи захираҳои обӣ (марҳилаи 2) аз ҳисоби гранти "Барномаи глобалии хоҷагии қишлоқ ва амнияти озуқаворӣ ба маблағи 57,90 млн доллари ИМА, лоиҳаи "Таъмини устувории ҳавзаи дарёи Панҷ ва таъғирёбии иқлим аз ҳисоби гранти Бонки Осиёгии Рушд ба маблағи 13,59 млн доллари ИМА сармоягузорӣ гардид. Соҳаҳои иҷтимоӣ дар вилояти Хатлон яке аз соҳаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ амалӣ гардида истодаанд;

4) Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои сармоягузорони дохилию хориҷӣ имрӯзҳо имтиёзҳои андозӣ муайян гардидааст.Соҳаҳои бартариятноки гузориши сармоя дар вилояти Хатлон кишоварзӣ, саноат, коркарди канданиҳои фоиданок ва хизматрасониҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравaнд;

5) Имрӯзҳо яке аз созмонҳои бонуфузи байналхалқии молиявӣ ин Бонки Умумиҷаҳонӣ маҳсуб меёбад, ки то ҳол бештар аз 110 лоиҳаҳои сармоягузориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи умумии 2,3 млрд доллари ИМА ҳамчун дар шакли грант барои рушди соҳаҳои мухталифи кишвар ҷудо намудааст. Аз ҷумла барои рушди соҳаҳои вилояти Хатлон низ 14 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ бо дастгирии Бонки Умумиҷаҳонӣ ба маблағи 260 млн доллари ИМА дар шакли грант ҷудо гардида, сармоягузорӣ шудааст.

## 3.3. Тарҳрезии модули дурнамои механизми таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон

Дар аксари кишварҳои ҷаҳон бино бар коҳиш ёфтани рушди иқтисодашон аз фазои сармоягузорӣ чун василаи суръатбахшӣ ба пешрафти иқтисод ва боло бурдани кайфияти он истифода мекунанд. Аз ин ҷиҳат кишвар дар чунин

шароит ҳамчун субйекти ташкилдиҳандаи фазои сармоягузорӣ зуҳур мекунад. Бо дарназардошти ин, мо ба андешаи муҳаққиқони варзидаи ин мавзуъ В. А Розиқов,Ш, М Раҳимов ва С.Р Сафаров розӣ ҳастем, ки тарафдори идомадиҳии иқдомҳои Ҳукумати кишвар аз қабили тағйиротҳои институтсионалӣ дар бахши беҳтаргардонии иқлими сармоягузорӣ тибқи мустаҳкамсозии заминаҳои ҳуқуқӣ, таҳкими системаи иҷроиши қарордодҳо ва идораи муносибатҳои корпоративӣ ва ҳуқуқҳои амвол, аз байн бурдани таъсироти барзиёди маъмурӣ ба мақсади рушди истифодаи неруҳои сармоягузорӣ ва паст кардани таваккали сармоягузорӣ ҳастанд”.[86]

Як нуқтаи асосиро қайд намудан бамаврид мебошад, ки фазои сармоягузорӣ ба тамоюли сармояи хориҷӣ фишори сахте меорад. Фазои сармоягузорӣ чун комплекси шароити иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ шинохта мешавад, ки муносибати давлатро нисбат ба сармоягузориҳои хориҷӣ муайян мекунанд. Дар робита ба ин мавзуъ иқтисодшинос Бархатов В. И. таъкид мекунад,ки дар чунин ҳолат арзиши фазои сармоягузорӣ бо ҷалби сармоягузорӣ ҳамроҳ мешавад, ки ин воқеӣ нест, зеро хавфҳои сармоягузорие сарфи назар карда мешаванд, ки кадоме дар ҳама ҳолат фазои сармоягузориро муайян мекунанд.[87]

Ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ аз бартариҳои асосӣ дар сиёсати иқтисодии мамлакат ба шумор меравад. Бисёр аз вазифаҳо дар “Стратегияи миллии рушд барои то соли 2030” оид ба беҳтар намудани ҷалби сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Дар “Барномаи миёнамуҳлати рушд 2021-2025” фаъолияти нахустин, ки барои ҳалли онҳо ҳатмист, ошкор ва муайян карда шудааст. Дар ҷалб кардани сармоягузорони хориҷию дохилӣ таҷрибаи кишварҳое, ки натиҷаи бештарро соҳиб гардиданд ва тадбирҳои зерине, ки дар “Стратегияи миллии рушд барои то соли 2030” муайян шудааст, ба кор бурда шудааст: агар системаи самараноки ҳамоҳангии лоиҳаҳои

---

[86] В. А Розиқов, Ш, М Раҳимов, С.Р Сафаров. Инвестиционная политика РТ и основные направления ее активизации»-Душанбе: «Сарпараст», 2001. С .89- 98.
[87] Бархатов В. И. Транснациональные корпорации в условиях глобализации экономики: монография / В. И. Бархатов, Н. И. Кондратьев. – Челябинск, 2006. С.28

сармоягузорӣ такмил ва дастгирӣ шавад, метавонад ба ҷалби муваффақонаи сармоягузориҳо ёрӣ расонад. Он бояд ба сармоягузорон системаи «долони сабз»-ро дар тамоми зинаҳои таҳия ва амалисозии лоиҳаҳо таъмин намояд ва бо ин ҳамкории муштараки онҳоро бо давлат ба воситаи механизми «равзанаи ягона» осон намояд. Имрӯзҳо дар қитъаҳои олам воридот ва сармоягузориҳои ҷалби хориҷӣ ба таври гуногун арзёбӣ карда мешавад. Ҳамчунин маълум гардид, ки пастшавии воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар минтақаҳои рӯ ба тараққӣ нобаробар буд: -45% дар Америкои Лотинӣ ва ҳавзаи Кариб ва -16% дар Африқо. Ва баръакс, воридот ба Осиё 4% афзоиш ёфта, минтақаро дар соли 2020 ба нисфи сармоягузориҳои мустақими ҷаҳонӣ расонд. Пандемия сармоягузориҳои мустақимро дар кишварҳое, ки иқтисодиёти аз ҷиҳати сохтор заиф ва осебпазир доранд, боз ҳам коҳиш дод. Дар ҳоле ки воридоти мустақими сармоягузориҳои хориҷӣ дар кишварҳои сусттараққикарда мӯътадил боқӣ мондааст, шумораи корхонаҳои навтаъсис (стартап) ду баробар ва шумораи муомилоти байналмилалии маблағгузории лоиҳаҳо сеяк кам карда шуд. Маблағи мустақими сармоягузориҳои хориҷӣ низ дар давлатҳои хурди рӯ ба инкишоф 40% ва кишварҳои бидуни дорои баромад ба баҳр 31% коҳиш ёфт. Дар Аврупо воридоти мустақими сармоягузориҳои хориҷӣ 80 фоиз коҳиш ёфт, дар ҳоле ки дар Америкои Шимолӣ ин коҳиш чандон шаддид набуд (42%). ИМА бузургтарин ҷалбкунандаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ боқӣ мондааст.[88]

Тавре иқтисоддони рус Чернев Д.С. баён мекунад, ба фазои сармоягузорӣ дар кишвар ҳолатҳои зайл таъсир расонда метавонанд: меъёрҳои бозтамвил, қарзҳои хориҷӣ ва дохилӣ, бесуботии сиёсӣ дар давлат, ноустувории иҷтимоӣ, таварруми назаррас, набудани буҷа, хароҷоти зиёд, ақибмонии қонунҳо.[89] Масалан, таваҷҷуҳи сармоягузорро дар мамлакат чунин омилҳо, аз қабили

---

[88] Кишваров М. Ҷ., Қодирова Ш. А., Тамоюлҳои муосири сармоягузории хориҷӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ/Маводи Конф. илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Муаммоҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ дар шароити муосири ҷумҳурии тоҷикистон» (18.11.22., ДМТ). -Душанбе, 2022. - С.255.

[89] Чернев Д.С. Формирование региональной привлекательности инвестиций: дис. …канд. экон. наук: 08.00.05. – г.Новгород, 2003. – С. 63 (227 с.).

захоири гаронбаҳои табиӣ, бозори калони дохилӣ ва имкони ширкати сармоягузорони хориҷӣ дар хусусигардонии вазъияти иқтисоди миллӣ, кадрҳои нисбатан болаёқат ва арзонкор, ки ба таври фаврӣ усулҳои ҳозираи корбариро арзёбӣ карда тавонанд, ҷалб мекунанд. Набудани системаи илман асоснокшудаи иқтисодӣ ва иҷтимоии рифоҳи давлат, ноустувории ҳуқуқӣ, қонунгузории бенатиҷа, сатҳи баланди беқурбшавӣ, ноустувории асъори давлатӣ, сатҳи поини рушди инфрасохтор, сатҳи болои ҷинояткорӣ ва фасод, бюрократикунонии давлат ба фазои сармоягузорӣ таъсири манфӣ хоҳанд расонид.

Иқтисоддони дигари рус Груднина Е.В. дуруст қайд мекунад, ки ҳама навъи хатарҳои сармоягузорӣ (молиявӣ, муҳитизистӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, саноатӣ), ки ба ҳар як давлат хосанд ва ба раванди сармоя таъсир мерасонанд, аҳаммияти аз ҳама муҳим доранд. Бояд таъкид кард, ки нақши муҳимтаринро дар ташкили фазои сармоягузорӣ таъсири мақомоти идоракунии давлатӣ ва сиёсат мебозад. Бо вуҷуди ин, силсилаи омилҳо (масалан, ҷуғрофӣ) ба маъмурияти давлатӣ дучор намеоянд, аз онҳо бештар кафолати ҳуқуқи моликият, равишҳо ба танзими миллӣ ва андозбандӣ (чи дар дохили кишвар ва чи берун аз он амалӣ мешаванд), равандҳои нисбатан фарохи муқарраркунандаи сифати танзими миллӣ, масалан, дараҷаи фасод, илова бар ин, ташкили инфрасохтор, таъсир ба бозорҳои молиявӣ ва бозори меҳнат талаб карда мешавад.[90]

Ҳамзамон Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд, барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ омодаи ҳамаҷониба бошад, чунки мақсади асосии сармоягузорон ин ба даст овардани фоидаи мувофиқ ва ишғол намудани бозорҳои миллӣ ва ноҳиявӣ мебошад. Сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон бештар фоидаовар мебошад, зеро ин минтақаҳо барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ иқлими мусоид доранд. Дар соҳаи кишоварзӣ боғдорӣ яке аз бахшҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

---

[90] Груднина Е.В. Учет, налогообложение и контроль инвестиционной деятельности: монография. – Шахты: Изд-во ЮРГУЭС, 2005. – С.5 (142 с.).

Бояд ёдовар шуд, ки соҳаи боғдории ҷумҳурӣ нафақат тақозои мамлакати худамонро бо маҳсулоти аз ҷиҳати санитарию экологӣ тоза пур карда метавонад, инчуни содиркунандаи мева, бутамева ва ангур дар бозори кишварҳои дуру наздик муарифи менамояд. Лекин, истеҳсолкунандагони маҳсулоти мева, бутамева ва ангур барои ба истеҳсол намудани анвои гуногуни маҳсулоти соҳа ва расидан ба ҳадафҳои дар пешистодаи худ ба проблемаҳои ҳархеле рӯ ба рӯ мегардад. Яке аз масъалаи муҳими соҳаи боғдории кишвар -ин надоштани техникаҳои замонавӣ мебошад. Техникаҳои кишоварзӣ то ҳол истифода мешаванд, ки кайҳо боз, корношоям гардида барои истифода кардан ғайриимкон мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки барои таъмини соҳа бо техникаи наву ҳозиразамон ва навъҳои нави дарахтону растанӣ таъмин намудан, сармоягузориҳои калони пулӣ заруранд, ки танҳо бо воситаи сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ҷамъ овардан мумкин аст.[91] Барои коркарди маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, пеш аз ҳама, ташкили фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ зарур мебошад. Фароҳам овардани шароити мувофиқ барои сармоягузории самаранок асоси ҷолибияти бештари сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, барои арзёбии ҷолибияти сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ бояд равиши систематикӣ истифода шавад, ки баҳодиҳии нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии фаъолияти соҳа ва субъектҳои хоҷагидориро дар бар мегирад. Бояд гуфт, ки давлат дар бахши кишоварзӣ нақши муҳим дорад, зеро маҳз барои ҷалби сармоягузорӣ шароит фароҳам меорад.Сиёсати давлатӣ дар робита бо ҷалби сармоя ба маҷмуаи саноатию кишоварзӣ метавонад чун яке аз авомили ҷолибияти бештари сармоягузории истеҳсолкунандагони кишоварзӣ муаррифӣ шавад.Тавассути тадбирҳои ташкиливу иқтисодӣ ва воситаҳои ҳуқуқи воридшавии сармояро таъмин кардан мумкин аст. Ин дар доираи иқтисоди миллӣ барпо намудани системаи ягонаи ташкилии сармоягузориҳои хориҷӣ ба кишоварзӣ, инчунин инкишоф додани

[91] Султонов З.С. Особенности обеспечения экономической безопасности в Республике Таджикистан/ Султонов З.С., Махмудов М.А., Хасанов Р.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Тоҷир», 2020. № 1 (30), С. 202-209.

фишангхои асосии ҳифзи ҳуқуқии сармоягузориро дар кишоварзӣ дар назар дорад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, бе дастгирии давлат соҳаҳои кишоварзӣ ба нобаробарии нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба нархи маҳсулоти саноатии кишоварзӣ ва нақлиётҳову энергия сифати ғайриэквивалентӣ мегирад. Илова бар ин, дар бозори кишоварзӣ даҳҳо ва садҳо ҳазор истеҳсолкунандагони хурд бо ҳам рақобат мекунанд, номувофиқ амал мекунанд. Қабул кардани карори мутобиқшуда барои шумораи зиёди истеҳсолкунандагон нисбат ба шумораи ками корхонаҳо, ки дар ҳар як соҳа кор мекунанд, яъне нисбат ба шумораи хеле бисёри хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) хеле душвортар аст. Дар замони муосир пайваста бо рушди муносибатҳои бозорӣ ва тамоюли рушди корхонаҳои кишоварзии мамлакат вақти он расидааст, ки ба кори корхонаҳо на фақат аз рӯйи миқдори маҳсулоти бадастомада ва маблағи фоидаи умумӣ, балки аз рӯйи натиҷаи механизмҳои молиявие, ки дар соҳа такрористеҳсоли васеъро таъмин менамоянд, баҳо дода шавад. Дар ин ҷода нақши идоракунии молиявии корхона ва раванди ташаккулу истифодаи сармояи умумии он, ки такрористеҳсоли васеъро дар миқёси ин субъекти хоҷагидорӣ таъмин менамояд, меафзояд ва он ба ташаккули муҳити ҷолибияти сарморягузории хориҷи, пеш аз ҳама таъсир мерасонад. Зеро сармоягузолрони хориҷӣ бештар ба сифати менеҷмент, ки дар фаъолияти роҳбарони корхона инъикос меёбанд, аҳамияти аввалиндарҷа медиҳанд.[92]

Дар иқтисодиёти муосир ду ҳадафи ҷалби сармоягузории хориҷиро ҷудо кардан мумкин аст: нигоҳ доштани низоми мавҷудаи иқтисодӣ ё эҷоди як намуди комилан нави фаъолияти иқтисодӣ, модернизатсияи амиқ ё ҳатто. ба вучуд овардани системаи нави хочагидорӣ. Маҳз, ин равиш дар мамлакат дар робита ба модели иқтисодӣ дар маҷмуъ татбиқ карда мешавад. Арзиши захираҳои сармоявии ҷалбшуда ҳамчун фоизи маблағе, ки ба объекти муайян

[92] Раевский С.В., Третьяков А.Г. Инвестиционная активность в регионе. - М.: ЗАО «Изд-во «Экономика», 2006. –С.158 (286 с.).

гузошта шудааст, ифода карда мешавад ва ҷониби қабулкунандаи ин захираҳо бояд бояд ҳаққи пардохти  истифодаи онҳоро ба уҳда гирад.[93]

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ муайян шудаанд, ки мо аз онҳо дар ин қисмати кори илмӣ мухтасаран чунин ёдоварӣ кардем: ҷорисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ҳамбастагӣ бо навгониҳо, тараққии неруии содиротии иқтисоди миллӣ; рушди соҳибкории истеҳсолӣ,  саноати коркард, иттилоотии соҳибкорӣ, ташкил бизнес-инкубаторҳо, аз байн бурдани таъсироти барзиёди маъмурӣ, ташкили зерсохторҳои бозории  рушд, дастгирии соҳибкории хурд ва миёна, рақобат ва таъсиси институти Омбудсмен оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон, тақвият додани ҳуқуқҳои молумулкӣ ва  масоили амсоли инҳо, ки ба ҳавасманди истеҳсолкунанда( бахусус содиркунандагон) молҳои ватанӣ нигаронида шудаанд .**[94]**

Бо дастгириҳои Ҳукумати мамлакат дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 40 лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ амали гардида, маблағи азхудшуда бошад 760 млн сомониро ташкил медиҳад. Сармоягузориҳо дар рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон соли ҷорӣ нисбат ба соли гузашта 52,1 млн доллар ё 8,8 маротиб зиёд гардидааст. Сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди соҳаҳои минтақаҳои вилояти Хатлон аз ҷониби кишварҳои Ҷумҳурии мардумии Чин, Руссия, Аморати Мутаҳидаи Араб, Эрон, Қазоқистон, Люксенбург, Шветсария, Туркия, Люксенбург, Олмон, Фаронса,ва дигар кишварҳо сармоягузорӣ карда шуда аст. Аз ҳамаи кишварҳое, ки ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бештар сармоягузорӣ кардаанд ин Руссия ба ҳисоб меравад, ки 40,6 фоиз,Ҷумҳурии Мардумии Чин 35,6 фоиз,Эрон 18,5 фоиз сармоягузорӣ карда шуд. Дар шаш моҳи аввали соли 2022 41,5 млн доллар сармояи хориҷӣ аз ҷониби кишварҳои

---

[93] Квитко В.И. Методика оценки инвестиционной привлекательности сельскохозяйственных предприятий [Электронный ресурс]. Режим доступа: https:// cyberleninka. ru/article/n /metodika-otsenki-investitsionnoy-privlekatelnosti-selskohozyaystvennyh-pre[санаи муроҷиат: 13.08.2022 с].

[94] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, 2016.- С. 2.

номбурд ворид гардид,ки аз ин 39,6 млн долларо сармояи мустақими хориҷӣ ташкил дод. Барои аз ин ҳам бештар ҷалб намудани сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди соҳаҳои мухталифи вилояти Хатлон аз ҷониби мақомотҳои дахлдор роҳҳои ҳал намудани баъзе мушкилотҳои мавҷуда зарур мебошад, зеро барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ андешидан лозим меояд,зеро барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ монеа ба вуҷуд наояд. [95]

Барои инкишоф ва пешравии рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои панҷ соли оянда "Барномаи иҷтимоию иқтисодиро барои солҳои 2021-2025" қабул намуд.Дар барнома оварда шудааст,ки қисми даромади буҷети вилояти Хатлон асосан дар умум аз 15 манбаҳо ғанӣ мегардад.Манбаҳои даромади буҷети вилоятро андоз аз даромади ашхоси воқеӣ, андоз аз фоидаи ашхоси ҳуқуқӣ, ААИ, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, андоз тибқи низоми содакардашуда ва андоз аз амволи ғайриманқул ва дигар манбаҳо ташкил медиҳад. Барои рӯйпӯш кардани қисми хароҷоти буҷети вилояти Хатлон аз соли 2015 то 2019 аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ҳамчун субвенсия ба маблағи 1 957,6 млн. сомонӣ маблағгузорӣ карда шуд.

Барои нагирифтани маблағҳо аз буҷети ҷумҳуриявӣ дар шакли кӯмакҳои молиявӣ барои таъмин намудани қисмати даромади буҷети вилоят бо маблағ дар барнома дар панҷ соли оянда барои зиёд гардонидани қисми даромади буҷети вилоят чунин чораҳо аз қабили ташкили корхонаҳои саноати барои коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, ташқили корхонаҳои парандапарварӣ, ҳавзҳои моҳипарварӣ ва дар дигар соҳаҳои гуногуни вилоят дар назар аст, ки амали гардидани онҳо ба қисмати даромади буҷети вилояти Хатлон мусоидат мекунад. Дар Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят чунин ояндабинӣ гардид,ки қисмати даромади буҷети вилоят дар соли 2025 дар муқоиса ба даромади буҷети соли 2019 3074,6 млн. сомонӣ ё ба 80,0 % расонида мешавад.

---

[95] [Манбаи электронӣ]. URL: https://sputnik.tj/20230803/kishvari-khoriji-khatlon-sarmoguzori-1058618441.html [санаи муроҷиат: 19.11.2022 с].

**Ҷадвали 3.14 .- Тақсимоти маблағҳои «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025» аз рӯйи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ (млн сомонӣ)**

| Соҳаҳо | Лоиҳаҳо | Ҳамагӣ маблағ (млн. сом) | Буҷети ҷумҳурӣ | Буҷети вилоят | Буҷети маҳаллии шаҳру ноҳияҳо | Маблағҳои хусусӣ | Сармояи дохилию хориҷӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 34 | 961,8 | 31,3 | 20,9 | 56,1 | 39,3 | 814,2 |
| Саноат | 20 | 406,1 | 28,2 | 0 | 0 | 322,9 | 55,0 |
| Барқтаъминкунӣ | 47 | 862,6 | 0 | 0 | 0 | 253,3 | 609,3 |
| Хизматрасонӣ ва туризм | 12 | 24,7 | 6,0 | 0 | 0,3 | 18,4 | 0 |
| Нақлиёт ва хоҷагии роҳҳо | 74 | 2432,0 | 373,0 | 2,0 | 35,0 | 91,0 | 1931,0 |
| Алоқа | 6 | 11,5 | 5,8 | 0 | 0 | 5,7 | 0 |
| Меъморӣ ва сохтмон | 15 | 130,4 | 30,1 | 87,4 | 0 | 12,9 | |
| Ҳамагӣ, бахши таъмини рушди устувори иқтисодиёт | 208 | 4829,1 | 474,4 | 110,3 | 91,4 | 743,5 | 3409,5 |
| Маориф ва илм | 43 | 448,4 | 62,9 | 23,8 | 126,8 | 165,1 | 69,8 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 48 | 441,4 | 264,1 | 39,2 | 70,8 | 54,5 | 12,8 |
| Фарҳанг | 10 | 176,3 | 69,1 | | 26,5 | 67,6 | 13,1 |
| Варзиш ва ҷавонон | 18 | 161 | 128 | | 20,2 | 4,0 | 8,8 |
| Ҳамагӣ, бахши рушди иҷтимоиёт | 119 | 1227,1 | 524,1 | 63,0 | 244,3 | 291,2 | 104,5 |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ ва коммуналӣ | 16 | 2261,9 | 91,4 | 14,4 | 33,6 | 30,5 | 2091,6 |
| Ҳифзи муҳити зист | 7 | 17,9 | 0 | 0 | 0 | 17,9 | 0 |
| Таъмини бехатарии аҳолӣ ва ҳудудҳо аз офатҳои табиӣ ва садамаҳо | 18 | 123,6 | 18,9 | 19,8 | 2,9 | 1,0 | 81 |
| Ҳамагӣ, бахши таъмини бехатарии ҳаёт | 41 | 2403,4 | 110,3 | 34,2 | 36,5 | 49,4 | 2172,6 |
| Ҳамагӣ, арзиши умумии Барнома (млн. сом.) | 368 | 8459,2 | 1108,8 | 207,5 | 372,2 | 1084,1 | 5686,6 |

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф** дар асоси Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025

Ҳамзамон дар ин барнома 368 лоиҳа бо сармояи 8 459,2 млн. сомонӣ маблағгузорӣ шуда истодааст, ки 208 адади ин лоиҳаҳо бо сармояи 4 829,1 млн сомонӣ ба сектори воқеӣ ва 119 адад лоиҳаҳо бо сармояи 1 227,1 млн сомонӣ ба сектори иҷтимоӣ, 41 лоиҳа бо маблаги 2403,4 млн. сомонӣ ба бахши таъмини амнияти ҳаёт пешбинӣ гардидаанд.[96]

Барои таъмини дурнамои сармоягузориҳои пешрафти иқтисодии минтақа, ошкор ва пешгирӣ кардани паёмадҳои эҳтимолии фаъолияти соҳаҳои ҷудогонаи кишоварзӣ маҷмуи сармоягузориҳои бахшҳои иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлонроояндабинӣ намудан зарур аст. Дурнамосозии фаъолияти соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ одатан дар асоси усулҳои эконометрикӣ, махсусан моделҳои қаторҳои вақтӣ амалӣ карда мешаванд. Дар шароити кунунӣ ҳангоми анҷом додани дурнамосозӣ бештар усулҳои эконометрикӣ, усули экспертӣ, усулҳои индексӣ ва усули эктрополятсия истифода бурда мешаванд. Дар байни моделҳои эконометрикӣ барои дурнамосозӣ моделҳои қаторҳои вақтӣ оид ба амалӣ намудани дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ истифода бурда мешавад. Инчунин, моделҳои қатори вақтӣ аз моделҳои тренд ва мавсимӣ иборат буда, вобаста ба намуди ҷамъоварии маълумоти оморӣ (сол, квартал, моҳ) таҳия карда мешаванд.

Дар раванди таҳқиқот барои дурнамои сармоягузории соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон модели қатори вақтии трендро истифода менамоем, ки намуди умумии он чунин мебошад:

$$Y_t = f(t) + \varepsilon_t \quad (1)$$

дар инҷо, $Y$ – тағйирёбандаи натиҷавӣ, $t$ – омил (тренд, вақт), $f$ – функсия ва $\varepsilon_t$- бузургии тасодуфӣ мебошад.

Дар ҷадвали зерин маълумоти омории сармоягузорӣ ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон оварда шудаанд, ки барои таҳияи моделҳои дурнамосозӣ истифода бурда мешаванд, (Ҷадвали 3.15.)

[96] Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025 .-С.10-23.

## Ҷадвали 3. 15. -Сармоягузорӣ дар рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон (ҳазор доллари ИМА)

| Нишондиҳандаҳо | Саноат | Кишоварзӣ | Обёрикунӣ | Нақлиёт | Маориф | Тандурустӣ | Энергетика |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ишораҳо / Солҳо | С | К | О | Н | М | Т | Э |
| **2014** | 2876,9 | 1544,1 | 1466,1 | 2322,5 | 1654,0 | 1987,8 | 17344,0 |
| **2015** | 3364,7 | 2284,7 | 1574,2 | 3765,0 | 1923,3 | 2345,7 | 19222,2 |
| **2016** | 3846,9 | 3303,0 | 1687,3 | 4563,3 | 2279,3 | 3167,2 | 21356,9 |
| **2017** | 5433,7 | 3934,6 | 1896,9 | 5322,0 | 2245,0 | 3387,6 | 22400,0 |
| **2018** | 5926,8 | 4842,5 | 1867,2 | 8171,2 | 2010,9 | 2058,9 | 23147,8 |
| **2019** | 13877,1 | 3460,9 | 1932,5 | 5098,8 | 2143,5 | 2563,3 | 18875,2 |
| **2020** | 15626,2 | 3943,5 | 2340,0 | 6673,8 | 2206,4 | 2592,4 | 24453,2 |
| **2021** | 16550,6 | 6017,0 | 3185,9 | 11063,7 | 2187,1 | 3113,7 | 31819,4 |
| **2022** | 18181,5 | 5188,2 | 5567,2 | 15244,8 | 2449,7 | 5088,3 | 38349,2 |

**Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маълумоти даврии Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шудааст.

Бо мақсади таҳлили дурнамои сармоягузории соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон, бо истифода усулҳои эконометрикӣ дар заминаи маълумоти омории ҷадвали 3.15 моделҳои ҳисобии дурнамосозӣ ва тавсифҳои омории онҳо таҳия ва ҳисоб карда шуд, ки натиҷаи онҳо дар ҷадвали 3.16 оварда шудаанд.

## Ҷадвали 3.16. -Моделҳои ҳисобии дурнамои сармоягузории соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон

| Намуди ҳисобии модели тренд | Сифати модел | Хатогии стандартии модел | Эътимоднокии модел |
|---|---|---|---|
| $C_t = -1544{,}3528 + 2212{,}9683 \cdot t$ | $R^2 = 0{,}905$ | $A = 5{,}9\%$ | $DW = 1{,}45$ |
| $K_t = 1620{,}3389 + 443{,}0101 \cdot t$ | $R^2 = 0{,}850$ | $A = 3{,}8\%$ | $DW = 2{,}11$ |
| $O_t = 509{,}1028 + 518{,}3417 \cdot t$ | $R^2 = 0{,}794$ | $A = 4{,}6\%$ | $DW = 1{,}94$ |

*Идомаи ҷадвали 3.16.*

| | | | |
|---|---|---|---|
| $H_t = 2302,50 \cdot e^{0,1913 \cdot t}$ | $R^2 = 0,849$ | $A = 3,1\%$ | $DW = 1,62$ |
| $M_t = 1749,80 + 309,73 \cdot \ln(t)$ | $R^2 = 0,780$ | $A = 5,2\%$ | $DW = 1,58$ |
| $T_t = 2812,6810 - 306,4834 \cdot t + 51,8685 \cdot t^2$ | $R^2 = 0,790$ | $A = 1,3\%$ | $DW = 1,86$ |
| $T_t = 21384,7024 - 2098,3343 \cdot t + 417,3004 \cdot t^2$ | $R^2 = 0,841$ | $A = 5,0\%$ | $DW = 1,36$ |

**Сарчашма**:Таҳияи муаллиф.

Моделҳои ҳисобии дурнамосозии сармоягузории соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон, ки дар ҷадвали 3.16 оварда шудаанд, тибқи тавсифҳои оморӣ эътимоднок буда, истифода онҳо барои дурнамосозӣ бамаврид мебошанд. Бинобар ин, моделҳои таҳияшударо истифода намуда, дурнамои нишондиҳандаҳои мазкур барои солҳои 2025-2030 ҳисоб карда шуданд, (Ҷадвали 3.17.).

**Ҷадвали 3.17. - Дурнамои сармоягузории соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон барои солҳои 2025 – 2030**

| Нишондиҳандаҳо Солҳо | Саноат | Кишоварзӣ | Обёрикунӣ | Нақлиёт | Маориф | Тандурустӣ | Энергетика |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **2025** | 25011,3 | 6936,5 | 6729,2 | 22864,7 | 2519,5 | 6603,9 | 56295,9 |
| **2026** | 27224,2 | 7379,5 | 7247,5 | 27685,1 | 2544,2 | 7594,2 | 64630,1 |
| **2027** | 29437,2 | 7822,5 | 7765,9 | 33521,8 | 2567,2 | 8688,1 | 73798,9 |
| **2028** | 31650,2 | 8265,5 | 8284,2 | 40588,9 | 2588,6 | 9885,8 | 83802,3 |
| **2029** | 33863,1 | 8708,5 | 8802,6 | 49146,0 | 2608,6 | 11187,3 | 94640,3 |
| **2030** | 36076,1 | 9151,5 | 9320,9 | 59507,1 | 2627,3 | 12592,5 | 106312,8 |

**Сарчашма:**Таҳияи муаллиф.

Аз натиҷаи дурнамои сармоягузории соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон бармеояд, ки бештар аз ҳама дар соҳаи энергетика то соли 2030 талабот ба сармоягузорӣ зиёд гардида, 106312,8 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил хоҳад дод, нишондиҳандаи мазкур барои соҳаи нақлиёт 73,7%, кишоварзӣ 33,8%, объёрикунӣ 39%, маориф 6,2 %, тандурустӣ 60,8 % сармоягузорӣ афзоиш меёбад. Аз ин хотир, тавсия ва пешниҳодоти дар диссертатсия оид ба ҷалбу ҷустуҷӯи сарчашмаҳои сармоягузориҳо ва такмили механизми таъмини

сармоягузориҳои рушди иқтисоди вилояти Хатлон метавонанд дар маҷмуъ ба беҳбудии вазъият дар ин самт мусоидат намояд.

Ҳаминро бояд гуфт, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 26.12.2018 нисбати соҳибкорону сармоягузорон таъкид карданд, ки “ ... Барои таҳким бахшидан ба раванди дастгирии соҳибкорону сармоягузорон солҳои 2019-2020 дар соҳаҳои истеҳсолӣ ҳамаи санҷишҳои фаъолияти субйектҳои соҳибкорӣ манъ карда шуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субйектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ” дар ҳама мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллӣ ва мақомоти андозу гумрук татбиқ гарданд”.[97]

Ҳамчунин, дар Паёми Президенти кишвар аз 26.12.2019 низ омадааст, ки “ ...Солҳои 2013-2019 ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди ҷумҳурӣ 57,3 млрд. сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардида, наздик ба 30 млрд. сомонии онро сармояи мустақим ташкил намуд. Дар солҳои фавқуззикр амалисозии 80 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисод муяссар гардида, ба иқтисоди кишвар беш аз 13,2 млрд. сомонӣ сармояи давлатӣ ворид карда шуд. Соли 2019 66 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ гардид, ки ҷамъан ба 32,4 млрд. сомонӣ мерасад. Лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика 12 лоиҳа ба маблағи умумии 16,1 млрд сомонӣ амалӣ гардидааст. Бояд қайд намуд,ки таъминоти аҳолӣ бо оби босифати ошомиданӣ ва обёрии заминҳои кишоварзӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд 52 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми 7,8 млрд сомонӣ амалӣ гардида аст. Дар кишвар дар самти азхудкунии заминҳои нави обёришаванда, барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ва рушди соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар 12 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми қариб 2 млрд сомонӣ амали гардида аст. Соҳаи нақлиёт яке аз соҳаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, дар ин

[97] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ, аз 26 12. 2018. - Душанбе, 2018. –С.4,5,10 (26с.)

соҳа 11 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии беш аз 8,5 млрд сомонӣ амалӣ гардида аст”.[98]

Таъкид намудан бамаврид аст, ки дар пешрафти иқтисоди ҷумҳурӣ дар соли 2020 ҳаҷми ММД ба 82,5 млрд сомониро ташкил дод, ки ин аз ҳисоби 9,7 % афзоиш ёфтани МУ соҳаи саноат, 8,8% афзоиш ёфтани маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ҳаҷми 19,8 % афзоиш ёфтани содирот ба даст оварда шуд. Бо мақсади кумак ба қишрҳои осебпазири ҷомеа ва соҳибкорони ватанӣ мутобиқи Фармони Президенти мамлакат аз 5.06.2020 сабукиҳои зиёди андозиву қарзӣ ба роҳ монда шуда, имтиёзу ҷубронпулиҳо ба маблағи умумии зиёда аз 450 млн. сомонӣ сарф гардид.[99]

Ба соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ дар соли 2021 ба миқдори 5,4 млрд сомонӣ сармояи хориҷӣ, бахусус 1,3 млрд сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ворид гардид. Ҳамчунин, 70 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи қариб 40 млрд. сомонӣ барои рушди соҳаҳои мухталифи иҷтимоиву иқтисодии кишвар сармоягузорӣ гардид. Танҳо дар соли 2020 ба маблағи 10 млрд сомонӣ 29 созишномаи сармоягузории давлатӣ ба имзо расид, ки он барои беҳсозии шароити ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, хизматгузориҳои тиббӣ, бунёди иншооти соҳаи маориф, рушди деҳот, сохтмону барқарорсозии роҳҳо ва иншооти энергетикӣ нигаронида шудааст. Ҳукумати мамлакат солҳои 2013-2021 бо ширкатҳои ватаниву хориҷӣ 17 созишнома оид ба сармоягузории мустақим ба имзо расонид, ки аз ҳисоби он 15 корхонаи нави истеҳсолӣ ба маблағи беш аз 10 млрд. сомонӣ сохта шуда, 7 ҳазор нафар сокини ҷумҳурӣ соҳиби ҷойи кори доимӣ гардиданд. дар соҳаи энергетика бошад, дар давраи истиқлоли кишвар 34 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 57,2 млрд. сомонӣ сармоягузорӣ шудааст. Соли 2021 дар соҳаи нақлиёт 15 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 8 млрд. сомонӣ сармоягузорӣ шуда,то поёни сол 4 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ гардид. Бо маблағи лоиҳаҳои мазкур дар соҳаи нақлиёт дар

---

[98] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ, аз 26. 12. 2019. - Душанбе, 2019. – С .9-10 (27с).

[99] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ, аз 20 январи соли 2020. - Душанбе, 2020. – С.8-9 (26с).

минтақаҳои Душанбе - Қизилқалъаи шоҳроҳи мошингарди Душанбе - Бохтар бо харҷи 1,6 млрд. сомонӣ, Кӯлоб - Шамсиддин Шоҳин ва Шкев - Қалъаи Хуми шоҳроҳи Кӯлоб - Қалъаи Хум бо арзиши 780 млн. сомонӣ ва роҳи мошингарди Кӯлоб - Муъминобод ба маблағи қариб 250 млн. сомонӣ сохта мавриди истифода қарор дода шуд.[100]

Чунонки Президенти мамлакат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ (23.12 2022) қайд мекунад, ки тули бист соли охир ба кишвар зиёда аз 152 млрд. сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 60 млрд. сомонӣ сармояи мустақим ворид шудааст, ки беш аз 36 млрд. сомонии он фақат барои пешрафти соҳаи саноат масраф шудааст. Аз ахбори Паём бармеояд, ки то соли 2025 дар ҷумҳурӣ зиёда аз 200 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ банақшагирӣ шудааст, тибки онҳо сектори реалӣ ва зерсохтор з 82 млрд. сомонӣ сармоягузорӣ мешавад ва дар се соли баъд 6 лоиҳа ба маблағи 7,4 млрд. сомонӣ ба сомон расида, 317 км роҳи байналмилалии мошингард, 32 пул, 5 нақб бо тули 11,2 км ва 7 долон ба истифода дода хоҳад шуд.[101]

Дар раванди таҳқиқоти ин зербоби мазкур мо ба чунин хулосаҳои зерин омадем:

1) Дар ҳар як кишвар барои кам будани қисми даромадҳои буҷет ва рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ сармоягузории дохилию хориҷиро ба роҳ мемонад. Ғайр аз ин, барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ, пеш аз ҳама, бояд фазои сармоягузорӣ дар сатҳи хуб қарор дошта бошад. Фазои сармоягузорӣ ин маҷмуи шароитҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ фаҳмида мешавад. Фазои сармоягузорӣ барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ниҳоят зарур мебошад, зеро фазои хуби сармоягузорӣ як заминаи асоси барои ҷалби сармоягузорӣ баҳисоб меравад. Аммо як нуқтаи дигарро ба назар гирифт,ки дар ҷалби сармоягузории хориҷӣ хавфҳои гуногуни сармоягузорӣ бе таъсир намемонанд.

2) Ҳама кишварҳое, ки дар ҷалби сармоягузории хориҷӣ комёб гардиданд,

---

[100] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ, аз 26 01. 2021. - Душанбе, 2021. – С.5,13,15,16 (31с).
[101] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ, аз 23.12. 2022. - Душанбе, 2022. – С.7,14,15(22с).

нишон медиҳад, ки чораҳо ва тадбирҳоро оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ тавасути барномаву стратегияҳо муайян намудаанд. Ҳамчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба воситаи Стратегияи миллии рушд то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2021-2025 ва дигар барномаҳое, ки мушкилот ва роҳҳои ҳалли ҷалби сармоягузории хориҷиро ошкор месозад, қабул намудааст.Имрӯзҳо ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар ҳама қитъаҳои олам нобаробар муайян гардида аст. Масалан, ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Америкаи Лотинӣ 45 фоиз, дар Африқо 16 фоиз, қитъаи Осиё 4 фоиз муайян гардид.Воридоти ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар кишварҳои хурди ру ба инкишоф 40 фоиз ва кишварҳои бидун баромадан ба баҳр 31 фоиз коҳиш ёфтааст. Дар кишварҳои Аврупо воридоти ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ 80 фоизро ташкил дод. Дар Америкаи Шимолӣ бошад коҳишёбии воридоти ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ 42 фоизро ташкил дод. Яке аз сабабҳои асосии коҳишёбии воридоти ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар қитъаҳои олам дар соли 2020 ин паҳн гардидани бемории коронавирус ба ҳисоб меравад.

3) Бояд қайд намуд, ки ҷалби сармоя хориҷӣ ба кишвар ба мавҷудияти захираҳои табиӣ, зарфияти бозори миллӣ, қувваи кории арзон алоқаманд мебошад. Соҳаи муҳим ва фоиданок дар минтақаҳои вилояти Хатлон ин соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ барои минтақаҳои вилояти Хатлон ниҳоят зарур мебошад, зеро бисёр аз минтақаҳои вилояти Хатлон ба истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ машғул мебошанд. Аммо як нуқтаи дигаро бояд ба назар гирифт,ки дар соҳаи кишоварзӣ имрӯзҳо мушкилотҳо дар техникаи соҳаи кишоварзӣ мавҷуд мебошад, ки бартараф намудани ин мушкилотро танҳо бо воситаи ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ҳал намуд.

4) Айни ҳол яке аз омилҳои дигар, ки дар ҷалби сармоягузории хориҷӣ таъсири манфӣ мерасонад, ин дар мавқеи дур аз бозори дохилӣ қарор доштани бозорҳои ҷаҳонии истеъмолӣ мебошад, чунки содироти моли истеҳсолшуда ба хориҷи мамлакат хароҷоти зиёдеро тақозо мекунад. Таҳқиқотҳо нишон доданд,

ки дар вилояти Хатлон дар давраи таҳлил воридшавии сармоягузориҳои хориҷӣ аксаран дар соҳаҳои энергетика ва нақлиёт ба назар мерасад.

